РОҲҲОИ АФЗУНГАРДОНИИ САМАРАНОКИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Низомова Т.Д. – д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо васоҳибкории ДМТ

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медихад, ки соҳибкорииистеҳсолӣдархудбеҳтаринхусусиятҳовабартариҳоиикгисодиродармуноси батхои бозорӣ тачассум намуда, яке аз омилхои мухимтарини афзоиши суръати рушди иктисодӣ ва баланд бардоштани сатхи зиндагии ахолӣ мебошад. Сахми он дар раванди баамалбарории манфиатхои иқтисодӣ ва ганигардонии бозор бо молу хизматҳо хеле бузург аст. Соҳибкорииистеҳсолӣнисбатбадигарнамудҳоисоҳибкорӣхусусиятҳоихоссихудродора двадартаҷрибаиҷаҳонӣвасеъистифодамешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медихад, ки яке аз самтхои афзалиятнок ва ояндадори соҳибкории истеҳсолӣ ин тиҷорати хурд ва миёна мебошад. Боиси зикр аст, ки ҳиссаи корхонахои хурд ва миёна дар инкишофи иқтисодиёт ва ташаккули маҷмӯи маҳсулоти миллӣ дар мамолики мутараққӣ аз 50 то 70 фоизро ташкил менамояд. Таҳлилҳои мо нишон медиҳанд, ки ин нишондиҳанда дар ҶТ хеле паст буда, аз он шаходат медихад, ки то холо соҳибкории хурду миёна дар ташаккули иқтисоди бозорӣ мавқеи босазои худро пайдо накардааст, зеро як қатор муаммою монеаҳои иқтисодиву маъмурӣ вуҷуд доранд, ки барои ташаккул ёфтан ва мустахкам гардидани нақши соҳибкорон дар рушди устувори мамлакат мушкилиҳои муайян пеш меоранд. Аз ҷумлаи онҳо: номукаммалии низоми андозбандӣ; мавҷуд набудани василаҳои худмаблаггузорӣ (иттиҳодияҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои бимаи мутақобил ва гайра); сатҳи пасти тахассусӣ ва камтаҷрибагии кормандон дар соҳаҳои мухталифи соҳибкории имрӯза; набудани дастрасӣ ба иттилооти вобаста ба манбаъҳои қарздиҳии ватаниву хориҷӣ; монеаву душвориҳои бюрократӣ; камбуди технологияҳои пешқадам; нокифоягии сармояи ибтидоӣ; рақобати ноодилона; набудани маълумоти кофӣ дар бораи истехсолкунандагони махсулоти рақобатӣ, бозорхои истеъмолӣ ва ғайра

Аз нуқтаи назари мо, барои афзунгардонии самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ иҷрои чунин чораҳо мувофиқи мақсад аст:

- Дар истеҳсолот ҷорӣ кардани навовариҳои илмию техникӣ, истифодаи усулҳои самараноки менеҷмент ва бозорёбӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.
- Риоя кардани меъёрҳои экологӣ, санитарӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, бехатарии техникӣ ва стандартхо.
- Имкониятҳои мавҷудаи ҷумҳуриро ба назар гирифта дар асоси самаранок истифодабарии ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсол намудани молҳои рақобатпазир нисбат ба маҳсулоти воридотӣ.
- барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷониби давлат муҳайё кардани шароитхо, хусусан дар сохаи коркарди маводи кишоварзӣ.
- Бехтар намудани тайёркунии кадрхои ба иқтисодиёти бозорӣ созгор – менеҷерхо, маркетологхо, аудиторхо ва ғайра.

Ҳамин тавр, амалигардонии чораҳои дар боло номбаршуда имконият медиҳанд, ки дар раванди рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятхои нав пайдо шаванд ва корхонахои хурду миёнаи истехсолӣ дар маҷмӯи маҳсулоти миллӣ нақши босазоро доро шаванд.

САМТҲОИ АСОСИИ ИСТИФОДАБАРИИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

Норов Х.Ғ. - н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози бойигарии захираҳои об нисбатан бой аст. Чӣ хеле ки маълум аст, зиёда аз 50 %-и ҳаҷми солонаи сарчашмагирии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Тоҷикистон рост омада, ин захираҳо бо пиряхҳо, ки 8 %-и ҳудуди ҷумҳуриро фаро гирифтаанд, захираҳои калони обҳои нӯшокиро ташкил медиҳанд (дар маҷмӯъ 845 млрд. м^3).

Дар айни ҳол нодуруст истифода бурдани захираҳои об, чи дар минтақаҳои алоҳида ва чи дар сатҳи ҷаҳони боиси ба миён омадани оқибатҳои ногувори иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ гардидааст. Зимнан бо сабаби ба таври нобаробар тақсим шудани манбаъҳои об дар кураи Замин ҳоло дар қитъаи Осиё 1 млрд, дар Африко 350 млн ва дар Амрикои Лотини зиёда аз 100 млн одамон аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳар шахси сеюм аз нарасидани оби тоза азият мекашад. Истеъмоли оби ифлос сарчашмаи 3/4 ҳиссаи тамоми бемориҳо ва 1/3 ҳиссаи ҳодисаҳои фавти одамон дар сайёраи мо гардидааст.

Нобаробар тақсим шудани захираҳои обӣ дар кураи Замин, пеш аз ҳама, ба ҷойгиршавии маҳал ва омилҳои иқлимӣ сахт вобастагӣ дорад. Масалан, дар минтакаҳои иқлимаш муътадил ва экваториалӣ ба ҳар фард 35 ҳаз м^3 оби нӯшокӣ, вале дар минтақаҳои хушкӣ (биёбону нимбиёбонҳо), ки 1/3 аҳолии дунё дар марзи онҳо зиндагӣ мекунанд, ба сари ҳар фард дар 3 сол ҳамагӣ 3000 м^3 об рост меояд. Ин қисмати обро ҳам, аксаран барои обёрии заминҳо истифода мебаранд.

Дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёнаи солона 51,2 млрд м^3 об мегузарад, аз ҷумла аз дарёи Аму 50,5 млрд м^3, дарёи Сир – 0,7 млрд м^3.Аз ҳаҷми умумии оби дар қаламрави кишвар тавлидшаванда 20% -аш дар дохили мамлакат истифода шавад, 80% берун аз қаламрави мамлакат ба давлатҳои ҳамсоя меравад. Дар ҳудуди Тоҷикистон 947 дарёи дарозиашон аз дах км боло мавҷуд буда, ҳамаи онҳо кӯҳиянд. Дарозии умумии ин дарёҳо 30 ҳазор км-ро ташкил медиҳад. Дар давоми як сол аз дарёҳои Тоҷикистон 64 млрд об ҷорӣ мешавад, аз ҷумла ба воситаи дарёи Аму наздики 53 млрд. м^3.Бинобар ин, муҳофизати об ва самаранок истифодабарии он яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ба шумор меравад. Дар охир қайд бояд кард, ки ба хотири таъмини истифодабарии босуботи захираҳои об ва рушди самараноки соҳаҳои обталаби иқтисоди миллӣ, ҷорӣ намудани механизми иқтисодӣ-экологӣ ва ҷубронкунии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ хеле муҳим аст. Татбиқи чунин механизм имконият медиҳад, ки захираҳои мавҷудбудаи об оқилона истифода бурда шуда, нисбати нигоҳдории экосистемаҳои табиию обӣ чораҳои таъсирбахш андешида шаванд.

АВТОМАТОНИКУНОНИИ ҶОЙҲОИ КОРИИ МУТАХАССИСОН ДАР ИДОРАКУНИИ ИСТЕҲСОЛОТ

Раҳимов Ф.С. –н.и.и., дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ

Яке аз роҳҳои баландбардории маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳо, ин автоматикунонии тарзи идоракунии онҳо ба ҳисоб меравад. Агар солҳои пешин фаъолияти идоракунии корхона танҳо ба автоматикунонии баъзе ҷабҳаҳои ёрирасони он дахолат мекард, имрӯз бошад, технологияи компютерӣ бо суръати баланд пеш рафтааст ва дар заминаи барномаҳои навтарини системаҳои иттилоотӣ автоматикунонии ҳамаи ҷабҳаҳои идоракунии корхонаро фаро гирифтааст.

Ягонагии системаи иттилоотии идоракунии корхона аз он иборат аст, ки дар сатҳи дилхоҳи идоракунӣ маълумотҳои зарурӣ бояд дастраси ҳамаи компонентҳо бошад. Системаҳои иттилоотии идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ бояд идоракунии бахшҳои зеринро таъмин намоянд: идоракунии молиявӣ; банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолот; идоракунии раванди ҷобаҷогузории захираҳо ва тақсимоти онҳо; идоракунии фурӯши маҳсулот ва маркетинг; идоракунии раванди захиракунии маҳсулот; идоракунии лоиҳаҳо; идоракунии раванди хизматрасонӣ, сервис; идоракунии раванди таъмини сифати маҳсулот ва гайра.

Автоматикунонӣ соҳаҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама ба ҳосилнокии меҳнати коргарон таъсири мусбати худро мерасонад, ки болоравии он мувофиқан ба пастшавии нархи маҳсулот вобаста аст. Ҳамчунин, компютеркунонӣ квалификатсияи коргаронро баланд бардошта, дониши касбии мутахассисони соҳаи идоракуниро афзун менамояд. Истифодабарии технологияи иттилоотӣ дар идоракунии муассисаву корхонаҳо, онҳоро нисбат ба рақобати бозор тобовар мегардонад. Автоматикунонии имконият медиҳад, ки дар асоси бонки ягонаи маълумотҳо роҳбарон ва мутахассисон бо иттилооткунонии боэътимод, пурра ва фаврӣ таъмин карда шаванд, ки ин ба баланд гардидани самаранокии идоракунии ташкилотҳо такон медиҳад; бо ёрии оптимизатсия ва стандартизатсияи гардиши ҳуҷҷатҳо тарзи ҳуҷҷатгузорӣ беҳтар гардида, автоматикунонии равандҳои нисбатан мураккаб осон мегардад; хароҷотҳои идоракунӣ аз ҳисоби автоматикунонии раванди коркарди иттилоот кам карда мешавад; назорат аз болои хароҷотҳои молиявӣ-пулӣ боэътимод мегардад; роҳбарони звеноҳои мобайнӣ ва поёнӣ фаъолияти қисмҳои худро ба осонӣ таҳлил намуда, ба таври фаврӣ ҳисоботҳои умумӣ ва таҳлилии худро ба роҳбарони болоӣ месупоранд; самаранокии мубодилаи маълумотҳоро дар байни қисмҳо, филиалҳо ва аппарати марказӣ баланд мебардорад; бехатарии пурра ва яклухти маълумотҳоро дар ҳамаи марҳалаҳои раванди коркарди иттилоот кафолат медиҳад.

Роҳбари замонавӣ бояд дар ихтиёри худ ҳамеша микдори кифояи иттилоотро оид ба вазъи сиёсӣ-иқтисодӣ дошта бошад, ки дар мавриди зарурӣ онро самаранок ва мақсаднок истифода бурда тавонад. Барои ҳамин ҳам, калиди ҳамаи комёбиҳои ҷамъияти муосир дар он аст, ки ҳар як роҳбар аз уқёнуси беандоза калони иттилоотӣ самаранок истифода бурда, мавқеи худро дар мансаби роҳбарӣ дуруст муайян карда тавонад.

ИНТИХОБ ВА КОРКАРДИ СТРАТЕГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Рахмонов Ҷ.Р. – муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ

Дар ҷахони муосир омили асосии рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини дараҷаи баланди некуаҳволии халқ, гузариш ба роҳи инноватсионии тараққиёти соҳаҳо маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, сиёсати имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушди инноватсионии сохахои пешбари хоҷагии халкро пешбинӣ менамояд. Рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ бештар аз рушди инноватсионии корхонаҳои ватании саноатӣ вобастагӣ дорад. Устувории мавқеи инноватсионии корхонахоро бошад, асоснокии стратегияи инноватсионии интихобгардида ва коркардшуда таъмин менамояд.

Стратегияи инноватсионӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳо ва амалиётҳои бо ҳам алоқаманд мебошад, ки бо мақсади таъмини рақобатнокӣ ба коркард, азхудкунӣ, истифодабарӣ ва фурӯши навоварихо нигаронида шудааст.

Интихоб ва коркарди стратегияи инноватсионӣ ба ваколати роҳбарияти дараҷаи олии идоракунии корхонахои саноатӣ дохил мешавад. Дар ин самт роҳбарияти корхона ва мутахассисон бояд масъалаҳои муайянкунии мақсадҳои стратегии ба рушди инноватсионӣ нигаронидашуда ва баходихии имконияту захираҳои комёбшавӣ ба ин мақсадҳоро ҳал намоянд. Дар таҷрибаи фаъолияти инноватсионии корхонахо асосан се намуди стратегияхои инноватсиониро аз ҳамдигар фарқ кардан мумкин аст:

1. Стратегияи ҳуҷумӣ – хосси корхонаҳоест, ки устуворгардонӣ ва васеъсозии мавқеи бозории худро мақсади асосӣ меҳисобанд. Стратегияи ҳуҷумӣ пешбинӣ менамояд, ки корхонахо бояд вохидхои илмӣ-тадқиқотии худро дошта бошанд ва ё дар коркард, такмил ва истеҳсоли маҳсулотҳои навин бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳамкориҳои зичро ба роҳ монанд.

2. Стратегияи мудофиавӣ – хосси корхонаҳоест, ки аз мавқеи бозории худ розӣ буда мақсади асосиашон хифз ва нигохдории ҷойгохи худ дар бозор мебошад. Корхонахое, ки ин стратегияро интихоб менамоянд на хама вақт ва на ба таври куллӣ, балки давра ба давра, дар муддатхои зиёд ва ба таври ҷузъӣ махсулоташонро нав карда, такмил медиҳанд. Онҳо ба тараққиёти ояндаи инноватсионии соҳа ҳавасманд набуда, аз мавқеи доштаашон манфиатҷӯянд.

3. Стратегияи таклидӣ (имитатсионӣ) – хосси корхонаҳоест, ки дар соҳаи навоварихо пешсаф нестанд, аммо барои бомуваффакият ва ба таври фаврӣ нусхабардорӣ намудани навоварихои махсулоти ракибонашон имкониятхои кофиро сохибанд. Ин стратегияро истифода намуда, корхонахо дар назди худ мақсад мегузоранд, ки маҳсулотҳои навини дар бозор пайдошударо такмил дода, қисман нав созанд ва дар шакли навтар ба бозор пешниход намоянд.

Корхонаҳои саноатӣ дар вобастагӣ бо мақсадҳои фаъолият ва таъмини рақобатнокӣ, бояд ин ё он намуди стратегияи инноватсиониро интихоб намоянд ва дар ин раванд омилхои ҷараёни инноватсиониро низ ба хисоб гиранд.

МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗБАНДӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

Раҷабов Қ.Қ. – муаллими калони кафедраи иқтисоди миллии ДМТ

Яке аз қисматҳои ҷудонашвандаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ин бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба шумор меравад. Ислоҳот дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ тақозо мекунад, ки ҳамаи воситаҳои бозорӣ, аз ҷумла имкониятҳое, ки аз таъсисдиҳӣ ва ба кор овардани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) бармеоянд, самаранок истифода шаванд.

Яке аз омилҳои асосии рушди МОИ имтиёзҳои пешкашшаванда баҳисоб мераванд. Имтиёзҳои андозгузорӣ яке аз фишангҳои иқтисодии танзими давлатии минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошанд. Тавассути имтиёзҳои андозгузорӣ мақомоти идоракунӣ дар қаламрави минтақа ба фаъолияти иқтисодии он таъсири худро мерасонад. Имтиёзҳои андозгузорӣ интихобан ба ин ё он намуди фаъолият аз нигоҳи бартариятҳои сармоягузорӣ намудани соҳа ё субъекти хоҷагидорӣ ҷорӣ карда мешавад.

Речаи андозбандӣ дар МОИ ба сиёсати андозгузории давлат асос ёфта, дар амалияи ҷаҳонӣ се намуд реҷаро дар бар мегирад: андозгузориҳои қарзӣ, таътили андозгузорӣ, имтиёзҳои андозгузорӣ.

Андозгузориҳои қарзӣ яке аз усулҳои молиявии танзими давлатии МОИ буда, дар он ифода меёбанд, ки ҳамаи маблағҳои пулӣ, андозҳо ва маблағҳои буҷетии дар қаламрави МОИ ҷамъшуда муваққатан ба ихтиёри мақомоти идоракунии минтақа ба мухлати муайяни дар қонунгузории махсус муқарраргардида дода мешаванд. Ин маблағҳо маҳз барои тараққиёти истеҳсолот, рушди инфраструктураи ёрирасон ва соҳаи иҷтимоии минтақа истифода шуда, ин таҷриба дар ҷаҳон чун манбаи иловагии маблаггузориҳои минтақаҳои озод васеъ густариш ёфтааст. Ин маблағҳоро мақомоти идоракунии минтақа дар давоми муҳлати муайян, масалан, 4-5 сол ихтиёрдорӣ мекунад.

Таътили андозгузорӣ низ усули молиявии танзими МОИ буда, реҷае мебошад, ки субъектҳои хоҷагидории минтақаро дар муҳлати муайян аз пардохти андоз озод менамояд. Таътили андозгузорӣ метавонад ба муҳлати панҷ, даҳ ва ҳатто бист сол ҷорӣ гардад. Сухан дар бораи озод намудан аз чунин намудҳои фаъолият меравад, ки андозбандӣ мешуданд: фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ, маблағи дивидентҳо аз саҳмияҳо, андоз аз даромади соҳибкории инфиродӣ, андоз аз замин, иҷорапулии замин ва дигар амвол ва гайра.

Маълум аст, ки дар шароити бозор рақобат ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолиятро фаро гирифта, аз ҷумла дар байни минтақаҳои озоди иқтисодии ҷаҳон низ ҷой дорад. Дар бозори сармоя минтақаҳое ҷалбкунанда мешаванд, ки реҷаи имтиёзҳои пешкашшудаи онҳо аз нигоҳи манфиатҳои сармоягузорон бартарӣ дошта бошад. Ин ҷараён ба он оварда расондааст, ки дар аксари минтақаҳои озоди ҷаҳон имтиёзҳои такрибан якхела пешбарӣ мешаванд. Ҳамин тариқ низоми андозбандӣ як кисми муҳимми фаъолият барии МОИ буда, дар ҷалби соҳибкорони ватанию хориҷӣ нақши муҳим мебозад.

ИТТИЛООТИ ИҚТИСОДӢ – БАХШИ МУҲИММИ РАВАНДҲОИ ИТТИЛООТИ ИДОРАВӢ

Раҷабов Ҳ.Ҳ. – ассистенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ

Ба равандҳои гуногуни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти неъматҳои моддӣ, иттилооти идоравӣ зарур мебошад. Он ҳалли масъалаҳоро иҷро менамояд ва маълумотҳои гуногуни мазмуни иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографи дошта ва монанди инро ифода менамояд. Иттилооти идоракунӣ захираи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Он дар технологияҳои гуногуни коркарди иттилоот ҳамчун олот ва маҳсули меҳнат баромад мекунад.

Иттилооти иқтисодӣ яке аз ҷузъҳои асосии иттилооти идоравӣ ба ҳисоб меравад.

Аз нигоҳи назари идоракунӣ иттилооти иқтисодӣ ба ду қисм тақсим мешавад:

1) банақшагирӣ;

2) муҳосиба.

Иттилооти иқтисодии банакшагирӣ ин иттилоотест, ки дар оянда, пас аз иҷроиши нақшаи қабулкардашуда иҷро мешаванд. Дар корхона ҳар сол тамоми фаъолияти истеҳсолӣ ва гайриистеҳсолиро ба нақша мегиранд.Ҳар як нақшаи корхона боз ба нақшаҳои семоҳа ва нимсола ҷудо мешаванд. Барои ҳамин ҳам, дар корхонаҳо нақшаҳои якмоҳа, семоҳа, нимсола ва солона вуҷуд доранд. Ин нақшаҳо дар охири соли ҷорӣ барои соли оянда омада шуда, барои иҷрои ин шакли иттилоот корхона фаъолият менамояд.

Иттилооти муҳосиба - ин иттилоотест, ки аллакай дар корхона иҷро шудааст ва дар ин ва ё он ҳуҷҷат ба расмият дароварда шудааст.

Иттилооти муҳосиба фаъолияти ҳаматарафаи ин ва ё он объекти иқтисодиро дар бар мегирад.

Дар замони муосир равандҳои иттилоотии технологӣ бо ёрии компютерҳо ва дигар воситаҳои техникӣҷорӣмегарданд. Ҳангомидарбораикомпютеркунониидорасуханрондан,анаҳаминбахшифаъолияти идоракунӣ-раванди иттилоотии технологӣ дар назар дошта мешавад. Ҳоло дар иқтисодиёт компютерҳо дар навбати аввал барои ҳалли масъалаҳои иттилоотӣ ва иқтисодию идоравӣ истифода бурда мешаванд, инчунин бо пешравии техникаву технология пешомадҳои татбиқи компютерҳои ҳозиразамон дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣнизбаназармерасанд.

МУШКИЛОТИ ИДОРАКУНИИ ОБҲОИ БАЙНИСАРҲАДӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Саидов С.С.– н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и ДМТ

Низоми истифодабарии оқилона, самаранок ва муштараки захираҳои обӣ, махсусан обҳои байнисарҳадӣ, ҷаҳони имрӯзаро аз остонаи буҳрони соҳаи об раҳо менамояд. Аммо чуноне ки маълум аст, истифодабарии захираҳои обӣ тайи солҳои охир гайриоқилона буда, ҷаҳони имрӯзаро ба ташвиш овардааст. Чунин мушкилоти истифодабарӣ ва идоракунии захираҳои обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ, баръало ба чашм намоён мебошад. Дар Осиёи Марказӣ захираи обҳои байнисарҳадӣ нақши муҳимро доро мебошанд. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ин захираҳоро ҳамчун захираҳои умумидавлатӣ истифода менамуданд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ аз соли 1991 дар Осиёи Миёна панҷ давлати мустакил (Тоҷикистон,

Қиргизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон) ташкил ёфтаду дарёи минтақа характери байнисарҳадӣ гирифта, кишварҳо ба ду гурӯҳ: кӯҳӣ ва ҳамворӣ тақсим шуданд.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии ҚирғизистонмувофиқимавқеигеографӣдармиёнидавлатҳоиОсиёиМарказӣазҷиҳатизах ираҳоиобӣбой буда, дар саргаҳиҳавзаиобииАмударё (Тоҷикистон) васаргаҳиҳавзаиобииСирдарё (Қирғизистон) қарордоранд. ДурустистифодабариизахирахоиобҳоиОсиёиМарказиробонизомвахамчуняккисмима съалаиистифодабариибосуботисарватҳоитабиихалкарданлозимаст.

Дар масъалаи идоракунӣ ва истифодабарии захираи обҳои байнисарҳадӣ нақши ниҳодҳои байналмилалӣ низ хело назаррас мебошанд. Ниҳодҳои асосии ҳамкориҳои байналхалқӣ, дар дарёҳои ҳавзавии байнисарҳадӣ, ки доир ба захираҳои обӣ нақши худро гузоштаанд, инҳо мебошанд: *Комиссияи байналхалқии муштараки ИМА ва Канада; Комиссияи дарёи Меконг (Лаос, Ветнам, Тайланд ва Камбоҷа); Комиссияи муштараки дарёи Ҳиндустон ва Бангладеш; Комиссияи доималкунанда оиди дарёи Ҳинд (Ҳиндустон ва Покистон); Комиссияи байналхалқӣ оиди нигоҳдорӣ ҳавзаи дарёи Дунай (Австрия, Булгория, Хорватия, Ҷумҳурии Чехия, Олмон, Венгрия, Молдавия, Руминия, Словакия, Словения ва Украина) ва гайра.*

Ҳамкорӣ дар худ иқтидори бузурги ҳалли як қатор масъалаҳои баҳснопазири иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро доро мебошад. Барои идоракунии захираҳои обие, ки дар ҳудуди якчанд давлатҳо ҷойгиранд, бунёди органи якҷояамалкунандаи махсус мухим мебошад.

ИСТИФОДАБАРИИ ШАБАКАҲОИ НЕЙРОНӢ ДАР СОҲАИ МОЛИЯ ВА ТИҶОРАТ

Саидова Ш.С. - ассистенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ

Технологияҳои таҳлилӣ ва хусусан шабакаҳои нейронӣ дар соҳаи молия ва тиҷорат барои ҳалли масъалаҳои гуногун истифода мешаванд.Дар молия ва тиҷорат мутахассисони ин соха масъалахои бамиёномадаро пештар дар асоси таҷрибахои худ хал менамуданд.

Технологияи тахлилӣгуфта методҳоеро, ки дар асоси намунахои алгоритмхо ва теоремаҳои математикӣ иҷозати баҳодиҳии маълумотҳои муайянро барои аҳамияти тавсифҳо ва параметрҳои ноайён асос меёбад, меноманд. Ҳамин тавр бо ёрии технологияхои тахлилии хозиразамон системахое сохта шуда истодаанд, ки ба афзудани дурустии қабули қарорҳо ва ҳалли масъалаҳои додашуда иҷозат медиҳанд. Дар молия ва тиҷорат ба рохбарон ва мутахассисону экспертон барои пешгӯӣ ва халли масъалахои зерин, ба монанди пешбинии курби асъор, нархҳои ашёи хом,талаботи истеъмолкунандагон, даромади ташкилот,сатҳи бекорӣ ва гайраҳо кумак менамоняд.

Таҳлили зеҳнии маълумотҳо (datamining) – ин рафти дарёфти маълумотҳои «хом», яъне пештара номаълум, ночиз, таҷрибаи зарурӣ ва донишҳои дастраси лозима барои ҳалли масъалаҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон, бахусус фаъолияти молиявӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Комёбии технологияхои тахлили зехнии маълумотҳо (datamining) дар фаъолияти бонкӣ барои ҳалли муаммоҳои телекоммуникатсионӣ, таҳлили бозорӣ, биржавӣ ва гайраҳо истифода бурда мешавад.

Шабакаҳои нейронии сунъӣ – ин маҷмӯи нейронҳои байни ҳам пайваст мебошад. Ҳамчун қоида, функсияҳои ҳаракаткунандаи ҳамаи нейронҳо дар

шабакаҳо қайд карда шудаааст, яке аз даромади берунаи шабака, вале яке аз баромадгоҳҳо- баромадҳои берунаи шабака мебошад.

МАРКЕТИНГОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ РЕГИОНАЛЬНОГО РЫНКА ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ ТОВАРОВ ДЛИТЕЛЬНОГО ПОЛЬЗОВАНИЯ

Сарабекова И.З.– стар. преп. кафедры менеджмента и маркетинга ТНУ

Важным признаком товарных рынков, в том числе и рынка ТДП, является территориальный охват. Поэтому анализ рынков в каждой конкретной ситуации исследования должен проводиться в рамках внутреннего внешнего и регионального рынка. Маркетинговые исследования внутренних и внешних региональных рынков, которые носят стратегический характер их объектами являются укрупненные товарные группы, к чему можно отнести и рынок товаров длительного пользования. «При исследовании рынка наряду с региональными особенностями необходимо учитывать также состояние и выбранного рынка».

Важной задачей проведения маркетингового исследования является определение конъюнктуры и емкости рынка. Эти «показатели показывают принципиальную возможность работы на конкретном рынке, и под емкостью товарного рынка понимается возможный объем реализации товара при данном уровне и соотношении различных цен».

При проведении сложных и масштабных маркетинговых исследований целесообразно разработать концепцию исследования, дав в ней развернутое определение проблемы, путей и средств ее решения наиболее эффективным способом. На основе такой концепции можно разработать проект исследования, метод его проведения, сформулировать задачи, провести сбор, обработку и анализ информации, подготовить предложения и рекомендации.

Расширение емкости внутреннего регионального потребительского рынка ТДП в РЦТ возможно путем формирования и развития платежеспособного спроса на отечественные товары и повышения их конкурентоспособности не только во внутреннем рынке, но и за ее переделах. Кроме этого, следует учесть сегментирование данного рынка по демографическим, экономическим, социально-этническим, географическим и природно-климатическим признакам. Этого можно добиться, путем изучения покупательского спроса и конъюнктуры регионального рынка ТДП, повышение качества товаров и налаживания производства высокотехнологичных импортозаменяющих товаров в районах Центрального Таджикистана. Каждый регион Таджикистана вносит свою лепту в общий товарооборот, в первую очередь, в соответствии с количеством проживающего там населения, хотя существуют и другие немаловажные критерии (инфраструктура, уровень жизни, цен и др.).

СТАНДАРТЫ БИЗНЕС- ПЛАНА, ПРЕДЛАГАЕМЫЕ ПРОГРАММОЙ «TACIS»

Сафаров А.Х.– ассистент кафедры государственного регулирования национальной экономики ТНУ

Одной из программ, предлагаемых Европейским Союзом в целях оказания помощи странам СНГ является TACIS. Программа способствует развитию прочных экономических и политических связей как между самими странами бывшего Советского Союза, так и между Западной и Восточной Европой в целом. TACIS (Technical Assistance for the mmonwealth of Independent States) — техническаяпомощьСодружествуНезависимыхГосударств. Существует несколько стандартов бизнес планирования, например: Стандарты бизнес-планирования ЕБРР; Стандарты бизнес-планирования KPMG; Стандарты бизнес-планирования TACIS; Стандарты бизнес-планирования UNIDO

Основные разделы бизнес-плана, предлагаемые программой «TACIS»

1. Титульная страница.
2. Страница, посвященная регламентированию авторских прав на данный документ.
3. Тезисный очерк бизнес-плана: Ведение бизнеса, краткое описание продукта, Описание рыночной среды, персонал (с отдельным выделением руководящего состава), распределение денежных средств.
4. Стратегический очерк бизнеса.
5. Маркетинговые меры по продвижению продукта и анализ сбыта: изучение данных о сбыте, стратегия маркетинговых шагов.
6. Стратегия производства: планы по развертыванию производства, особенности местной инфраструктуры, тактика интеграции производства, обеспечение производственными ресурсами, требования к производственным площадям и возможные варианты размещения, требуемое производственное оборудование, его размещение и приобретение, расчет производственного плана, технический контроль, критические переменные, влияющие на процесс производства, расчет капитальных вложений, учет амортизации и расчет фондовой стоимости.
7. Система управления бизнесом: описание кадровой цепочки, процесс согласования и принятия решений, описание менеджмента с послужным списком.
8. Финансовая составляющая дела: решение различных подготовительных вопросов, сроки развертывания плана, частота периода по плановым разработкам, направления бизнеса и анализ одного из них, оценка погрешности финансовых отчетов, себестоимость продукта, расчет себестоимости продукции (или оказания услуги), система подсчета убытков и прибылей, балансовая отчетность, прогноз планируемого и возможного, финансового потока, подсчет общей прибыли и рентабельности предприятия.
9. Анализ факторов риска: риски, обусловленные техническими факторами финансовых рисков, инвестиционный анализ, анализ возможных результатов предполагаемого бизнеса на базе математической модели, кредитные и другие риски.
10. Приложения

Данный стандарт структуры бизнес-плана, разработанный в рамках программы TACIS. При написании своего бизнес-плана будет не лишним указать, что он разработан на основании данного стандарта.

БАЛАНДБАРДОРИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Сафарова С. – ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ

Дар шароити гузаштани Тоҷикистон ба иқтисоди кушоди бозорӣ, мубориза барои истеъмолгар дар бозори дохила ва беруна, бунёди истеҳсоли молҳои ҳакиқатан рақобатпазирро талаб мекунад. Ҳамаи ин нақши идоракуниро дар таъсири максаднок ба сифат баланд мекунад, ки бо ин ба рақобатпазирии маҳсулот дахл менамоянд. Тараккиёти бозор ва баландшавии талаботи он ба мол, пуркувватшавии нақши харидорон, авҷёбии нақши омилҳои илмӣ-техникӣ ва дар маҷмӯъ ҳамаи ин, маҷбур месозанд, ки шакл ва усули ҳалли муаммои рақобатпазирӣ мукаммал гардонида шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир низ, барои бештари мамлакатҳо, аз ҷумла ҶТ масъалаи муҳимми сиёсати зиддиинҳисорӣ – ҳавасмандсозии рақобати комил боқӣ мемонад. Рақобати комил дар низоми иқтисодӣ ташаккули муҳити солими рақобатнокро имконпазир мегардонад. Дар низоми бозорӣрақобатистеҳсолкунандавафурӯшандаромаҷбур месозад, ки талаботро таъмин намоянд. Зиёд шудани талаботи истеъмолкунандагон ба мол нархи онро дар бозор нисбат ба арзишаш хеле баланд мебардорад. Фоидаи дар натиҷаи он гирифташуда, моҳиятанхабарбаистеҳсолкунандамебошад, кибароиҷамъиятмикдоризиёди чунин маҳсулотзарураст. Танҳорақобатметавонад, кидаряквақтистеҳсолотровасеънамоядванархимолропастгардонад. Рақобаткорхонаҳоромаҷбурмекунад, китехнологияисамараноктариниистеҳсолотроҷорӣнамоядвадарбаробарииншароитҳо ибапешрафти техникӣ мусоидаткунандаро муҳайёсозад.

Аз рӯйинамудрақобатинархӣвағайринархӣмешавад, кидарнавбатихудҳарякионбозусулҳоигуногундоранд.

Рақобатиғайринархӣбошад, боусулҳоизеринпешбурдамешавад: баландбардоштанисифатвабоэътимодии мол, додани кафолати иловагӣ, ороиши махсуси мол, реклама.

Истеҳсолкунандагонробарақобатибайниҳамдигарӣнатанҳоҳиссифоидагирї, балкибозхавфизарардиданмаҷбурмекунад. Агар, корхонақобилиятирақобатпазирӣнадоштабошад, зарармебинад. Даршароити муайян зарарбинӣ ба муфлисшавӣ меорад, яъне ба пуррагӣ аз даст додани сармоя ва амвол бурда мерасонад. Ҳаминтавр, дарнатиҷаиқобилиятиракобатпазирӣнадоштакорхонааввалфоидаро, баьдсармояро ва сониянамволашроаздастмедиҳад:

Қайд кардан зарур аст, ки чораҳои ҳавасмандсозии рақобат ва амалисозии сиёсати зиддиинҳисорӣ дар ҶТ ба он нигаронида шудаанд, ки заминаи ҳуқуқӣ такмил дода шавад, шаклу усулҳои танзими зиддиинҳисорӣ мукаммал гардонида шаванд. Дар вобастагӣ бо ин, корхонаҳои ватанӣ бояд тавассути ҷорисозии техникаю технологияи навтарин ба истеҳсолот, татбики навовариҳои маҳсулотӣ, такмили ҷузъӣ ва куллии маҳсулот ва тагйирдиҳии сиёсати савдою нархгузорӣ фаъолияти ракобатпазирии худро устувор гардонанд, то ин ки дар соҳа ва бозор ҷойи худро аз даст надиҳанд.

МОДЕЛИ КОНСЕНСУАЛИИ БЕХАТАРИИ ИТТИЛООТ

Содиқова М.О.- н.и.и., дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ

Барои таҳлили миқдори сарчашмаҳои бисёр объектҳо ва амалиётҳо истифодабарии усулҳои моделсози қулай аст. Компанентҳои модели бехатарии иттилоот чунин аст:

-объектҳои таҳдид;

-таҳдидҳо;

-сарчашмаҳои таҳдид;

-максади таҳдид аз тарафи бадхоҳон;

-сарчашмаҳои иттилоот;

Тарзҳои нобаробар ба даст овардани иттилооти махфӣ (тарзҳои дастрас):

-равиши ҳифзи иттилоот;

-тарзҳои ҳифзи иттилоот;

-воситаҳои ҳифзи иттилоот;

-объекти таҳдид маълумот оиди таркиб, вазъ ва фаъолияти объекти ҳифз дар худ дорад.

Таҳдиди иттилоот бо бутуни махфият, пурагӣ ва дастрасӣ ифода меёбад.

Сарчашмаҳои таҳдид рақибон, ҷиноятқорон, ришвахӯрон, қисми идоракунии дастгоҳӣ шуда метавонанд.

Соҳибшавӣ ба иттилооти махфӣ аз ҳисоби фошкунии сарчашмаҳои маълумот, аз ҳисоби ихроҷи маълумот ба воситаи василахои техникӣ ва аз ҳисоби иҷозат надодан ба дастраскунии маълумоти ҳифзшуда имконпазир аст.

Сарчашмахои иттилооти махфӣ одамон, ҳуҷҷатҳо, барандагони техникии иттилоот, воситахои техникии таъминоти истеҳсолот ва фаъолияти меҳнатӣ,маҳсулот ва партовҳои истеҳсолот шуда метавонад. Равишҳои асосии ҳифзи иттилоотшуда метавонад:ҳимояи ҳуқуқи ташкили ва техникӣ- муҳандисӣ ҳамчун ифодакунандаи маҷмӯи усулҳо оиди таъмини бехатарии иттилоотӣ мебошанд.

Воситаҳои физикӣ, воситаҳои дастгоҳӣ, воситаҳои барномавӣ ва усули крептографӣ, воситаҳои ҳифзи иттилоот шуда метавонанд. Консепсияи бехатарӣ, ин ҳуҷҷати асосан ҳуқуқӣ мебошад, ки корхонаро аз таҳдиди беруна ва дохила ҳифз менамояд.

ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪСИСИ МИНТАҚАҲОИ МАХСУСИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Содиқова Ш.К. – ассистенти кафедраи иқтисоди миллии ДМТ

Дар шароити бавуҷудоии рақобати шадид миёни кишварҳои ҷаҳон баҳри ҷалби саёҳон ва умуман сармояи хориҷӣ, ба иқтисодиёти кишвар, аз имкониятҳои гуногун самаранок истифода мебаранд. Яке аз чунин роҳҳо ин таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ мебошад, ки дар аксари давлатҳо маъмул гаштааст.

Пайдошавии минтақаҳои экологию иқтисодӣ дар ҷаҳон бо тамоюли коҳиш ёфтани захираҳои табиӣ, ҷойгиршавии гайриоқилонаи истеҳсолот ифлосшавӣ ва зиёнӣ аз меъёр зиёди муҳити атроф вобастагӣ дорад. Ин минтақаҳо характери осоишгоҳӣ доранд. Минтақаҳои махсуси сайёҳӣ, фаъолияти вобаста ба туризм, истироҳат, амалиётҳои арзию молиявӣ ва хизматрасониҳои гуногунро дар бар мегирад.

Туризм дар замони муосир ба падидаи муҳимми иҷтимоию сиёсӣ мубаддал гашта, ба иқтисодиёти кишварҳои алоҳида ва умуман вазъияти умумии ҷаҳон таъсири мусбӣ мерасонад. Аз рӯйи маълумотхо дар сӣ соли охир дар ҷахон шумораи сайёҳон 3,8 маротиба зиёд шуда, даромади арзӣ аз ин соҳа 25 маротиба афзоиш ёфт. Ба соҳаи туризм наздик 6% маҷмӯи маҳсулоти миллии давлатҳои ҷаҳон, 7% ҳамаи сармоягузориҳо ва 12% хароҷотҳои истеъмолӣ рост меоянд.

Дар Тоҷикистон барои рушди туризм ва таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ имкониятхои беназир мавҷуданд. Омилхои асосии рушди соха, ки аз устувории сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии мамлакат бармеоянд, пеш аз хама мавқеи ҷугрофӣ, захираҳои табиию иқлимии кишвар, мавзеъ ва ҷойҳои тамошобобу хушманзара, дорои ёдгорихои беназири таърихӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Дар ин бобат Тоҷикистон сохиби гӯшахои нотакрори табиӣ, манзарахои кӯхӣ, обанборхо, шаршараҳо, чашмаҳои оби зулол, гармчашмаҳо, миқдори зиёди ёдгориҳои фарҳангии даврахои гуногуни таърихӣ мебошад, ки ҷолиби диққати сайёҳони кишвархои дуру наздик шуда метавонанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дараи Ромит, ноҳияи Варзоб ва ноҳияи Балҷувон минтақаҳои туристӣ эълон гардидаанд, ки ин минтақахо барои ҷалби сайёхони дохилию хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд.

САРМОЯГУЗОРИҲОИ КИШОВАРЗӢ: МУҲИМИЯТ ВА САМАРАНОКӢ

Тағоев Ҷ.Ҳ. – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и ДМТ

Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, рушди тиҷорати аграрӣ ва дар ин замина таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ, дар мархилаи кунунии пешрафти иқтисодиёти ҷахони муосир аз ҷумлаи мушкилоте мебошанд, ки аксари мамолики дунё аз он изҳори нигаронӣ мекунанд.

Дар ибтидои қарни бистум дар кураи Замин 1,6 млрд. нафар одам зиндагӣ мекарданд. Айни замон ин нишондиҳанда 4,5 маротиба афзоиш ёфта,7,223 млрд. нафарро ташкил медихад, ки 55-60% он захирахои мехнатӣ ва зиёдтар аз 3 млрд. нафар (45-50%)-ион аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъоли ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Мувофиқи омори расмӣ, шумораи бекорон ба 200 млн. нафар ва мувофиқи баҳои коршиносон ба 800 млн. нафар мерасад. Дар ин радиф 500млн. нафар дар ҷаҳон груснагӣ мекашанд ва 1млрд. нафар аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда озуқа истеъмол намекунанд.

Дар кишоварзии ҷаҳон 6,0% МУД он истеҳсол шуда, 9,2% тиҷорати ҷаҳон ба ин соха рост меояд ва 36,7% ахолии машғули кори ҷахон дар ин соха бо кор фаро гирифта шудаанд. Захираҳои замини ҷаҳон 13392 млрд га, аз ҷумла 4055 млн.га(11,2%) замини аҳамияти кишоварзидошта ташкил медиҳад, ки аз он 1,5 млрд. га замини кишт мебошад. Барои бо озуқа таъмин кардани ҳар як сокини замин 0,3 га ва зиндагӣ карданаш 0,07-0,09 га замин зарур аст. Ин дар ҳолест, ки аҳолии замин хар сол 80 млн. нафар афзоиш меёбад.

Шумораи муҳоҷирони мехнатӣ дар ҷаҳон дар соли 2000-ум 179 млн. нафар, айни замон 214 млн. нафарро ташкил медиҳад, ки 40,3% он ба давлатҳои нимкураи шимолӣ рост меояд. Мутахассисон ин нишондиҳандаро бо ин суръати афзоиш дар соли 2050 ба 405 млн. нафар пешбинӣ кардаанд. Таносуб байни аҳолии шаҳру деҳот дар ҷаҳон 51% бар 49% мебошад, яъне 3,672 млрд. аҳолии замин шаҳрнишин мебошанд, ки 35% он дар махалхои нообод, аз ҷумла 24% дар махалхои ноободи бидуни шароити аввалиндараҷаи санитарию бехдоштӣ зиндагӣ мекунанд.

Директори генералии СУО (ФАО) Ж. Диуф дар маърӯзаи худ, ки ба 50 соли вазъи иқтисодиёти кишоварзии ҷаҳон бахшида шуда буд, ин марҳилаи рушди иқтисодиёти ҷаҳонро аз нигоҳи иҷтимоӣ марҳилаи ноадолатиҳо номидааст, зеро дар он ба 20% аҳолии табақаи қашшоқи ҷаҳон ҳамагӣ 1,0 % ва ба 20 % аҳолии табақаи аҳолии сарватманди ҷаҳон 86,0% дармадҳои умумиҷаҳонӣ тааллук доштааст.

Коршиносони яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолиро дар соҳаи кишоварзӣ мебинанд. Имрӯзҳо 3,551 млрд. аҳолии кураи Замин сокинони деҳот буда, 1,3 млрд. нафар аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол дар соҳаи кишоварзӣ машгули кор аст. Дар Аврупо ва Амрикои Шимолӣ ҳиссаи аҳолии дар кишоварзӣ машгули корбуда 2-6%, дар мамолики рӯ ба тараккӣ 45-48% ва давлатҳои дараҷаи тараккиёташон паст 64-65% аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъолро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди РСС Тоҷикистон дар соли 1960 мувофиқиоморирасмӣҳамагӣ 2044,8 ҳаз.нафараҳолӣзиндагӣмекардҳолоиннишондиҳанда 8,1млн. нафарроташкилмедиҳад. Яъне,дар 52 солиохираҳолииҷумҳуриимо 6055,2 ҳаз.нафар ё 4,0 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ин муддат майдони замини кишти кишоварзии ҷумҳурӣҳамагӣ 15,4 % афзоиш ёфтааст.

Кишоварзӣ соҳаи муҳимми иқтисодиёт барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. ки муҳимияти он дар нуктаҳои зерин ифода меёбанд:

-дар соҳаи кишоварзӣ маводи озуқа барои аҳолӣ истеҳсол мешавад;

- соҳаи кишоварзӣ манбаи ашёи хом барои корхонаҳои саноатӣ мебошад;

- соҳаи кишоварзӣ аҳолиро ба шугли пурраю нопурра таъмин месозад.

-74,0% аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд;

-дар соҳаи кишоварзӣ 16,7 млрд. сомонӣ ё 21,0% МУД истеҳсол шудааст.

-дар соҳаи кишоварзӣ 65,8% аҳолии ҷумҳурӣ бо кор фаро гирифта шудаанд;

- аз 2/3 ҳиссаи корхонаҳои иқтисодиёти ҷумҳуриро корхонаҳои агросаноатӣ ташкил медиҳанд;

- кишоварзӣ ва КАС-и рушдкарда гарави таъмини амнияти озукаворӣ, истиқлолияти вокеии мамлакат ва кафолати солимии насли имрӯзу фардои ҷомеа ба шумор мераванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳимияти ин мавзӯъро дарк ва дар ин самтҳо кор бурда истодааст. Баъзе аз корбастҳои онро дар ин бахш мавриди таваҷҷуҳи хонандаи гиромиқадр қарор медиҳем, то ин ки аз иқдомоти пайгиронаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин ҷода хабардор бошад: дар давоми соли 2013 200 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд, гарчанде қисмати зиёди онҳо характери мавсимӣ ва муваққатӣ доштанд; дар соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти кишвар 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба малаги зиёда аз 550 миллион сомонӣ анҷом пазируфта, ҳамзамон 3-лоиҳаи дигари сармоягузорӣ ба маблаги наздики 510 миллион амалӣ гардида истодаанд; Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28.12.2014 таҳти №933 қабул карда шуд; дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 55,0 фоизи ҳаҷми умумии хароҷотҳоро хароҷоти хоҷагии коммуналию манзилӣ, маблаггузории музди меҳнат, нафақа, стипендия, ҷубронпулиҳо ва кӯмакпулиҳо ба аҳолӣ ташкил додааст танҳо дар соли 2013 251 муассисаи нави таълимӣ сохта ба истифода дода шуд. Ҳамчунин, дар соли 2014 барои соҳаи маориф 2517млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати соли 2013 386 млн. зиёд аст. Илова бар ин, аз суханронии Президенти кишвар дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2013 ва вазифаҳо барои соли 2014 бармеояд, ки татбиқи аксари лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои энергетика, наклиёту роҳсозӣ, кишоварзию обтаъминкунӣ ва маорифу тандурустӣ ба деҳоти мамлакат рост меояд ва ҳаҷми ин маблағҳото ба имрӯз анқариб

10 млрддолларро ташкил медиҳад, ки 82,0 % онро маблагхои буҷети давлатӣ ташкил медиҳанд. Аммо, тавре аз баҳои коршиносони ҷаҳонӣ бармеояд, натиҷаҳои бадастовардаи мо дар бахши кишоварзӣ ҳоло ҳам назаррас ва ҷавобгӯйи меъёрҳои байналхалкӣ нестанд, яъне маълум аст, ки давлат низ дар танҳоӣ бидуни ҳамкорӣ ва шарикӣ бо сектори хусусӣ ва рушди ҳамаҷонибаи соҳибкории хурду миёна дар сектори реалии иқтисодиёт, бидуни дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз уҳдаи ҳалли ин муаммо намебарояд. Вале, бо назардошти таҳким бахшидан ба ҳамкориҳои номбурда ва болоравии индекси рушди неруи инсонӣ, ҷумҳурии мо тадриҷан роҳи ҳалли мусбии мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро пайдо менамояд.

МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРАТИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Файзуллоев Б.С.–ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз падидаҳо ва мушкилоти муҳимми тамоми давлатҳо дар марҳалаҳои мухталифи рушди ҷомеаи башарӣ ҳисобида мешавад. Аммо, бо назардошти сиёсати давлатӣ, имкониятҳои маҳдуди забонию ҷугрофӣ ва гайра, низоми муҳоҷирати меҳнатӣ барои давлатҳо метавонад фарқкунанда бошад. Ҳаминро бояд махсусан қайд намуд, ки дар ҷаҳон мамлакатеро пайдо намудан муҳол аст, ки кули масъалаҳои марбути муҳоҷирати меҳнатиро комилан ҳаллу фасл намуда бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ қарор дорад, дар робита ба вазъи душвори иқтисодӣ - иҷтимоии кунунии хеш дар ҷодаи танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, бахусус муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон ба мушкилотҳое, рӯ ба рӯ шудааст, ки ҳаллу фасли онҳо саъю кӯшиши зиёдро тақозо мекунад. Ҳал намудани мушкилоти ҳиҷрати меҳнатии ҷавонон нисбатан мураккаб ҳисобида мешаванд.

Аз рӯйи баҳодиҳии мутахассисони соҳа ҳамасола ба марзи Федератсияи Русия наздики 12 - 15 миллион нафар муҳоҷирон ворид мешаванд, ки аз шумораи умумии онҳо 7%-ро муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатии мо ки ба Федератсияи Русия сафар мекунанд, инҳо шахсони синну соли қобили меҳнат мебошанд, ки аз инҳо 26,4% ҷавонони аз синни 18-29, 33,4% синну соли 30 то 39 сола ва 34,2%-ашон бошад, ин шахсони синну соли аз 40 то 49 соларо ташкил медиҳанд. Дар миёни муҳоҷирон тибқи таҳлилҳои тадқиқотӣ дар соли 2014 19% муҳоҷирони меҳнатӣ дорои маълумоти олӣ ва ё олии нопурра 28% маълумоти миёнаи махсус 34% маълумоти миёнаи умумӣ ва 19% маълумоти ибтидоӣ ва ё маълумоти миёнаи нопурра мебошанд. Асосан ҷавононе, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, дорои маълумоти миёна ва миёнаи нопурра мебошанд. Аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 57% -ашон дорои ягон касб ё ихтисос нестанд, ки қисмати зиёди онҳоро ҷавонон ташкил медиҳад ва то муҳоҷир шуданашон дар ягон ҷой кор накардаанд ва дорои таҷрибаи корӣ нестанд. Дар миёни муҳоҷирон асосан ҷавонон 21,6% ба гайр аз забони модариашон дигар забонҳоро намедонанд.

Маълум аст, ки ин падидаи иҷтимоию иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо хусусияти доимӣбуданро ба худ ихтисос додааст. Маҷмӯи мушкилоти муҳоҷирати ҷавонон дар шароити муосир инҳо ба ҳисоб мераванд:

1. Сатҳи пасти дониш ва малакаи ҷавонон.
2. Сатҳи нокифояи забондонии ҷавонон.
3. Вуҷуд надоштани кафолат ё сугуртаи тиббӣ.
4. Маҳдудияти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо (дар муносибати иҷтимоӣ байни шаҳрвандони он давлатҳо ва байни муносибатҳои корфармо) ва г.

ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИЮ МЕТОДИИ ТАШАККУЛЁБИИ КОРПОРАТСИЯҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Файзуллоева С.Ҷ. – ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхона ва соҳибкории ДМТ

Ислохоти иқтисодии Тоҷикистон ба тамоми кисматхои таркибии сохти иқтисодии ҷамъият: муносибатҳои моликиятдорӣ; сохтору механизмҳои марбути фаъолияти субъектхои хоҷагидорӣ шаклу хусусияти равобити моддӣ; накши давлат дар равандҳои иқтисодӣ ва дигар қисмату ҷузъхо дахл намуд. Чунин дигаргуниҳо, ки сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро ба куллӣ тагйир медиҳанд, барои ҳар давлат беасар гузашта наметавонанд

Яке аз роҳҳои муҳимтарини паси сар кардани омилҳои манфии ислоҳот ташаккули корпоратсияхо – сохторхои илмӣ, истехсолӣ, молиявие мебошад, ки метавонанд болоравӣ ва рушди иқтисодро дар шароити бозор таъмин намоянд. Тавре тачрибаи ҷахонӣ нишон медихад, ба туфайли сатхи баланди мутамарказонии истехсолот ва сармоя, корпоратсияхо асоси рушди илмию техникиро гузошта, механизми беҳтарини ба ҳам овардани манфиатҳои ҳамаи ширкаткунандагони раавнди истехсолию тиҷоратиро ба миён оварда, дараҷаву сифати идоракунии иқтисодиётро дар сатҳи байнисоҳавӣ ва минтақавӣ баланд мекунанд. Корпоратизатсия ҷанбаҳои зиёд дорад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми он раванди ташкилию хамгироӣ мебошад.

Барои иқтисодиёти Тоҷикистон рушди корпоратсияхо дар сохахои асосии иқтисоди кишвар – бахши пахтакорӣ ва истехсоли алюминийи аввалия, ахамияти махсус дорад. Ҳамчунин, корпоратизатсия метавонад ба саноати озуқаворӣ ва сабук дахл дошта бошад. Аммо, амалияи фаъолияти корпоратсияҳои мавҷуда гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар ҳоли ҳозир бартариятҳои имконпазири онҳо ба пуррагӣ зоҳир намешаванд.

Умуман, механизми ташаккулёбӣ ва фаъолияти корпортасияхо ба қадри кофӣ таҳия карда нашудааст, бинобар ин, ҳамкории дохили корпоратсияҳо барои пурра расидан ба хадафхои фаъолияти муштарак имкон намедиханд. Корпоратсияхо, чун қоида, иттиходияхои ҷамъиятхои саххомӣ – ширкатхои холдингӣ, консернхо, гурӯххои молиявӣ-саноатӣ мебошанд, яъне мафхуми корпоратсия аз ҷамъияти саҳҳомӣ ба маротиб васеътар аст.

Корпоратсия метавонад хамчун иттиходияи сармояхое, ки ба низоми ягонаи сармояи корпоративӣ, ё ҳамчун ташкилоти мураккаби инъикоскунандаи иттиҳоди воҳидҳои одии иқтисодӣ баромад намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки корпоратсияҳои саноатӣ маҳсулоти худро на танҳо истеҳсол, балки фурӯхта ҳам метавонанд, имкон доранд хизматҳои тиҷоратӣ, миёнаравӣ, мушовирӣ, инжинирингӣ ва дигар хизматхоро расонанд. Масалан, дар соҳаи истихроҷ, ки дар Тоҷикистон қадамҳои нахустини мустақил мегузорад, онҳо метавонанд корҳои геологию иктишофӣ, пармакунии чоҳҳо гузаронанд, марказҳои илмию тадқиқотӣ ва машваратдиҳӣ ташкил кунанд. Сохторҳои корпоративии истехсолӣ бояд дар хамкорӣ бо сохторхои молиявӣ сохторхои молиявию саноатии ояндаро поягузорӣ намоянд.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РЕСТРУКТУРИЗАЦИИ ПРЕДПРИЯТИЙ ГОРНОРУДНОЙ И ГОРНОДОБЫВАЮЩЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Фаррухзода С.– аспирант кафедры экономики предприятия и предпринимательства ТНУ

Согдийская область-наиболее промышленно развитый регион Республики Таджикистан. Единственный отдаленный от центра регион страны, в котором функционируют сотни малых и крупных промышленных предприятий. Промышленный сектор Согдийской области, в основном состоит из добывающей и обрабатывающей промышленности, включает в себя такие отрасли, как: горнорудная и горнодобывающая промышленность, энергетика, легкая промышленность, металлургия, машиностроение и строительство. В структуре промышленного сектора Согдийской области преобладающий объем, более 67% производства приходится на обрабатывающую промышленность. В области функционируют предприятия по добыче и переработке золота, серебра, урана, цинка, ртути, сурьмы и многих других видов цветных металлов.

В структуре промышленности региона важное место занимают горнорудная и горнодобывающая промышленность. В выявленных, разведенных недрах области отрабатываются или готовятся к освоению более 214 месторождений. Крупнейшими предприятиями этих отраслей являются: СП «Зарафшон», Адрасманский горно-обогатительный комбинат, производственное объединение «Востокредмет», СП«Апрелевка», «Заря Востока» и т.д.

Несмотря на то, что вопреки кризисному состоянию экономики страны все крупные предприятия данной отрасли частично или в полном объеме функционируют, но существует острая необходимость в их реструктуризации. Так как горнодобывающая промышленность Таджикистана имеет хорошую минерально-сырьевую базу, объем которой достаточен, чтобы обеспечить развитие отрасли на длительную перспективу.

Следует отметить, что реструктуризация горнодобывающих предприятий является составной частью реформирования экономики региона. Общая логика и принципиальные направления реструктуризации задаются общеэкономическими требованиями к структурной перестройке различных секторов национальной экономики. Для этого необходимо разработать программу реструктуризации горнодобывающей отрасли региона, которая отражает специфические условия и задачи развития этих отраслей в регионе. Разработку этих документов осуществляют совместно органы государственной власти на республиканском и региональном уровнях, а также собственники и менеджера предприятий.

На наш взгляд, для решения проблемы реструктуризации угледобывающих предприятий необходимо, в первую очередь, привлечение инвестиций. Это позволит решить проблему недостаточности инвестиций и осуществить программу развития угледобывающей отрасли.

Таким образом, реструктуризация и техническое перевооружение предприятий горнодобывающей и горнорудной промышленности Согдийской области позволяет наращивать объем производства и создать новые рабочие места.

ИННОВАЦИОННЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ РАЗВИТИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ

Фаррухи Р. – к.э.н., доцент кафедры экономики предприятия и предпринимательства ТНУ

В современных условиях основополагающим факторами развития промышленных предприятий являются инновации, которые могут решать все проблемы экономического развития, обеспечение роста производства качественной продукции, снижение издержек производства. Таким образом, для обеспечения устойчивого развития внешнеэкономической деятельности предприятий значительную роль играет инновационный потенциал, формирование которого происходит на предприятиях, являющихся самостоятельными участниками внешнеэкономической деятельности. Именно от реализации инновационного потенциала предприятия зависит его успех на внешнем рынке и поступление валютной выручки за проданную продукцию.

Развитие внешнеэкономической деятельности в значительной степени зависит от инновационной деятельности предприятий. Так как без разработки и внедрения инновационной продукции отечественные предприятия не смогут быть конкурентоспособными на мировом рынке. Отечественным предприятиям сложно повышать уровень инновационной активности без развития сфер внешнеэкономических отношений, сотрудничества с другими участниками мирового товарообмена. Как показывает опыт развитых стран именно экспортоориентированные предприятия выступают основным интегратором материальных, финансовых и кадровых ресурсов разного уровня, становятся основными потребителями изобретений и нововведений малых инновационных предприятий, основными инициаторами прогрессивных структурных сдвигов в экономике.

Инновационная деятельность экспортоориентированных предприятий должна быть основана на четком и взвешенном анализе факторов среды, своих ресурсных и производственных возможностей, на прогнозе состояния инновационных превращений в связи с будущими возможными изменениями среды. Поэтому к инновационной деятельности необходим аналитически прогнозный подход с выделением факторов внешней и внутренней среды.

Для того чтобы эффективно реализовывать внешнеэкономическую деятельность, необходимо иметь четкий план действий, стратегию развития внешнеэкономических отношений на основе развития инноваций и рационального использования имеющихся возможностей.

В РТ разработаны и реализуются целый ряд законодательных и государственных программ, такие как Стратегия развития внешнеэкономической деятельности РТ, Закон РТ «Об инновационной деятельности», Программа инновационного развития РТ, а также ряд программных документов, направленных на стимулирование инновационного развития экономики. Поэтому для развития внешнеэкономической деятельности на предприятиях необходимо правильно оценить инновационный потенциал предприятия и определить направление инновационной деятельности.

ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ САРМОЯИ ИНСОНӢДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ҳодиев Д.А. – н.и.и., мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ

Дар шароити муосир рушду инкишофи ширкатҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ аз сатҳу сифат ва дараҷаи асарбахшии истифодабарии сармояи инсонӣ вобастагии зич дорад. Сармояи инсонӣ ба сифати омили муҳимтарини пешбурди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ таъриф карда мешавад, ки метавонад созмон ё ширкатҳоро бо неруи созандаву халлоқи худ ба ҳадафҳои гузошташуда дастёб гардонад. Дар доираи баҳси сармояи инсонӣ мавқеи муҳимро баҳси рақобатпазирии он ба худ ихтисос медихад. Рақобатпазирии сармояи инсонӣ – ин қобилияти бартаричӯйии ӯ дар замон ба макони муайян нисбат ба дигар ширкаткунандагони бозори меҳнат аст, ки ба соҳиби сармояи инсонӣ имкон медиҳад сармояи худро бо нархи баландтар бифурӯшад. Маҳз ҳамин қобилияти сармояи инсонӣ аст, ки онро бар рақибонаш бартарӣ медиҳад ва бозтавлиди онро таъмин менамояд.

где μ -заданное постоянное число, $\mathrm{L} = \sum_{i=1}^{n} \frac{\partial^3}{\partial x_i^3}$, $i = \overline{1,n}$.

Достаточно подробная библиография по этой теме имеется в работах и монографиях [1-2].

В [3] для некоторых уравнений высших порядков с сингулярными линиями получены интегральные представления многообразия решений и формулы обращения, а также исследованы основные краевые задачи.

В [4-5] для одного уравнения четвёртого порядка получено представление решений в виде рядов, а также исследованы граничные задачи типов Коши-Дирихле.

В настоящей статье используем схему, разработанную в [4-5].

Решение уравнения (1) будем искать в виде

$$U(x_i, y) = y^{\alpha} \sum_{k=0}^{\infty} U_k(x_i) y^k, \qquad (2)$$

где $U_k(x_i)$ бесконечно дифференцируемые ограниченные функции.

Теорема. Любое решение уравнения (1) из класса $A_{\alpha}(\Pi_a)$, соответственно при $\alpha=0$, $\mu \ne -(4k-2); \alpha = 1, \mu \ne -(4k-1); \alpha = 2-\mu, \mu \ne -(4k+1)(4k+2), k = 1,2,\ldots,$ представимо соответственно в виде:

$$U_1^{\pm}(x_i, y) = f_1(x_i) + \sum_{k=1}^{\infty} A_k(\mu) L^{(k)}(f_1(x_i)) y^{3k}, \quad (3)$$

$$U_2^{\pm}(x_i, y) = y\left[f_2(x_i) + \sum_{k=1}^{\infty} B_k(\mu) L^{(k)}(f_2(x_i)) y^{3k} \right], \quad (4)$$

$$U_3^{\pm}(x_i, y) = y^{2-\mu}\left[f_3(x_i) + \sum_{k=1}^{\infty} C_k(\mu) L^{(k)}(f_3(x_i)) y^{3k} \right], \quad (5)$$

где $f_i(x)$ бесконечно дифференцируемые ограниченные функции и таковы, что $\left| f_k^{(n)}(x_i) \right| \le C_k, k = 1,2,3, n = 0,1,2,....$

Литература:

1. Бицадзе А.В. Некоторые классы уравнений в частных производных.– М.: Наука. 1981.-448 с.
2. Смирнов М.М. Вырождающиеся эллиптические и гиперболические уравнения. – М.: Наука. 1966. – 292 с.

ХУСУСИЯТИ ҲИСОБДОРӢ ДАР ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО (GAAP)

Акрамова Ҳ.А. – н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ

Принсипҳои умуми қабулкардашудаи баҳисобгирии бухгалтерӣ(GAAP) системаи баҳисобгирии бухгалтерии миллии ИМА мебошад.

Коркардабароии системаи принсипҳои ба ҳисобгирии бухгалтерӣ дар ИМА аз ҷониби ташкилоти касбии бухгалтерӣ амалӣ намуда мешавад.

Дар ИМА ташкилоти асосие, ки ба коркардабароии принсипҳои умуми қабулкардашуда сару кор дорад ин Институти бухгалтерони ҷамъиятии соҳибдиплом. Комитети стандартҳои ба ҳисобгирии молиявӣ мебошад. Институти бухгалтерони ҷамъиятии соҳибдиплом ташкилоти касбӣ буда, соли 1938 ташкил карда шудааст. Ин ташкилот дар коркардабароии стандартҳои миллии ИМА нақши муҳимро мебозад. Дар ҳайати ин ташкилот комитетҳои махсус аз рӯйи принсипҳои асосии ба ҳисобгирӣ фаъолият менамоянд.

Масалан, Комитет аз рӯйи қоидаҳои ба ҳисобгирӣ, комитет оид ба мафҳумҳо, комитет оид ба принсипҳои баҳисобгирӣ ва гайра. Ташкилоти дигаре, ки бо коркардабароии стандартҳои ИМА сарукор дорад, ин Комитети стандартҳои ба ҳисобгирии молиявӣ мебошад. Ин ташкилот бо коркардабароии стандартҳои ба ҳисобгирии бухгалтерӣ ва такмилдиҳии гузоришоти амалкунандаи ба ҳисобгирӣ сарукор дорад. Ташкилоти мазкур ҳуҷҷатҳои зеринро кор карда баромадааст:

1. Дастурамал оиди гояҳои ба ҳисобгирии молиявӣ.
2. Дастурамал оиди стандартҳои ба ҳисобгирии молиявӣ ва гайра.

Дар айни ҳол аз ҷониби ин ташкилот зиёда аз 100 дастурамал пешниҳод шудааст. Комиссияи қогазҳои қиматнок ва биржа оҷонсии давлатие мебошад, ки ҳангоми коркардабароии стандартҳои миллӣ иштирок менамояд. Комиссияи мазкур ҳаҷм ва мундариҷаи маълумоти молиявиро, ки бояд ширкатҳое, ки саҳмияҳои онҳо дар биржа хариду фурӯш мешаванд, муайян менамояд. Комиссияи мазкур ҳангоми коркардабароии стандартҳо аз ҷониби кумитаи стандарти ба ҳисобгирии молиявӣ талаботҳои худро нашр менамояд.

Ҳамин тариқ, ба ҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии дар давлати Амрико амалкунанда ба модели ба ҳисобгирии британӣ – амрикоӣ тааллуқ дошта, аз тарафи давлат баҳисобгирӣ танзим карда намешавад.

Адабиёт

1. Бархатов А.П. Международный учёт: Учеб. пособие. для студ. вузов / Бархатов А.П.– М.: Изд. Книготорг. центр Маркетинг, 2001. – 320с.
2. Галузина С.М. Международный учёт и аудит. Учеб. пособие. для студ. вузов / Галузина С.М., Пушшис Т.Ф. Питер, 2006. – 272 с.

ПРЕВЕНТИВНЫЕ МЕТОДЫ ОЦЕНКИ РАЗВИТИЯ И ПОВЫШЕНИЯ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТИ РЫНКА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ

Табаров О.С.–к.э.н., доцент кафедры экономической кибернетикиТНУ

Особенностью рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан является то, что его основными субъектами являются государственные учреждения в сфере образования. Частные субъекты, сформированные в последние годы, более успешно завоевывают ниши рынка образовательных услуг. В целях повышения привлекательности рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан необходимо проводить превентивную (предупреждающую) экономическую политику для предотвращения трех основных угроз:

- рынок образовательных услуг в Республике Таджикистан в региональном аспекте (между областями) является неравномерно развитым;
- угрозой экономической безопасности на рынке образовательных услуг выступает низкая заработная плата учителей и преподавателей, а также низкий уровень финансирования из государственного бюджета;
- относительно высокий уровень бедности в стране снижает покупательную способность населения относительно потребления образовательных услуг.

Областные деления (в данном случае можно использовать термин регионы) Республики Таджикистан различаются между собой по ряду параметров и в том числе по привлекательности приложения усилий по развитию образовательного бизнеса. Учитывая обострение конкуренции на рынке образовательных услуг, возникает задача освоения новых рынков, и поэтому становится актуальной проблема оценки такой привлекательности, являющейся одним из элементов маркетинга образовательных услуг и механизма формирования инновационных стратегий. На данном этапе возникла необходимость разработки методики определения рейтинга областей по развитию и привлекательности рынка образования. Ниже рассмотрена комплексная методика рейтинговой оценки привлекательности областей страны.

Центральным моментом этой методики являются показатели, на основе которых производится рейтинговая оценка. Могут быть рекомендованы следующие показатели:

– индекс образовательной открытости региона;
– индекс Херфиндаля на рынке образовательных услуг;
– коэффициент концентрации населения региона;
– коэффициент соотношения среднегодовых доходов населения и затрат по видам образовательных услуг;
– индекс приоритетного расходования средств на образование;
– индекс опережения экономического роста региона;
– доля населения в возрасте до 35 лет в общей численности населения.

Литература
1. Панкрухин А.П. Маркетинг подготовки специалистов в высшей школе. -М.: 1992.
2. Табаров О.С. Экономическая безопасность рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан: теоретическое и методологическое обоснование/Материалы IV–й международной научно-практической конференции: «Перспективы развития науки и образования» 20-22 мая 2010 года.- Душанбе: 2010. -С. 265-268.

ТАҲЛИЛИ ПАРДОХТҲОИ ЛИЗИНГӢ

Ғафоров Ф.Ф. – ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДМТ

Мақсади лизинғи молиявӣ ин пеш аз хама ба даст овардани манфиатхои иқтисодӣ ҳам аз ҷониби лизингдиҳанда ва ҳам аз ҷониби лизинггиранда мебошад.

Ба ҳисобгирии пардохтҳои лизингиро дар мисоли ҶСП «Лизингфайненс» дида мебароем.

Мувофиқи шартнома арзиши предмети лизингӣ 9 440 доллар (бо ҳисоби ААИ) ё 8000 доллар бе ААИ, муҳлати лизинг 18 моҳ, огози шартнома январи 2010, анҷоми шартнома июни 2012, меъёри пешпардохт 30% аз маблаги предмети лизингӣ, фоизи қарздиҳӣ 30%, маблаги қарз 8000 долларро ташкил медиҳад.

Ҷадвали №1.

Таҳлили таркиби пардохтҳои лизингӣ

Давра (сол)	Маблағи бақиявӣ	Пардохти арзиш	Маблаги ААИ 18%	Фоизи қарз (подош) 30%	Ҳамагӣ пардохти лизингӣ
	Пешпардохт	2 400	432		
2011	6 608	3 733,33	672	1 180,41	5 585,74
2012	2202,67	1 866,67	336	165,15	2 367,82
Ҷамъ	0	8 000	1 440	1 345,56	10 785,56

Адабиёт
1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», аз 22-04-2003.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012
3. Международные стандарты финансовой отчетности. – Инфра-М, 2002.

ТАҲЛИЛИАРЗИШИАСЛИИМАҲСУЛОТИРАСТАНИПАРВАРӢВАЧОРВОДОРӢВАОМИЛҲОИБАОНҲОТАЪСИРРАСОН

ШоймардоновҲ.Қ. – ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДМТ

Тахлили арзиши аслии махсулоти растанипарварӣ ва чорводориро дар хоҷагихои дехқонӣ шуъбаи банакшагирӣ мегузаронад. Дар охири сол пас аз ҷамъбаст намудани фаъолияти хоҷагӣ, иҷроиши ҳосилнокии захираҳои хоҷагии дехқонӣ муайян карда мешаванд.

Асоси таҳлили арзиши аслии соҳаи растанипарварӣ, ин муайян кардани иҷрои нақшаи арзиши аслии махсулоти умумии сохава муайянкунии пастравӣ ва ё баландравии арзиши аслии махсулот мебошад.

Таҳлили арзиши аслии маҳсулоти чорводорӣ мураккаб мебошад. Ба арзиши аслии маҳсулоти чорводорӣ чунин омилҳо метавонанд таъсиррасонанд: саршумории чорводорӣ ва зиёдшавии вазн, наслгирӣ ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда.

Таҳлили арзиши аслии маҳсулот бо чунин усул гузаронида мешавад: дар асоси пайдарҳам гузаштан аз қисмҳо, бо усулҳо пайдарҳам таҳлил кардани ҳар як моддаи харочотҳо новобаста ба якдигар гузаронида мешаванд.Ин усул ба муайян кардани харочоти хочагӣ, гурӯҳи хочагиҳо ва калкулятсия гузаронида мешаванд. Дар усули дуюм бошад, нишондиҳандаҳои умумии арзиши аслии маҳсулот дида баромада мешавад. Тагйирёбии харочоти истеҳсолӣ ба арзиши аслии маҳсулоти шир таъсири калон расонидааст.

Адабиёт

1. Садков В., Попова О. Методы и механизмы государственного регулирования агропромышленного производства // Общество и экономика. 2004, №3.
2. Белкина Е.Н. Продовольственный рынок региона: управление устойчивым развитием: Монография / Е.С. Пожидаева, Е.Н. Белкина. – Ставрополь: Ставропольсервисшкола, 2003.
3. Статистический ежегодник Республики Таджикистан - 2014. - Душанбе: изд. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – 2014г.

ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНА

Набиев Б. – ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДМТ

Доираи иқтисоди беруна яке аз соҳаҳои таракқиёбандаи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Солҳои охир корхонаҳои зиёди ватанӣ иштирокчиёни муносибатҳои тиҷорати беруна шуданд. Шумораи ширкатҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ зиёд шудааст, ҷалби иқтисоди ҷумҳуриявӣ ба таҳсимоти байналхалқии меҳнат ба амал меояд. Тавре ки таҷриба нишон медихад, бо рушди муносибатҳои иқтисодии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи коркард ва ташкилдиҳии системаи таҳлили фаъолияти корхонаҳо боз ҳам муҳимтар мешавад.

Таҳлили иқтисодӣ тадқиқи фаъолияти иқтисоди беруниро чи аз рӯйи маҷмӯи тамоми амалиётҳои хоҷагидории дар он иҷрошаванда ва чи аз рӯйи таркиби гуногуни он имконият медиҳад. Таҳлили иқтисодӣ фаъолияти иқтисоди беруна ва проблемаҳои асосии ин соҳаро нишон медиҳад: омӯзиши проблемаи асосии масъалаҳоро (вазифахоро) имконият медиҳад:

1. Ҳолат ва рушди хоҷагии умумиҷаҳонӣ ва иқтисоди минтақаи мамлакатҳои гуногун, иқтисодиёти нохияҳои маъмурии алоҳидаи мамлакати гуногун, соҳа ва зерсоҳаи хоҷагии халқ бо мақсади баҳодиҳии сохти бозор ва интихоби қарорҳои иқтисоди беруна;

2. Фаъолияти хоҷагидории корхонаро ба мақсади баҳодиҳии иқтидори иқтисодии берунаи он ва қобилияти рақобатпазирӣ дар бозори беруна.

3. Шартҳои созишномаи иқтисоди беруна, роҳи иҷроиши онҳо ва натиҷаҳои ҳақиқии фурӯш.

Базаи маълумотии таҳлили иқтисодӣ, асосан, маълумотҳои таҳлили маркетингӣ, бизнес - нақша, ба ҳисобгирии муҳосибӣ, молиявӣ, идоракунӣ , андоз ва ҳисобот мебошад.

Адабиёт

1. Чернов В.А. Управленческий анализ и анализ коммерческой деятельности/Под ред. проф. М.И. Баканова.-М.: Финансы и статистика, 2001,-320с

ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ ДИНАМИКАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ҶТ

Одинаев Ф. - ассистенти кафедраи омори ДМТ

Мувофиқимаълумотҳоиморӣшумораиқуввaҳоикорӣ (аҳолиимашгуликорвабекорони ба таври расмӣ бақайдгирифташуда) аз рӯйибаҳоипешакӣ дар моҳи феврали соли 2014-ум 2247,6 ҳазорнафарроташкилдод, ки аз ҷумлаионҳо 2193,0 ҳазорнафар (97,6 фоиз) дар соҳаҳоииқтисодиётмашгуландва 54,6 ҳазорнафар ба таври расмӣмақомибекоррогирифтаанд, ки 2,4 фоизишумораиқуввaҳоикориротташкилмедиҳанд. Дар охири моҳи феврали соли 2014 дар Хадамотишуглиаҳолӣ 79,4 ҳазорнафаркорталаб дар қайдбуд, кинисбат ба ҳаминдавраи соли 2013-ум 3,7 фоизванисбат ба моҳи январи соли 2014 – ум 1,9 фоиззиёдшудааст. Дар моҳи феврали соли 2014-ум 6,3 ҳазорнафармуроҷиаткунандаҳобароитаъминикор дар қайди Хадамотишуглиаҳолӣгузошташудабуданд, (нисбат ба ҳаминдавраи соли 2013-ум 9,7 фоизкаммебошад) 2,2 ҳазорнафарбекоронбокортаъмин карда шудаанд (35,7 фоизи дар қайдгузошташудаимуроҷиаткунандаҳобароитаъминикор), кинисбат ба ҳаминдавраи соли гузашта 19,2 фоизкамшудааст.Шумораиҷойҳои холии кор, кикорхонаҳо ба Хадамотишуглиаҳолӣ дар охиримоҳи феврали соли 2014 пешниҳодкардаанд, нисбат ба ҳаминдавраи соли 2013 – 19,6 фоизкамшуда, 10,0 ҳазорҷойроташкилдоданд, аз рӯйикасбҳоикоргарӣ 18,5 фоизкамшуда, 4,9 ҳазорҷойроташкилдод (49,3 фоизиҷойҳои холии корӣ). Нисбатбамоҳи январи соли 2014 шумораиҷойҳои холи кори муроҷӣаткунанда 5,9 фоиззиёдшудааст. Сарборӣба як ҷойи холи кори арзшуда 8,0 нафарроташкилдод (дар моҳи феврали соли 2013-ум 6,2 нафарбуд).

Дар асосимаълумотҳоиомориидодашудадурнамоишумораиаҳолиимашғулробароисолҳои 2015 то 2025 дидамебароем.

Пешгӯйинамоии шумораи аҳолии машғул барои солҳои 2013-2024



(хазорнафар)Расми 1.

Адабиёт

1. ОморисолонаиҶумҳурииТоҷикистонсолҳои 2002-2014.

2. ҚодировШодибегШарифович, Мирзоев Сайалӣ Сайвалиевич. Назарияи умумии омор (дастуритаълимӣ) - Душанбе,2009.

3. Маҷмӯаи оморӣ Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли2014сол.

4. www.stat.tj – сайти расмии Агентии омор.

ТАМОЮЛИ ТАГЙИРЁБИИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОНҲО БО ДИГАР РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ- ИҚТИСОДӢ

Аҳмадов Ф.М.– ассистенти кафедраи омори ДМТ

Равандҳои демографӣ ҳодисаҳои мураккаб буда, ҳисоби дурусти онҳо ва ба пуррагӣ идора намудани онҳо аз имкон берун аст, чунки новобаста аз шароит ва муҳит тағйирёбанда мебошанд. Дар ҳолати истифодабарии усулҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва тарбиявию- психологӣ, ки дар шуури аҳолӣ моҳияти вазъияти демографиро ҷой намудаанд, майли аҳолӣ дар бунёди оилаи солим, таваллуд, риояи фосила байни таввалуд, теъдоди фарзандон дар оила ва дигар мафҳумхои демографӣ меафзояд.

Чуноне ки дар боло қайд намудем, афзоиши табиии аҳолӣ боиси бо суръат тағйирёбии шумораи аҳолӣ гардидааст. Афзоиши табии аҳолӣ дар соли 2013 177700 нафарро ташкил намуд. Гарчанде ки нисбати соли 2010 28800 нафар кам аст, лекин нисбати дигар солхои базавӣ зиёд мебошад. Дарачаи баланди ин нишондиханда дар соли 2010 ба қайд гирифта шуд, ки андозаи он 206462 нафарро ташкил карда буд. Дар давоми 22 сол (1990-2011) афзоиши миёнаи табиии аҳолӣ 190576 нафарро ташкил мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳолати бо чунин суръат рушд ёфтани шумораи аҳолӣ, албатта, талаботхо ба сарватхои табиӣ меафзоянд ва дар натиҷаи истифодабарии онхо мухити атроф ифлос шуда, зарар мебинад ва дигар равандхои иҷтимоӣ - иқтисодӣ низ, тағйир меёбанд. Мақсад низ аз ҳамин иборат аст, ки оё мо метавонем равандҳои демографии кишварамонро дар оянда ба муҳити атроф, маконе, ки шиддати зиёдеро бар дӯш мебардорад, мувофиқ сохта, табиати зебою нотакрорро то абад зинда нигох дорем. Дар рафти тахлили минбаъдаи ин мавзӯъ алоқамандии равандҳои демографиро бо дигар равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ошкор хохем намуд.

Адабиёт

1. Тоҷикистон дар рақамҳои соли 2012.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014.
3. Современные тенденции воспроизводства населения и его перспективы 2012г.
4. Проблемы демографии Республики Таджикистан 2006г.

БАХШИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

НАҚШИ ПИРОНСОЛОН ДАР ТАШАККУЛИ ОИЛАИ СОЛИМ

Давлатов М.– муаллими калони кафедраи психологияи ДМТ

Тадқиқоти иҷтимоию психологӣ нишон медиханд, ки инсоният дар шароити имрӯзаи тараққиёти ҷомеа шумораи аз ҳама зиёди пиронсолонро дар қиёс бо асрҳои гузашта дар бар гирифтааст. Мувофиқи маълумотҳои СММ, соли 1950 дар ҷаҳон 214 миллион одамони аз 60 - сола боло ба қайд гирифта шуда буданд ва ин рақам соли 2000 –ум ба 590 миллион расид. Ин шумора соли 2015 метавонад ба 1100 миллион расад. Яъне, шумораи одамони пиронсол дар тӯли ин солҳо 5 маротиба ва аҳолии ҷаҳон бошад, 3 маротиба меафзояд. Аз ин лиҳоз, олимони соҳа ба хулоса омаданд, ки раванди «пиршавӣ»-и ҷомеа ба амал омада истодааст» (Альперович В. Социальная геронтология. Пожилым и молодим о старости и старении.- Ростов –на – Дону, 1997.-С. 10).

Бояд қайд кард, ки дар кишвари тозаистиқлоли мо вазъияти нисбатан душвори иқтисодӣ, маҳдудияти ҷойҳои кор мушоҳида мешавад, сатҳи ҳаёти оилавӣ низ беҳбудӣ мехоҳад ва ин ҳама ба тарзи ҳаёти пиронсолон дар оилаи тоҷик, бешубҳа, бетаъсир намемонад.

Бинобар ин, омӯзиши психологии пиронсолон, ҳолати рӯҳӣ ва нақши онҳо дар ташаккули оилаи солим ва шахсияти насли наврас аз масъалаҳои муҳим низ махсуб меёбад. Тадқиқотхои ба раванди «пиршавӣ» -и психологии одамон бахшидашуда давраи 55-56 – солагиро ҳамчун буҳрони синнусолӣ муайян намудаанд. Дар ин давра статуси иҷтимоӣ ва мавқеи ботинии инсон нисбат ба ҳаёти худ дигар мешавад. Бояд дар назар дошт, ки ин бухрон ҷанбаи манфӣ ва хам мусбиро дорост. Ҷанбаи манфии бухрон дар он ифода меёбад, ки шуури инсон ва психикаи ӯ дорои сохтори бенизом буда, тагйирёбӣ дар ин ё он функсияҳои психологӣ бошад, аз ҷониби функсияҳои дигари психологӣ ҷуброн карда мешавад. Худи бухрон ифодагари он аст, ки шахс дар шароити тагйирёбии имкониятхои психофизиологии организм, саломатӣ ва г. ба тагйирёбии тарзи зиндагӣ ва муайян кардани мавқеаш нисбат ба ҳаёт омода аст. Пас, ба нафақа баромадан танҳо шаклан ин тагйиротҳоро қонунӣ ва зуҳуроти онҳоро ногузир мегардонад, зеро «мустақилона ва бо ихтиёри худ ба нафақа баромадан, ин қарори хамеша фарди рушдёфта мебошад» (Психологияи зрелости и старения // Эжеквартальньй научно – практический журнал.-М., 1998. Зима- 4.-С.56).

Ба ҷиҳатҳои манфии буҳрон дохил мешаванд: тагйирёбии тарзи зиндагӣ, аздастдиҳии алоқаю робитаҳои зиёди иҷтимоӣ, бад шудани саломатӣ, паст шудани дараҷаи иддао ва г.

Ҳамаи ин ҷиҳатҳои зикршуда метавонанд ба системаи муносибатҳои оилавӣ ва ҷоришавии онхо таъсири амиқ бахшанд ва онро, пеш аз хама, дар муошрати байнишахсии дохилиоилавӣ метавон мушоҳида кард. Ин буҳрони муносибатҳои дохилиоилавӣ то ба дараҷае мерасанд, ки пиронсолони хонавода дар оила бемакон шуда, манзилашон «Хонаи пиронсолон» мегардад. Мутаассифона, имрӯзҳо аксарияти пиронсолони барҷомондае, ки дар «Хонахои пиронсолон» зери химояи давлат қарор доранд, сохиби фарзанд ва хонаву дар мебошанд, аммо сарпарастии онхоро фарзандону пайвандони худи онхо ба зимма нагирифтаанд. Аз ин хотир, фарзандон бояд барои пиронсолон дар оила ҷойи осуда фарохам оварданд, то ки бобою бибӣ имкони дӯстдорӣ кардани набераҳои худро дошта бошанд. Осоишу фараҳмандии оила ба меҳру садоқати афроди оила нисбат ба ҳамдигар вобаста аст.

Падару модарон пайваста меҳру шафқат нишон медиҳанд, кӯдакон бошанд ҳар чӣ бештар кӯшиш менамоянд, ки уҳдадориҳои худашонро ба ҷо оварда, бо риояи иззату эҳтиром онҳоро хушҳол намоянд. Набояд фаромӯш кард, ки эҳтиромгузорӣ ба пиронсолон ҳамчун меъёри умумиинсонии ахлоқӣ дониста шудааст ва бе он ҳамкорӣ ва ҳамҳиссию ҳамдардӣ зоҳир намудан байни одамони синнусолашон гуногун гайримкон аст.

Инсон дар натиҷаи машқкуниҳо ба иҷрои бештари корҳо одат мекунад. Кӯдак бояд даҳҳо маротиба бо чашми худ бубинад, ки чӣ гуна калонсолон эҳтиром карда мешаванд ва танҳо дар он ҳолат ин хислат дар табиати ӯ ҷо мегирад ва таъсири худро нишон медиҳад. Агар ин ҳамаро бо чашм худ надида, аз ин хусус танҳо насиҳату маслиҳат шунавад, натиҷаи матлуб дер ҳосил мешавад ва, ҳатто, баъзан ҳеҷ натиҷае ба даст намеояд.

Бинобар ин, ҳузури доимии пиронсолон дар оила худ омили муҳимми ташаккули шахсияти фарзандон аст. Яъне, волидайн бояд нақшҳои иҷтимоии фарзандириро дар муносибат ба волидайни худ иҷро кунанд, то ки хурдсолони хонавода ин таҷрибаро бевосита мушоҳида карда, аз худ кунанд ва минбаъд нисбат ба волидайни худ онро дар амал татбиқ намоянд.

Пас, ба хулоса омадан мумкин аст, ки пиронсолон на танҳо воситаи муҳимми ташаккули шахсияти бевоситаи фарзандони худ, балки дигар аъзоёни хонавода низ ба шумор мераванд ва аз ин лиҳоз, худ ва дигаронро нашояд аз ин мактаби бузурги таҷрибаи иҷтимоию психологӣ, ки ба ташаккули оилаи солим мусоидат менамояд, маҳрум сохт.

АЛОҚАМАНДИИ ТИПҲОИ ИДРОК БО ЗИНАҲОИ ИНКИШОФИ ТАФАККУР

Шаҳнозаи С.–ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Равандҳои маърифатӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини илми психология ба шумор рафта, бевосита бо системаи асаб алоқаманданд. Солҳои охир омӯзиши системаи асаб, махсусан магзи сар, яке аз масъалаҳои умдатарин ба шумор рафта, дар худ якчанд соҳаҳоро (идрок, тафаккур, ҳиссиёт ва г.) пайваст менамояд, ки дар он гуногунрангӣ ва мушкилиҳои организми инсон таҷассум мегарданд. Ҳамин, тариқ олимоне, ки ба омӯзиши магзи сар машгуланд, кӯшиш менамоянд алоқамандии онро бо протсессҳои маърифатӣ муайян намоянд. Доир ба протсессҳои идрок ва тафаккур тадқиқотҳои зиёд гузаронида шудаанд, лекин алоқамандии типҳои идрок бо зинаҳои инкишофи тафаккур бошад, ҳанӯз ба таври мушаххас омӯхта нашудааст. Омӯзиши психологии мо маҳз ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Идрок аз як ҷиҳат – ин шакли маҳдудшудаи тафаккур ба шумор меравад. Идрок образҳоро ба вуҷуд меорад, тафаккур бошад, ин образҳоро ба шакл дароварда, онҳоро ҷамъбаст менамояд. Идрок – ин инъикоси образҳои яклухти предмету ҳодисаҳо мебошад. Тафаккур дар навбати худ, хусусияти таълим гирифтан ва ҳал намудани масъалаҳоро таҷассум карда, аз доираи ҳиссӣ берун мебарояд ва соҳаи маърифатиро васеъ мегардонад.

Агар идрок раванди лаҳзаина ва гузаранда (дидам, шунидам, ҳис намудам, ба хотир овардам – образ ба даст оварда шуд), тафаккур бошад, ин раванде мебошад, ки аз рӯйи давомот вақти нисбатан дарозро талаб мекунад (дидам, шунидам, ҳис намудам, ба хотир овардам – образ пайдо шуд – фикр кардам – мафҳум (ё моҳият) ба даст оварда шуд). Тавассути узви биноӣ мо мебинем – чизеро мебинем – манзара ё образе ҳосил карда мешавад ва туфайли тафаккур мо фикр мекунем, мефаҳмем ва фаҳмишҳоро ба даст меорем.

Ба ҳамаи одамон зуҳуроти умумии психикӣ хос аст, ки туфайли он инъикоси қонуниятҳои асосии олами воқеӣ, ба амал меояд. Протсессҳои маърифатӣ дар алоқамандӣ бо якдигар баромад мекунанд, аз ҷумла дар тафаккур образхое, ки аз тарафи идрок ба даст оварда мешаванд, зимни онҳо хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ бароварда мешаванд.

Ҳар яки мо дар протсесси идрок хусусиятҳои инфиродии худро зоҳир менамоем, ки дар заминаи онҳо зинаҳои инкишофи тафаккур зоҳир мегардад. Маҳз ба кадом типи идрок тааллуқ доштани инсонро муайян намуда, метавон зинахои инкишофи тафаккурро ошкор сохт. Хусусиятҳои инфиродӣ ба идроки ҳар як инсон ва инчунин инъикос тобиши махсуси инфиродӣ мебахшад, ки дорои типхои алохидаи худ мебошад: тахлилӣ ва таркибӣ, шарҳдиханда ва тасвирӣ, объективӣ ва субъективӣ. Дар баробари ин, тафаккур низ дорои зинахои инкишофи худ мебошад: эмперикӣ ва назариявӣ. Тафаккури назариявӣ дар навбати худ, боз ба се зинаи асосӣ ҷудо мешавад: аналитикӣ, рефлексивӣ ва банақшагирӣ. Ин зинахои тафаккур вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои инфиродии шахс инкишоф ёфта, ба дараҷаи баландтарини худ мерасад.

Агар ба таври умум тахлил намоем, он гох алоқамандии ин ду механизми психикӣ бештар дар он зохир мегардад, ки як протсесс бавуҷудоварандаи протсесси дигар аст. Образҳои ҳиссӣ барои тафаккур ба сифати маводи аввалиндараҷа хизмат намуда, инкишофи ин равандҳои психикӣ дар фаъолияти ҳаётии ҳар фарди ҷомеа нақши халкунандаро мебозад.

ИНКИШОФИ ТАФАККУР ДАР СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ

Табаров Х.М. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Тафаккур яке аз протсессҳои муҳимми маърифатӣ ба шумор рафта, инкишофи он ба ташаккули шахсият таъсири калон мерасонад. Он дар психология ҳамчун протсесси олӣ ва бавоситаи маърифатӣ баҳо дода мешавад, ки аломат, моҳият, хусусият ва алоқамандии байни ашёву ҳодисаҳои олами иҳотакардаро дар майнаи сар инъикос мекунад.

Инкишофи тафаккури шахсро дар раванди таълим ба рох монда, муваффақиятҳои калонро дар ташаккули шахсият ба даст овардан мумкин аст.

Синни хурди мактабӣ хонандагони синфҳои 1 ва 4-ро дар бар мегирад. Аз рӯйи таснифоти психологӣ ба ин зинаи синнусолӣ кӯдакони 7-10 сола рост меояд. Ин давра дар адабиёти психологӣ ҳамчун «давраи гузариш» ва давраи мутобиқшавӣ ба мухити нав ба қалам дода мешавад. Дар ин синнусол аллакай, дар мактаббачаи хурдсол тафаккури амалӣ-предметӣ ва аёнӣ-образӣ вуҷуд дорад. Дар синни 9-10 солагӣ бошад, тафаккури калимагӣ-мантиқӣ ба вуҷуд меояд.

Мо имрӯзҳо мебинем, ки дар раванди таълим дар мактабҳои миёна чун анъана ба донишандӯзии хонандагон, яъне ба қобилиятҳои хотиравии онҳо аҳамият медиҳанду халос, лекин ба масъалаи тафаккур ва роҳҳои инкишофи он камтар таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Дар мактабҳои миёна дар баробари додани маълумоти умумӣ бояд ба ташаккул ва роххои инкишофи тафаккури хонандагон диққати махсус дода шавад. Дар раванди таълими мактабӣ устодон бояд бештар аз усулҳои проблемагузорӣ ва ҳалли супоришҳои мантиқӣ истифода баранд. Чунки ин усул хонандаро ба фикр кардан водор менамояд, ки ин ба рушди тафаккури хонанда мусоидат мекунад.

Дар заминаи омӯзиши инкишофи тафаккури хонандагон, имконияти ташкили таълими тафриқавиро ба даст овардан мумкин аст, ки яке аз усулҳои нав ва

прогрессивии таълим мебошад. Дар баробари ин, зинаҳои инкишофи тафаккурро муайян карда истода, мо метавонем ба самаранокӣ ва сифати раванди таълим баҳои объективӣ бидиҳем, зеро мақсади асосии раванди таълимро бояд ба даст овардани инкишофи қобилияти фикрии хонандагон ва дар ин замина омода намудани онҳо ба ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳаётӣ ташкил диҳад.

Умуман, методҳои ташхиси инкишофи тафаккурро ҳамчун меъёри баҳодиҳӣ ба маҳсули раванди таълим метавон истифода бурд. Дар чараёни таълим ба ҳисоб гирифтани дараҷаи инкишофи тафаккури хонандагон барои ташкили фаъолияти таълимии ӯ ёрӣ мерасонад. Дар аввал, дар мобайн ва дар охири соли хониш дараҷаи инкишофи тафаккури хонандаҳоро муайян намуда, дар бораи самаранокии методу усули таълим маълумот ба даст овардан мумкин аст. Дар асоси нишондодҳо ва зинаи инкишофи тафаккури хонандагон ояндаи онҳоро тасаввур намуда, мутахассисони баландихтисосро тарбия намудан мумкин мебошад.

Ҳамин тавр, ташаккул додани тафаккури хонанда яке аз вазифаҳои муҳимми таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Барои ин, пеш аз ҳама бояд моҳияти таълим дар зеҳни омӯзгорон аз намуди «хотирмеҳварӣ» ба намуди «тафаккурмеҳварӣ» табдил дода шавад. Яъне, омӯзгорон бояд ҳангоми пешниҳоди маводи таълимӣ, санҷиши азхудкунии фанҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон ва санҷиши самаранокии усули таълим, на ба қобилиятҳои хотиравии онҳо, балки ба дарку фаҳмиш ва қобилиятҳои ақлии хонандагон эътибор диҳанд.

ПОНЯТИЕ «ОДАРЁННОСТЬ» В ВОЗЗРЕНИЯХ РУССКИХ ФИЛОСОФОВ

ХамраеваН.М. – ассистент кафедры психологии философского факультета ТНУ

Психологические взгляды вообще и точка зрения по вопросу способностей, одарённости в частности, проявляющиеся в произведениях русских писателей, философов XV в., формировались под влиянием античных стихийно-материалистических представлений.

В первом произведении, содержащим вопросы психологии, «Нила Сорского предание и устав», выдвинута психологическая проблема способностей, проявляется признание их природных детерминант. Максим Грек, русский писатель XV1 в. призывает не удовлетворяться данными от природы умственными качествами, а развивать их собственными усилиями, в конкретной человеческой деятельности.

В древнерусском сборнике «Измарагд» даётся высокая оценка уму – «царь всего тела и самой души». Учёные Киево-Могилянской академии (XV11 в.), уже преподававшие психологию, отмечали, что только человеку свойственны интеллект и разумная воля. Интеллект определяется Кроковским как «потенция, которой мы познаём, что составляет сущность (essentia) того или иного предмета». Учёные того времени признавали, что во время интеллектуального познания существенных связей между объектами, когда интеллект абстрагирует сходные признаки от несходных, этот процесс происходит благодаря «активности самого познающего субъекта». Признавая природные детерминанты развития способностей, В.Н. Татищев считает, что силы ума необходимо также развивать в процессе обучения, «чрез науки и искусство». По мнению Соколова, в русской философии и психологии « …такое подчёркивание принципа единства обучения и развития появляются впервые». Антиох Кантемир, первый в XV111 в. русский светский автор, писавший по вопросам психологии, считает, что для обретения внутреннего покоя, счастья, необходимы интеллектуальные способности: подумать, дать отчёт, а также личностные, волевые: «вооружить твёрдыми намерениями».

М.В. Ломоносов, А. Н. Радищев, Н.Г. Чернышевский, Н.А. Добролюбов, В.Г. Белинский, А. И. Герцен признавали как природные, так и средовые детерминанты способностей, одарённости, таланта, гениальности. Так, например, А. Н. Радищев отмечал: «… признавая силу воспитания, мы силу природы не отъемлем».

Представители русской физиологической школы (И. Е. Дядьковский, И. М. Сеченов, И. П. Павлов, А. М. Филомафитский, Д. С. Аничков, А. М. Брянцев, Ф. Керестури и др.) пытались решить эту же проблему. И. М. Сеченов подходит к разрешению противоречия между философским и естественнонаучным объяснением предмета способностей (наблюдавшимся в русской науке) на природу способностей через идею «психофизической организации».

Для русской науки начала XX века были характерны следующие специфические тенденции анализа проблемы способностей: выраженная материалистическая тенденция в рассмотрении предмета способностей; стремление привнести в анализ способностей принцип развития (в рамках конкретной педагогической практики); активизация нейрофизиологического анализа способностей с элементами онтологического рассмотрения; углубление изучения проблемы в аспекте «индивидуальных особенностей».

ЁРИИ ПАЛЛИАТИВӢ: ТАҶРИБАИ КОР БО БЕМОРОНИ САРАТОНИ СИНА

Юнусова Н.М.–д.и.п., дотсенти кафедраи психологияи ДМТ

Мафҳуми «паллиатив» аз калимаи лотинии «pallium», яъне «ниқоб», «чодир», гирифта шудааст, ки моҳияти ёрии паллиативиро зуҳуротҳои бемории табобатнашавандаро пӯшондан ё ин ки бо чодар онҳоеро пӯшондан, ки «дар сардӣ ва бе ёрӣ» мондаанд,ташкил медиҳанд.

Мувофиқи таснифоти ташкилоти умумиҷаҳонӣ оиди тандурустӣ, ёрии паллиативӣ (ЁП) нигоҳубини фаъоли бемороне мебошад, ки бемории онҳо табобатнашаванда буда, ба қонеъгардондани талаботҳои ҷисмонию маънавӣ ва психологию иҷтимоии онҳо, равона шудааст.

Мақсади ЁП аз ташкил намудани сифати беҳтари ҳаёт барои бемор ва оилаи ӯ иборат аст.

ЁП ҳаётро тасдиқ менамояд: фавтидан ҳамчун протсесси табиӣ фаҳмида мешавад; наздикшавии маргро на дур менамояду, на метезонад; беморро аз дарду азоб озод менамояд; ба бемор системаи дастгириҳоро таъмин менамояд; ба оилаҳо кумакҳоро мавриди бемории наздиконашон ва фавти онҳо, пешниҳод менамояд.

Яке аз принсипҳои ёрии паллиативӣ –дарки марг ҳамчун протсесси табиӣ мебошад.

Ҷанбаҳои психологии ЁП: муошират; барои бемор таъмин намудани имконияти ифода намудани мушкилотҳои худ; таъмини ҳаёти эҷодкорона барои бемор дар шароити нави бавуҷудомада.

Дар доираи ҳамкории кафедраи психологияи ДМТ бо Маркази ҷумҳуриявии саратоншиносии назди ВТ ҶТ ба 20 нафар беморони ин Марказ (дар ҳуҷраҳои паллиативӣ) ёрии паллиативӣ расонида шуд, яъне ба онҳое ки бемориашон табобатнашаванда буда, дар дами марг қарор доштанд. Азбаски дар фаъолияти кормандони ин муассиса хасташавии баланд дида мешавад, барои духтурон (зиёда аз 50 нафар) ва ҳамшираҳои шафқат(70 нафар) семинар-тренингҳо дар мавзӯи «Пешгирии стресс ва хасташавӣ» гузаронида шуд. Инчунин, барои модарон ва хешутаборон ва кормандони шӯъбаи бачагона машваратҳои психологӣ ва суҳбатҳои клиникӣ гузаронида шуд.

Ин лоиха муайян намуд, ки таҷрибаи расондани ёрии паллиативӣ ба беморони дорои бемориҳои табобатнашаванда ва оилаҳои онҳо, ниҳоят муҳим мебошад ва омодагии махсуси худи мутахассисро талаб менамояд.

Хамкории мо бо Маркази саратоншиносии Тоҷикистон дар ҷанбаи расонидани ёрии психологӣ ба беморони саратон, таҷрибаи аввалин мебошад. Ин таҷриба дар навбати аввал барои тайёр намудани психологҳои клиникӣ мусоидат менамояд.

ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИСЛОМИ СИЁСӢ

Расулов С.Х. -н.и.с., мудири кафедраи психологияи ДМТ

Дар байни ҳамаи динҳои ҷаҳон ислом дини сулҳпарвартару иҷтимоитар аст, зеро дар он тафриқаандозӣ ба динию дунявӣ дида намешавад ва умуман тафриқаандозӣ, ки сабаби бисёре аз ҷангу ҷидолҳо аст, маҳкум карда мешавад. Қонунҳои шариат тамоми муносибаҳои иҷтимоиро танзим мекунанд ва ҳаёти инсон аз рӯзи тавлид то марг регламет кунонида мешавад. Шояд маҳз ҳамин хусусияташ бошад, ки истифодабарии эътиқоди динии пайравони ислом барои расидан ба мақсаду манфиатхои худ аз ҷониби гурӯххои гуногун фаъолона истифода мешавад.

Дар тӯли таърихи мавҷудияти дини ислом борҳо кӯшиши сиёсикунонии ислом мушоҳида мешавад. Таърих гувоҳ аст, ки маҳз ҳамин падида, яъне ба сиёсикунонӣ бештар гаравиш доштани пайравони ислом зери таъсири идеологияҳои таҳмилӣ се маротиба миллати тоҷикро дар пешорӯйи нобудшавӣ қарор дод.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар як қатор ҷумҳуриҳое, ки аксарияти аҳолиашонро мусулмонон ташкил медиҳанд, ҷараёни сиёсикунонии ислом авҷ гирифт. Агар дар баъзе ҷумҳуриҳо ин боиси ташаккулёбии гурӯҳҳои ифтротгаро ва террористӣ шуда бошад, дар Тоҷикистон мардумро ба доми ҷанги шахрвандӣ кашид. Баъзе аз ташкилотхои байналхалқӣ хатто баъд аз барқарор кардани сулх дар Тоҷикистон ҳам, кӯшиш намуданд, ки гӯё бо далелҳои тавассути тадқиқоти илмӣ исботшуда зарурати динӣ (исломӣ) будани режими давлатдориро дар Тоҷикистон исбот намоянд. Ин тахмилгарони идеологӣ, ки таррохони метологиашон хороҷиён буданду истифодабарандагони ин методология як гурӯх рӯхониён ва зиёиёни таассубӣ, аз услхои психологии боваркунонӣ истифода мебурданд.

Яке аз далелҳои пешниҳоднамудани онҳо ин буд, ки дар Тоҷикистон зиёда аз 90%-и аҳолӣ мусулмонанд ва бо ин далел Тоҷикистон бояд давлати исломӣ бошад. Аммо нафаре аз мубаллигони ин андеша намегуфт, ки аксари ахолии Тоҷикистон тарафдори кадом исломанд: исломи сиёсӣ, ки ҳадафаш ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ асту бо номҳои «фундаментализми исломӣ» ва «исломи радикалӣ» низ ишора мешавад ва ё исломи мардумӣ, ки асоси онро таҳаммулпазирӣ ташкил медиҳад.

Тибқи шартҳои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизби сиёсии динӣ – Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон расман иҷозат дода шуд. Мухаққиқи машхур А. Малашенко тарафдорони ин хизбро «исломгароёни мутамаддин» номидааст. Албатта, ҳадафи ин ҳизб ҳам ҳамчун ҳизби сиёсӣ ба даст овардани ҳокимият аст. Аммо шеваи кори он то ҷое фарқ дорад ва аз усулхои гуногуни психологии таъсиррасонӣ истифода мебарад. Дар фарқият аз дигар ҳизбҳо пешвоёни ин ҳизб барои ба даст овардани ҳокимият таҳаммули бештар доранд, зеро вазифаи аввалиндараҷаи онҳо омода кардани мардум ба пазируфтани давлати исломӣ аст. Онҳо дар равандҳои демократӣ иштирок карда, нишон додани мешаванд, ки ба арзишҳои демократӣ ва озодии виҷдон эҳтиром доранд. Ин танҳо як

усули хуби ба вуҷуд овардани иллюзия дар мардум аст, зеро бо дарёфти фурсати муносиб бо роҳҳои ба онҳо хос кӯшиши ба даст овардани ҳокимиятро хоҳанд кард ва таҷрибаи ҷаҳонӣ инро борҳо исбот намудааст, ки ин роҳ истифодаи силоҳу зӯроварӣ аст.

Умуман, ислом ин на танҳо дин, балки тарзи ҳаёт аст, ки ошкоро ё пинҳон дар худ фаъолияти сиёсиро таҷассум мекунад. Ин аст силоҳи асосии аҷнабиёне, ки кишвари азизи моро ором ва мардуми онро осуда дидан намехоҳанд ва дини моро ба мукобили мо истифода мебаранд.

ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЕ ЗАКРЕПЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ФУНКЦИИ ТРУДОВОГО ПРАВА

Бобокалонов Г.М. – к.ю.н., доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права ТНУ

Эффективность трудового права определяется не только организационными, технологическими, экономическими факторами, но и социальными изменениями в сфере труда, имеющими в настоящее время глобальный характер не только в Таджикистане, но и в мире в целом. Эти изменения вызвали появление новых видов труда и новых форм его организации, новых видов занятости и социально-трудовых отношений. Все перечисленные обстоятельства обусловили необходимость нового этапа реформирования трудового права.

С обретением независимости Республики Таджикистан и в условиях перехода от одной государственно-правовой системы и социально-экономических отношений к другой и формирования правового государства с рыночными механизмами, повышение роли трудовых отношений и трудового законодательства, обусловлена заинтересованностью государства и общества.

В связи с этим в период рыночной экономики исследование социальной функции трудового права является весьма актуальной проблемой, так как направлена на совершенствование средств правового воздействия на трудовые отношения, составляющие предмет самостоятельной отрасли права, в том числе трудового права.

В настоящее время правовое регулирование социальной функции трудового права имеет особую важность в связи с изменениями в методологии и технологии регулирования социально-трудовых отношений, а вслед за ними роли и значения различных средств правового регулирования, используемых органами правотворчества и правоприменения в сфере социально-трудовых отношений. Это проявляется в том, что, с одной стороны, уменьшается объём использования средств публично-государственного регулирования этих отношений, а, с другой стороны, расширяется доля частноправовых средств, с помощью которых осуществляется регулирование и саморегулирование данных отношений.

Трудовое право как таковое, является, по существу, правом социальных гарантий в области воспроизводства материальных благ и услуг для физических лиц, для которых желаемым является получение стабильного дохода для улучшения своего семейного благосостояния и профессиональных перспектив.

Однако, в практике сложились различия особенностей трудовых отношений в зависимости от цели работника (так как трудовое право прежде всего есть правовая гарантия этой стороны трудового отношения, а в конечном итоге, правильной, или надлежащей организации управления производственно-корпоративным трудом), так, «при удаленной работе можно практически забыть про должностной и профессиональный рост по карьерной лестнице. Хотя никто и не отменял частные случаи и исключения, согласитесь, что сложно в удаленном режиме из работника среднего звена перерасти в директора отдела».

С другой стороны, в современных условиях перехода на безналичные расчеты и развития средств коммуникаций и наступления века информационно-интеллектуальных и производственных технологий, наличия возможностей

комфортных бытовых условий в отдаленных местах проживания в сельской и горной местности и т.д., а также в мегаполисах, когда расходы и время, а также силы и морально-психологические факторы требуют их сбережения, популярной становятся удаленная работа за компьютером и посредством в последние десятилетия все более модернизирующихся средств коммуникаций и их новинок как многофункциональные ноутбуки (лэптопы или портативные компьютеры), айпады (планшеты), смартфоны и айпады и т.д., особенно женщинам-домохозяйкам, учащейся молодежи, нуждающимся в подработках и по профессиям в сферах творчества и интеллектуального труда, формы и виды удаленной работы на основании трудовых договоров являются немаловажным основанием правовых гарантий трудовых отношений в актуальном формате. Например, для этого необходимо оформление банковской карты-счета, на который будет своевременно перечисляться заработная плата, а в недалеком будущем такие карты в перспективе могут быть универсальными, как объединенными с транспортными проездными и торговыми (для приобретения клиентского статуса в магазинах) и другими возможностями расчетов в бытовых нуждах. Известно, что в современный век безналичные расчеты позволяют государству не только контролировать доходы, но и оперативно учитывать налоговые и социально-страховые и другие платежи и расчеты, что в рамках Концепции электронного правительства удобно прежде всего для самих физических лиц-работников.

Исходя из вышесказанного рассмотрения законодательного закрепления социальной функции трудового права и также его актуальных направлений совершенствования правового регулирования, теоретико-практическое исследование данной проблемы дает возможность оценить роль трудового права в достижении социального равенства и всестороннего развития личности — основных целей развития общественных отношений.

Республика Таджикистан конституционно декларирует себя в качестве социального государства. Социальное государство обязано в силу своего статуса проводить развернутую и действенную социальную политику, выражающуюся как в механизме правового регулирования, так и в организации надлежащего государственного управления.

В связи с этим следует отметить важное обстоятельство, то, что 6 ноября 1994 года на всенародном референдуме была принята новая Конституция Республики Таджикистан, явившейся с учетом поправок в неё 1999 и 2003 годах, по своему содержанию воплощением наилучших ценностей современного мирового конституционализма, гарантирует права и свободу человека и гражданина, а также фундаментом для действия международного права и реформы отраслевого законодательства в Таджикистане.

Так, в ней закреплены наиболее важные положения, исходя из которых осуществляется единое правовое регулирование труда рабочих и служащих, чем достигается оптимизация законности в трудовых отношениях. Конституция устанавливает основные принципы организации труда, закрепляет основные трудовые права и обязанности граждан, гарантии их осуществления и защиты от нарушений, так как основным источником существования для большинства людей является их труд. Именно поэтому право на труд признано одним из основных прав человека. И то, как регулируются трудовые отношения в той или ином государстве во многом отражает уровень его политического развития и экономического состояния, и безусловно оказывает влияние на уровень жизни населения государства.

В статье 35 Конституции Республики Таджикистан закреплен ряд гарантий в области трудовых правоотношений - право на свободу труда, свободный выбор рода деятельности и профессии, право на условия труда, отвечающие требованиям безопасности и гигиены, на вознаграждение за труд без какой-либо дискриминации, а также социальную защиту от безработицы, право на индивидуальные и коллективные трудовые споры с использованием установленных законом способов их разрешения, включая право на забастовку. Каждый гражданин имеет право на отдых. Работающим по трудовому договору гарантируются установленные законом продолжительность рабочего времени, выходные и праздничные дни, оплачиваемый ежегодный отпуск.

Назначение права также состоит в том, чтобы путем регламентации меры труда и меры вознаграждения за труд обеспечивать справедливое распределение между членами общества, как самого труда, так и его результатов.

Именно в рыночных условиях под вышеуказанным правом и одновременно социальной гарантией государства подразумевается возможность каждого человека и гражданина с учетом рыночных условий, своего материального и социального положения в обществе реализовать свое право на труд, и как минимум иметь право на социальное обеспечение в случае объективной невозможности трудиться, а также материальное обеспечение в старосте, либо по выслуге трудовых лет.

Современное трудовое законодательство сегодня, как об этом имеются ссылки во многих нормативных актах, в том числе регулирующих деятельность сотрудников государственных, правоохранительных органов, распространяется на всех, в том числе на частные и коммерческие организации и юридические лица. То есть на всех физических (индивидуальные предприниматели) и юридических лиц (государство и организации независимо от форм собственности), использующих наемный труд и другие формы труда по действующему законодательству, не являющихся разовыми услугами или подрядными работами, коммерческим партнерством и иными формами сотрудничества по отношениям горизонтального гражданско-правового характера, не обусловленных особенностью взаимоподчинения, но других форм конкретного взаимодействия (партнерства). Ведь трудовое законодательство имеет обязательную юридическую силу равно для всех организаций, а суды при рассмотрении гражданско-правовых исков по трудовым спорам и правоотношениям и административным правонарушениям в области нарушений трудового миграционного законодательства (работодателями и иностранными гражданами) даже если ответчиком или органом государственного управления (должностным лицом), действия и акты которых обжалуются, является государственный орган (ведомство или учреждение), в постановлении или решении фактически и юридически обосновав, принимают решения по признанию незаконными таких актов и действий, при наличии оснований. Вопрос о трудовом миграционном законодательстве, исходя из анализа сложившейся практики и исследований, автор надеется рассмотреть и предполагает обосновать в следующих трудах.

НАМУДҲОИ ДАЛЕЛҲО МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУОРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ

Хоҷаева Н.Б. – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ дар самти бознигарӣ ва аз нав қабул кардани қонунҳои ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ ва ифодакунандаи ҳуқуку озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ рӯйи кор омад. Дар ҳамин замина 3 декабри соли 2009 Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда аз 1-апрели соли 2010 ба ҳукми амал даромад. Дар кодекси амалкунанда то андозае низоми сарчашмаҳои далел такмил ёфтанд. Мувофиқи қисми 2 моддаи 72 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои далелҳо инҳо мебошанд: нишондоди шоҳид, нишондоди ҷабрдида, нишондоди гумонбаршаванда, нишондоди айбдоршаванда, нишондоди судшаванда, хулоса ва нишондоди коршинос, хулоса ва нишондоди мутахассис, далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар.

1. Дар боби 9-ум, ки аз 13-модда иборат аст (моддаҳои 72-84), таърифи далелҳо оварда шуда мазмуну моҳияти навъҳои алоҳидаи далел шарҳ дода шудаанд. Моддаи 72-юми Кодекс, ки «далелҳо» номгузорӣ карда шудааст, ба масъалаи мазмуну моҳияти далел ва субъектони исботкунӣ бахшида шудааст. Дар моддаи мазкур омадааст, ки: «Далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор

мераванд, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд». Ба назари мо дар радифи дигар субъектони исботкунӣ ҳамроҳ намудани калимаи «судя» дар ин модда мувофиқи мақсад аст.Таклиф менамоем, ки ба қисми якуми модаи 72 баъд аз калимаи суд калимаи судя илова карда шавад. Зеро мувофиқи муқарароти моддаи 6-КМҶ ЧТ, ки мафҳумҳои асосӣ шарҳ дода шудаанд, судя гуфта шахси мансабдореро меноманд, ки барои ба амал баровардани адолати судӣ бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории ҶТ таъин ё интихоб гардидааст.

2. Дар таносуб бо КМҶ ҶТ соли 1961 дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунанда сарчашмаҳои нави далел пешбинӣ шудаанд. Дар асоси таҳлили моддаи 72-юми Кодекс намудҳои зерини иловагии сарчашмаҳои далелҳо пешбинӣ шудаанд: 1) нишондоди коршинос; 2) хулосаву нишондоди мутахассис; 3) сабтҳои пинҳонӣ; 4) гуфтугӯи телефонии гӯшкарда шуда ва сабтгардида; 5) мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитафонӣ. Чунин навоариро метавон пеш аз ҳама бо назардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ асосонок намуд. Пеш аз ҳама, мураккабшавии механизмҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои алоҳидаи содиршуда сабаб шуданд, ки масъалаи истифодаи мақсадноки алоқаҳои иттилоотиву иртиботӣ ва таҷхизотҳои нави техникии замонавӣ дар раванди исботкунӣ мавриди танзими қонунӣ қарор дода шаванд.

3. Муқаррароти боби 9-уми КМҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки бояд дар он мазмуну моҳияти ҳар як намуди мустакили далел дар алохидагӣ шарҳ дода шуда, тартиби мурофиавии расмигардонии сарчашмаҳои далел пешбинӣ мешуданд. Вале таҳлили боби 9-уми КМҶ ҶТ нишон медиҳад, ки дар асл вазъ чунин набуда мазмуну моҳияти на ҳамаи навъҳои алоҳидаи далелҳо ошкор карда шудаанд. Аз ин рӯ, бо назардошти талаботҳои мурофиавӣ зарур аст, ки ба боби нуҳуми КМҶ ҶТ тагийрот ворид карда шуда, ба он моддаҳои нав ба масъалаи танзими ҳуқуқии навъҳои алоҳидаи далел, ки дар Кодекс ба расмият даровардa нашудаанд, бахшида шаванд.

Ҳамчунин масъалаи ба сифати сарчашмаи мустақили далел ва асоси мустақили огози парвандаи ҷиноятӣ эътироф намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ низ баррасӣ карда шавад. Зеро мафҳуми далел, ки дар моддаи 72 КМҶ ЧТ баён карда шудааст, дар як маврид мазмуни натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро низ дар бар мегирад. Бинобар ин зарур аст, ки тартиби пешниҳод ва расмиёти мурофиавии ворид шудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мурофиаи ҷиноятӣ дар КМҶ ба танзим даровардa шавад.

Ба ҳамин монанд дар моддаи 74 (боби 10) Кодекси мурофиавии ҷиноятии ФР (таҳрири соли 2001) низ сарчашмаҳои далел пешбинӣ шудаанд.Мувофиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия ба сифати далел инҳо барома менамоянд: нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршаванда; нишондоди ҷабрдида ва шохид; хулоса ва нишондоди коршинос; хулоса ва нишондоди мутахассис; далелҳои шайъӣ; протоколи амалҳои тафтишӣ ва судӣ; ҳуҷчатҳои дигар. Масалан дар муқоиса бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Руссия дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намудҳои далел пешбинӣ шудааст, ки дар КМҶ Федератсияи Руссия ҷой надоранд. Ин далелҳо чунинанд: нишондоди судшаванда; сабтҳои пинҳонӣ; гуфтугӯи телефонии гушкардашуда ва сабтгардида; мушохидахои электронӣ, видео ва магнитафонӣ.

Гузашта аз ин ба мақсад мувофиқ аст, ки ба КМҶ ҶТ бо назардошти таҷрибаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия ба масъалаи далелҳои беэътибор моддаи алоҳида бахшида шуда, дар он асос ва шартҳои эътирофи далелҳои беэътибор мавриди танзим қарор дода шаванд.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ДАВРАИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Ғафуров Х.М. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Артиши Тоҷикистони сохибистиқлол, ки нисбатан ҷавон мебошад, ба татбиқи донишҳои психологӣ ниёзи калон дорад. Вобаста ба ин, ба таври васеъ ҷорӣ намудани фаъолияти мутахассисони сохаи психология дар сохторҳои артиши ҷумҳурӣ ва дар таълиму тарбияи аскарону афсарон ворид намудани фанҳои психологӣ мувофиқи мақсад аст.

ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФЁБӢ ВА ШАКЛГИРИИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАНОШӮЙӢ

Ризвонова З. П. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Ҷомеаи солим аз оилаи солим сарчашма мегирад ва ба вуҷуд омадани ҳаргуна падидаҳои номатлуб боиси парокандашавии он мегардад. Имрӯзҳо теъдоди вайроншавии оилаҳо зиёд шуда истодааст, ки ин боиси нигаронист. Аз ин лихоз, Сарвари давлат, муҳтарам Э. Раҳмон дар Паёми худ, соли равонро «Соли оила» эълон намуданд. Ҳар гуна оила дар зинаи ибтидоии ташаккулёбиаш заифтар буда, мушкилиҳои гуногунро аз сар мегузаронад. Ин мушкилиҳо дар шакли мувофиқнаоии арзишҳои маънавӣ-оилавӣ, иҷрои нақшҳои оилавӣ ва бо ҳам мутобиқшавии муносибатхои баинишахси ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба ин масъала равоншиноси рус Е. С. Калмикова чунин нигошта:«Давраи аввали ҳаёти якҷоя - ин вақти ташаккулёбии қолабсозии муоширати фардӣ, мувофиқоии системаи арзишхо ва коркарда баромадани тарзҳои умумии рафторҳо мебошад». (Калмыкова Е. С. Психологические проблемы первых лет супружеской жизни (вопросы психологии.1983.-С.89).

Шаклгирии муносибатҳои заношӯӣ дар ҳаёти оилавӣ яке аз омилҳое ба шумор меравад, ки ба устуворгардии пойдевори минбаъдаи он таъсир расонида метавонад. Тадқиқотхои зиёди илмӣ вуҷуд доранд,ки ба ин масъала аз мавқеи хосси худ кӯшиши баҳо додан намудаанд. Омӯзиши хусусиятҳои инкишофёбӣ ва шаклгирии муносибатхои заношӯӣ дар корхои илмӣ - тадқиқотии равоншиносон С. И. Голод, А. Г. Харчев, З. А. Сисенко, А. Н. Волкова ва дигарон хуб дарҷ ёфтаанд. Шаклгирии муносибатхои заношӯӣ равандест, ки ба давраи мутобиқшавии хамсарон талабот дорад. Ин давраи мутобиқшавиро дар адабиётҳои психологӣ-давраи адаптатсионӣ номидаанд. В. А. Сисенко чунин давраҳои адаптатсиониро дар шаклгирии муносибатҳои заношӯӣ ҷудо намудааст: 1) адаптатсия ба ҷисм; 2) адаптатсия ба мизоҷ; 3) адаптатсия ба нақшхои оилавӣ; 4. адаптатсия ба талаботхои хамсари никохӣ. Дар мавриди муътадил гузаштани давраи адаптатсионӣ, мархилаи мувофиқати психологӣ байни ҳамсарон фаро мерасад, ки ин дар ҳамдигарфаҳмӣ, дуруст баҳодихӣ ва маҳорати пай бурдани майлҳои ботинии якдигар акси худро меёбад. Муносибатҳои заношӯӣ дар баробари азсаргузаронии даврахои гуногуни мутобиқшавӣ, инчунин аз иҷрои як қатор уҳдадориҳо ва нақшҳои оилавии ҳамсарон вобастагии зиёд дорад. Дар адабиётхои психологӣ аз рӯйи иҷрои уҳдадорихо ва нақшхои оилавӣ тарзхои гуногуни шаклгирии муносибатхои заношӯиро тавсиф додаанд: 1. Иттиҳодӣ-тобовар. Дар ин гуна оилаҳо муносибатҳои байнишахси устувор шакл гирифта, уҳдадорихои оилавӣ масъулона аз тарафи хамсарон иҷро мегарданд. 2. Иттиҳодӣ - автономӣ. Муносибатҳои байнишахсӣ дар ин гуна оилаҳо ба таври чандир шакл гирифта, таксими вазифаҳо аз тарафи ҳамсарон баробар амалӣ мегарданд. 3. Иттиҳодӣ -пиллагӣ. Ҳамсарон дар ин гуна оилаҳо муносибатҳои

заношӯии наздики навозишкорона дошта, уҳдадориҳои оилавиро бо навбат иҷро менамоянд. 4. Иттиҳодӣ – дунёӣ бо ҳам параллел. Шаклгирии муносибатҳои заношӯӣ байни ҳамсарон дар ин гуна оилаҳо ба таври дилсардона сурат гирифта, иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ ба зиммаи як нафар вогузор карда шудааст. Ҳамин тариқ, қайд кардан ҷоиз аст, ки устуворгардии оила аз мувофиқоии арзишҳо, талаботҳо, нақшҳои оилавӣ ва муносибатҳои заношӯӣ ҳамсарон вобаста аст.

ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ – ИҶТИМОӢ ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ КӮДАК ДАР ОИЛАИ НОПУРРА

Сафарова З.– ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Омӯзиши масъалаи хусусиятҳои психологӣ – иҷтимоии ташаккулёбии шахсияти кӯдак дар психологияи муосир дар доираи соҳаҳои психологияи педагогӣ, синнусолӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ ба роҳ монда мешавад. Натиҷаи ин омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки маҳз оила мактаби нахустин ва сарчашмаи инкишофёбии шахсияти комил ба шумор меравад. Волидон дар инкишофи психикии кӯдак дар мадди аввал саҳмгузор мебошанд, зеро онҳо бештар бо кӯдак дар робитаанд.

Дар рушду камоли хусусиятҳои психологии кӯдак саҳми падару модар ва мураббияҳо хеле калон аст. Зеро, ибтидои хусусиятҳои инкишофи психикӣ ба муҳити иҷтимоии оила, ба тарзи ташкили таълиму тарбияи волидайн ва кормандони муассисаҳои томактабӣ алоқаманд аст.

Давраи томактабӣ дар кӯдак давраи ҳассос ва мусоид барои инкишофи психикӣ маҳсуб меёбад. Агар дар ин зинаҳои ҳаёт ба тарбияи ҷиддӣ машгул нашавем, дар он сурат кӯдак қафо мемонад ва дар ӯ хислатҳои манфӣ шакл гирифта, инкишоф меёбанд. Мо дар мақолаи худ ба хусусиятҳои психологӣ – иҷтимоии ташаккулёбии шахсияти кӯдак дар оилаҳои нопурра эътибор медиҳем.

Оилаи нопурра гуфта, оилаеро меноманд, ки тарбиядиҳандаи он яке аз волидон буда, бо як ё якчанд фарзанди ноболиг умр ба сар мебарад.

Пӯшида нест, ки ҷудошавии оилаҳо дар ҷомеаи муосир масъалаи ҷиддӣ ва ҳалталаби аҳли башар шуда истодааст. Айни замон афзоиши шумораи қатъи никоҳ дар Тоҷикистон ва берун аз он ба чашм мерасад.

Фазои психологии оилаи нопурра дар бисёр ҳолатҳо носолим буда, бо азсаргузаронии вазнини аздастдиҳии яке аз волидон алоқаманд аст. Мутаассифона, қисми зиёди модароне, ки аз шавҳар ҷудо гаштаанд, ҳиссиёти манфие, ки нисбати падари фарзандонашон доштанд, онҳоро ба кӯдакон раво мебинанд. Кӯдакон дар чунин ҳолат бешуурона дар ҷудошавии волидон худро гунаҳгор меҳисобанд.

Ба ақидаи И.С.Кон, кӯдаконе, ки бепадар ба воя мерасанд одатан дараҷаи иддаои паст, дараҷаи изтиробнокии баланд, нишонаҳои невротикӣ дошта, писарон бошанд, бо душворӣ бо ҳамсолонашон муоширатро барқарор менамояд ва баъзе хусусиятҳои манфии мардонро, ба монанди дагалӣ ва дуруштӣ нишон медиҳанд. Инро бештар дар давраи наврасӣ мушоҳида намудан мумкин аст, чунки онҳо наметавонанд ҳиссиёти худро ифода намоянд. Дар асоси таҳлили мухтасари хусусиятҳои психологию иҷтимоии ин масъала, метавон ба чунин хулоса омад:

- дар кӯдаконе, ки дар оилаи нопурра ба воя мерасанд, бештар вайроншавиҳои асабӣ ва рӯҳӣ, вайроншавии рафтор, ташаккули шахсияти носолим ба вуҷуд меояд, инчунин якчанд душвории характери психологидошта ва дарачаи пасти худбаҳодиҳӣ мушоҳида мешавад;

- оилахои нопурра хусусияти психологии худро доранд ва бо аъзоёни он бояд ба таври инфиродӣ суҳбат гузаронида шавад;

- барои рушди психикии кӯдак дар оилаи нопурра хеле зарур аст, ки яке аз волидон усули дурусти тарбияро интихоб намояд ва гуфтори онҳо бо рафторашон мувофиқ бошад, зеро агар чунин набошад, онҳо тақлид ба намунаи хусусиятҳои манфии волидон хоҳанд кард. Кӯшиш намоед, ки бештар бо кӯдак муошират кунед ба суханони онҳогӯшдиҳедваалоқаисолимипсихологиробарқарорнамоед;

- аз набудани яке аз волидоннабоядкӯдаконросарзанишкард, зероонҳохудродарчудоиволидонгунаҳгормеҳисобандваинбарушдишахсиятифарзанд онбетаъсирнамемонад.

ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ ТАДЖИКИСТАНА В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

Акрамов З. – д.и.н., профессор истории таджикского народа исторического факультета ТНУ

Внешняя трудовая миграция. Внешняя трудовая миграция для таджикского народа, в частности для населения горных районов республики была характерна и в прошлом. Еще в досоветское время определенная часть населения горных районов в поисках работы отправлялась на заработки в районы Ферганской и Зеравшанской долин. В период же горбачевской перестройки, вместе с прекращением работы части заводов и фабрик, начался отток русскоязычного населения и части специалистов коренной национальности. Миграция населения из республики продолжалась и после достижения мира и национального согласия (после 27 июня 1997г.), продолжается она и сейчас.

Для определения общего количества граждан Республики Таджикистан, выехавших за границу для временного трудоустройства, Министерством труда и социальной защиты населения, совместно с исполнительными органами на местах (хукуматами), был проведен опрос домохозяйств по всей территории страны. Результат оказался следующим: в сентябре 2001г. на сезонные работы из республики выехали 206 718 чел., в феврале 2002г. количество трудовых мигрантов составило 165 376 чел.,[2] а в августе 2003г. их уже насчитывалось 347 562 чел. Из общего числа внешних трудовых мигрантов: 336 754 (96,9%) уехали в Российскую Федерацию, 4 870 (1,4%) в Киргизию, 2 382 (0,7%) в Казахстан, 630 (0,2%) в Украину, 2 448 (0,7%) в другие страны СНГ и 478 чел. (0,1%) в страны дальнего зарубежья. Общее количество трудовых мигрантов за 2003г. по Согдийской области составляло 33,3%, Хатлонской области - 30,7%, ГБАО - 4,4%, г.Душанбе - 5,2%, районам республиканского подчинения (РРП) - 26,4 %.

Как утверждает начальник отдела противодействия незаконной миграции МВД Республики Таджикистан КурбоналиМахмадов, по единой базе данных российских пограничников, «реальное количество трудовых мигрантов из Таджикистана, пересекших государственную границу РФ, не превышает 460 тыс. чел. Конечно, здесь могут быть погрешности, «цифра колеблется от 20 до 40 тыс. человек. То есть выходит цифра 500 тыс. чел.». По мнению эксперта ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан ФирузаСаидова, «в настоящее время количество таджикских трудовых мигрантов в России... составляет от 700 до 800 тыс. чел.».

В зависимости от срока работы за рубежом можно говорить:

о сезонной миграции - временная работа граждан за пределами Республики Таджикистан с марта по ноябрь;

о долгосрочной миграции - продолжительность работы за рубежом более одного года.

В числе трудовых мигрантов; подавляющее большинство составляют мужчины, более половины - молодежь. В целом, трудовые мигранты - это люди самых активных трудоспособных возрастов.

В начале 2007г. приток мигрантов в Российскую Федерацию был ограничен. Согласно квоте, которая были установлена на основе новых законов России, вступивших в силу с 15 января 2007г., Таджикистан «может отправить на заработки в Россию не более 600 тыс. человек».

Только в 2005г. посредством денежных переводов из России в Таджикистан трудовыми мигрантами было отправлено 600 млн. долл. США.

По неофициальным же данным, таджикские мигранты ежегодно переводят в Таджикистан только из России около 2 млрд. долл. США. Это в то время, когда общая сумма расходной части государственного бюджета республики за 11 лет суверенитета (т.е. 1995-2005гг.) составляла 5 069 530 тыс. сомони.

ИСТОРИОГРАФИЯ ПРОБЛЕМЫ ТРУДОВОГО ПОДВИГА ЖЕНЩИН ТАДЖИКИСТАНА В ТЫЛУ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945 гг)

Зикриёева М.Ф. –д.и.н., профессор кафедры истории таджикского народа ТНУ

Всемирная история подтверждает методологический вывод о том, что при наличии единства тыла и фронта невозможно разгромить страну и окончательно победить народ этой страны. Этот вывод полностью подтверждает история Второй мировой войны и Отечественная война Советского Союза.

Женщины Таджикистана с первых дней войны поддержали лозунг «Всё для фронта, всё для победы!» и внесли весомый вклад в дело укрепления обороноспособности страны и обеспечения фронта всем необходимым для разгрома врага.

В связи с юбилеями, посвященными победе над фашизмом, ученые Таджикистана написали и издали многочисленные работы, раскрывающие трудовой героизм граждан республики, в частности роль женщин в тылу.

Научную литературу, посвященную трудовому подвигу женщин в тылу и их помощи фронту можно разделить на следующие группы: а) работы, освещающие, отдельные страницы истории Таджикистана в годы войны; б) труды, посвященные деятельности общественно-политических организаций республики в годы Великой Отечественной войны; работы, непосредственно раскрывающие проблему трудового подвига женщин в 1941-1945 гг.

Необходимо отметить, что по вопросу трудового подвига женщин в тылу защищены две кандидатские диссертации и опубликованы многочисленные статьи в сборниках, журналах и периодической печати республики

Ежегодно в честь дня победы в республиканских газетах «Садои мардум», «Ҷумҳурият», «ҶавонониТоҷикистон», «Адабиётвасанъат», «Чархигардун», «Авиценна»идр. печатаютсясотнистатейученых, журналистов, работниковобщественно-политическихорганизаций, гдетакжераскрываетсятрудовойподвигженщинреспубликивгоды второй мировой войны. Наряду с положительными моментами в публикациях имеются и недостатки. Во-первых, если до 1990 г., главным образом, вводились в научный оборот архивные документы, то в 90-х годах авторы в основном ограничиваются фактами,

исчерпанными из периодической печати: во-вторых, в статьях наблюдается частое повторение одного и того же материала, перечисление известных фамилий тружениц тыла: в-третьих, в последние годы в работах преобладает фактологический материал, недостаточно уделяется внимание теоретическим вопросам, а также обобщению и выводам по данной проблеме.

Литература

История таджикского народа.- Т.3. -Кн. вторая; Таджикская ССР за 20 лет.- Сталинабад: Таджикгосиздат. 1949.-С.161-170, Таджикская ССР за 25 лет.-Сталинанбад: Таджикгосиздат. 1955.-С.105-127, Политиздат, 1958; История рабочего класса Таджикистана (1917-1945 гг.). Т.1.-С.211-268; Материалы к истории таджикского народа в Советский период (Сборник статей).- Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954.-С.311-380; Назаров М. Санъати халқиточик (Искусство таджикского народа).- Сталиобод: Нашрдавточик, 1961; Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.).- Душанбе: Дониш, 1968. –С. 167-203 и др.

[212] Коммунистическая партия Таджикистана в период Великой Отечественной войны.- 320 с.; Коммунистическая партия в борьбе за формирование и развитие рабочего класса в Таджикистане.- Душанбе: Ирфон, 1967.-С.92-138; Садыков М.С. Исторический опыт КПСС по строительству социализма в Таджикистане (1917-1957 гг.).- Душанбе: Ирфон, 1967.-С.305-326;

ТАЪРИХНИГОРИИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТКАШОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ(1941-1945)

Қараев Ф.–н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Мақолаи мазкур ба фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақолаи мазкур дар асоси маводҳои лозима, ки ин давраи мудҳиши таърихи халқи тоҷикро дар бар мегиранд, мақоларо бо самтҳои зерин пешкаши хонандагон мегардонад:

1. Корнамоиҳои кормандони соҳаи хоҷагии қишлоқ.
2. Корнамоиҳои кормандони соҳаи саноати ҷумҳурӣ дар ин солҳои мудҳиш.
3. Фаъолияти кории деҳқонони тоҷик дар солҳои ҷанг.

НАҚШИ ЗАНОН ДАР ИНКИШОФИ САНЪАТИ ТЕАТРӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Муҳаббатова Г.– н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Мо бисёр арзишҳои неки миллӣ дорем, ки метавонанд дар таъмини ягонагиву ваҳдати миллат ва ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ нақши муассир гузоранд. Яке аз онҳо санъати театрии тоҷик аст, ки он бо арҷгузорӣ ба фарҳанги пургановатдар бедории маънавӣ ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намуданинасли ҷавони саҳми босазо дорад.

Дар таъсир ва ташаккули санъати театрии тоҷик нақши занон бениҳоят калон аст. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҳунармандоне ба саҳнаи ҳунар омадаанд, ки боиси баланд бардоштани санъати театрии тоҷик гардидаанд. Дар қатори М.Турсунова, С.Азизова, Р.Қосимова, Г.Абдуллоева, М.Обидова, Д.Умарова, М.Ортиқова, У. Раҳимова, Д. Паллаева, М.Азизмадова, А. Бекмуродова, М.Саодатхонова ва бисёр

[21]Бойгонии ҷории Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи солонаи Раиси Кумита дар соли 2014.-В. 3.

дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки бо нақшҳои офаридаи худ тоҷикону тоҷикистониёнро дар ҷаҳон муаррифӣ намудаанд. Ҳар як нақши офаридаи онҳо ҷолибу дилкаш буда, онхо шабурӯз талош меварзанд, ки нақши офаридаи онхо самимӣ ва дилчасп бошад. Ин ҳунармандон дар намоишномаҳои театрӣ иштирок намуда, шуҳрати театри касбии тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд мебардоранд.

Муассисаҳои театрӣ барои дар сатҳи баланди бадеӣ баргузор гардидани чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ саҳми муносиб гузошта, 16 театри мамлакат бо намоишномахои нави худ дар барномахои хунарии Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касби «Парасту-2013» ширкат намуданд. Соли ҷорӣ дар театрҳои касбии мамлакат 38 намоишномаи нав таҳия ва манзури тамошобинон гардиданд, ки дар қиёс бо соли 2012 19-то кам аст. Дар ин сол намоишномаҳои «Куруш ва Томирис»-и Б. Абдураҳмонов, «Моҷаро»-и Н.«Чархигардон»-и Н.Табаров, «Муҳаббат»-и М. ва Ш.Сайфиддиновхо, «Ромкунии духтари саркаш»-и В.Шекспир, «Тоҳир ва Зӯҳро»-и А.Файзиев, «Дод аз дасти афандӣ»-и Ғ. Ашӯров, «Афсонохои муйсафед»-и Н.Абдуллоев, «Духтари Лаку Пак»-и Н.Абдуллоев ва гайраҳо ба саҳна гузошта шудаанд.

МУНОСИБАТҲОИ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ХИТОЙДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Набиев Я. –н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷикиДМТ

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Р.Н. муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой 4-январи 1992 барқарор карда шуда буд. Пас аз баимзорасии муносибатҳои дипломатӣ дар соли 1992 рафтуомади ҳукумати ҶТ ва парламенти ҶХХ огоз мегардад. Пас аз мулоқоти Набиев Р.Н. бо вазири иқтисод ва муносибатҳои тиҷоратии ҶХХ Ли Лантсин масъалаи ҳамкории ҶТ ва ҶХХ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илм, фарҳанг ва масъалаи кушодани сафоратхонаи ҶХХ дар ҶТ ва сафоратхонаи ҶТ дар ҶХХ ҳаллу фасл карда шуд. Дар натиҷа сафоратхонаи ҶХХ дар Душанбе 13 марти соли 1992 кушода шуд, ки аввалин сафир Си Чао Мин таъйин гардид ва ҶТ сафоратхонаи худро дар ҶХХ дар шаҳри Пекин 7 апрели соли 1997 кушод. Акнун раиси Шӯрои Олии ҶТ дар моҳи марти 1993 Э.Ш. Раҳмонов дар рафти сафари расмии худ дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ илмӣ-техникӣ (зиёда аз 10 ҳуҷҷат) ва як қатор шартномахо ба имзо расонид, ки аз тарафи ҳукумати ҶХХ ду кредит яке – ба миқдори 30 млн. юан ва дигар кредит ба маблағи 50 млн. юан маблағ ҷудо карда шуда буд. Боз ҳукумати ҶХХ ба ҳукумати ҶТ дар ҳаҷми бор ки ҳар яке ба маблаги 1 млн юан буд, кумак расонид. Дар натиҷаи ташкил ёфтани панҷгонаи Шанхай 26 апрели соли 1996, дар шаҳри Шанхайи ҶХХ, ки муносибатҳои тиҷоратӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҶТ ва ҶХХ инкишофи бештар ёфт. Ҳоло дар ҶТ 46-корхонахои муштаракӣ ҶТ ва ҶХХ кор ва фаъолият мекунанд ба мисли корхонахои «Панжу», «Дружба», «Китайские товары», «Тоҷик-П», «Ришта» ва гайра. Соли 1996 дар шаҳри Хуҷанд аввалин корхонаи коркарди пахта «Кообол», «Текстайлз» ба кор даромад ва дар соли 1997 дар Ҳисор корхонаи «Ришта» кушода шуд.

Дар ҶТ як қатор лоиҳаҳодар соҳаи – телекомуникатсия, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, саноати бофандагӣ ва ғайрабомуваффақият кор мекунанд. 16 январи соли 2007 дар шаҳри Пекин бо иштироки соҳибкорони ҶТ ва ҶХХ дар форуми иқтисодӣ-савдоӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи ҳамкорӣ ба чандин ҳуҷҷатҳо имзо гузоштанд аз ҷумла ба коркарди пахта- ришта. Ҳоло бошад дар ҶТ корхонахои муштаракӣ

коркарди соҳаи пахта дар соҳаи саноати бофандагӣ зиёд шуда истодааст ва, ҳатто ҳукумати ҶХХ сармояи бебозгашт ба маблағхои зиёд чудо мекунад.

Дар ҶТ бошад, ҳоло ҳамасола барои зиёд кардани заминҳои кишти пахта ва коркарди тухмии нав ва зиёд кардани ниҳолҳои тут барои парвариши кирмак ва истехсол кардани абрешим ва сохтани корхонахои муштарак диққат дода мешавад.

САБАБҲОИ САР ЗАДАНИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Равшанзод М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

8 декабри соли 1991 роҳбарони се давлати иттифоқӣ: Президенти Федератсияи Русия Б.Н. Елсин, президенти Украина Л. Кравчук ва президенти Белоруссия С.Шушкевич дар бешазори Беловежскийи Белоруссия ҷамъ омада, шартномаи 30 декабри соли 1922 (оиди таъсиси ИҶШС (СССР)-ро бекор эълон намуда, шартномаи навро оиди таъсиси ИДМ имзо карданд.

Албатта, Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ аз ин маъракаи сиёсӣ дар канор набуд. 31-уми августи соли 1991 Иҷлосияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ба номи ҷумҳурӣ тагйирот ворид намуд. 9-уми сентябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе иҷлосияи гайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, **Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро** қабул кард. Хушбахтона, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соҳибистиқлолии худро ба даст овард. Бунёди Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои тоҷикон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Бо эълони истиқлолият, чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон таъкид мекунанд: «Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт.Ин истиқлолият ҳадяи бузурги таърихӣ буда,устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад» [4, с. 104].

Давлатҳое, кисоҳибистиқлолиихудро ба даст овардабуданд, роҳитараққиётубунёдкориро пеш гирифтанд. Афсӯс, ки дар рӯзҳоиаввалитаъсисиҶумҳурииТоҷикистонмо ба қадри ин неъматибебахонарасидем.

Воқеаҳоифоҷиавииаввалисолхои 90-уми асри XX хамчунсахифахоисиёх дар таърихихалқиточикдохил гардидаанд. Ин воқеахо дар матбуотидаврӣ, китобумақолахобономхои «ҷангибародаркуш», «ҷангишахрвандӣ», «ҷангихудкушӣ», «ҷангибеъманӣ» вагайрабаёнёфтаанд.

Ҷанги шаҳравандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми майи соли 1992 огоз гардида, бо ба имзо расидани созишномаи истиқрори Сулҳ ва ризояти миллӣ дар шаҳри Маскав, 27-июни соли 1997 ба анҷом расидааст. Доир ба масъалаи ҷанги шаҳравандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин монографияву китобхо ва мақолаҳои алоҳида асосан баъди баста шудани сулҳ байни тоҷикон ва фаро расидани хаёти осоишта ба чоп расиданд: Ба хамаи он душворихо нигох накарда, ба андешаи мо, яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон **муборизаи барои ҳокимият** буд. **Ҳизби Коммунистӣ** дар ҳолати бавуҷудомада (ҳолати бухрони сиёсӣ) дар Тоҷикистон дигар фаъолият карда наметавонист. Барри чӣ? Барои он ки сохторе, ки онҳоро пуштибонӣ мекард (сотсиализм), барҳам хӯрд. Тамоми давлатҳои собиқ Шӯравӣ ба сохти нави демократӣ гузаштанд. Роҳи озодӣ, роҳи нав, роҳи тараққиёт. Ин давлатҳоро СММ ҳам ба расмият шинохт ва онҳо аъзои комилҳуқуқи ин созмон гаштанд. Аммо коммунистон мехостанд, ки дар мамлакат яккаҳукмронӣ бошад ва ҳокимиятро дар дасти худ нигаҳ доранд. Масалан, дар дигар давлатҳо

баъди пош хӯрдани давлати Шӯравӣ чунин ҳизбҳои нав (дар Федератсияи Россия-Ҳизби Русияи ягона, дар Ӯзбекистон-Ҳизби халқӣ-демократӣ) ба вуҷуд омаданд, ки ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд.

Албатта, Ҳизби КоммунистииТоҷикистон, ки то ин ҷониб ҳамаи супоришҳоро аз боло (аз Маскав) мегирифт ва худ мустақилона фаъолият ва кореро карда наметавонист, дар вазъияти бавуҷудомада намедонист чӣ гуна сиёсати дурустро пеш барад, ва барномаи мушаххасеро ҳам барои пеш бурдани сиёсати минбаъдаи давлатӣ надошт. Ҳамзамон, обрӯ ва нуфузи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум хеле коста гардида буд.

ВАЗЪИ ФАРҲАНГ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Расулиён Қ. – д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои бузурги фарҳангӣ ноил гаштааст. Дар ин амр, пеш аз ҳама, сиёсати дурусти фарҳангии роҳбарияти кишвар нақши муҳим дорад. Имрӯз дар ин марзу бум як давлат ва ҳукумати миллӣ дар сари қудрат буда, ба арзишҳои миллӣ арҷ мегузорад. Барои рушди фарҳанги куҳанбунёди миллати тоҷик талош меварзад. Дар тӯли беш аз бист соли охир барои эҳё намудани арзишҳои фарҳанги миллӣ ва дар рӯҳи худшиносию ватандӯстӣ тарбия намудани шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва пеш аз ҳама ҷавонон, иқдомоти зиёде анҷом пазируфтааст, ки бархе аз онҳо чунинанд:Таҷлили ҷашни 1000-солагии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 1100-солагии давлати Сомониён, 960-солагии Умари Хайём, 2700-солагии «Авесто», 1025-солагии Абӯалӣ Ибни Сино, 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, 800-солагии Ҷалолуддини Балхӣ, 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1310-солагии Имоми Аъзам, соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 3000-солагии Ҳисор, эҳёнамудани номҳои қадимаи маҳалҳои кишвар, таргиби эҳё намудани номгузорӣ ва номи хонаводагӣ тибқи суннатҳои аҷдодӣ, сохтмони марокизи муҳимми фарҳангӣ аз қабили китобхонаҳо, музейҳо дар саросари кишвар, таҷлилирӯзҳои забони тоҷикӣ, шашмақом, фалак ва гайра.

САҲМИЗАНОНИТОҶИКИСТОНДАРИНКИШОФИ САНЪАТИ ТЕАТРӢ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ ХХ

НабиеваР. – д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

ҲокимиятиШӯравӣ, хусусансоҳибистиқлолӣ, бамардумитоҷикимкондод, кисанъатимиллиихудро инкишоф диҳад. Санъатитоҷик, тайиасрҳобавуҷудомада, азнасл ба насл мегузашт.Ташкилитеатрҳоихалқӣдарсоҳаимаданиятихалқиторик,гардишиинқилобӣбаҳисобмерафт. Мардумитоҷиктавассутитеатрбамаданиятипешқадамирус ва Аврупо шинос шуд. Дар пешрафти санъати театрӣ саҳмизанонхелокалонмебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки ба саҳнабаромаданизанитоҷикхелемушкилбуд, азинрӯ,аввалинактрисаҳототорзанонёаздигармиллатҳобуданд.
Дарбаъзеҳолатҳонақши занонро дар спектаклҳомардоничромекарданд. Азсоли 1926 саркарда,тоҷикзанондарспектаклҳоиштирокмекардагӣшуданд.
МоҳичамолСобировааввалиншудадартеатриИсфарабаромадкард.
БаъдионкомсомолкаҳоЗайнаббибӣШокирова, ФароғатСобирова,

РаҳимахонҲомидова, Ашӯрбибӣ Азимова, Нишонбибӣ Солеҳовавадигаронбасаҳнабаромаданд.
Онҳобамашқбофаранҷӣвапинҳонӣмеомаданд.
МахсусанколлективиҳаваскориомӯзишгоҳиомӯзгорииДушанбе, кисоли 1928 ташкилшудабуд, обрӯизиёддошт. Дарсаҳнаиклубиомӯзишгоҳиомӯзгорӣ песаи «8 март», «Раъно», «Ҳалима» ва ғайраронишонмедоданд. Инпесаҳоҳаётивокеиимардумроифодакарда,якеазпроблемаҳоимуҳими имрӯз-проблемаиаззулмуистисморозоднамуданизанонробамиёнмегузоштанд.
Унсурҳоибойӣаввалинартискаҳоросахтҷазо медоданд.

Ба максадитарбияиэстетикииоммаизанонсоли 1926, боташаббусишуъбаизанон, аввалинкружокиҳаваскоронибадеӣташкилёфт. Дарзаминаикружокҳоиҳаваскориибадеӣсоли 1929 дарДушанбеаввалинтеатрикасбӣташкилкардашудабуд. Театразгурӯҳи хурди 13-нафара: 4 актёр, 2 артист, 5 мусикачӣ, режиссёрвадиректориборатбуд. БатеатрҒуломирзоБаҳорроҳнамоӣмекард. Аввалинзане, кибатеатрбакоромад,ГулчеҳраБақоевабуд. Соли 1929 СаидахонРаҷабова, МастураМуллоҷоноваваСанавбарБакоева, аз омӯзишгоҳизанонаиомӯзгорииДушанбебатеатрикасбиитоҷикомаданд. Солҳои 30-юмдартеатрроҳипуршарафиэҷодииАзизаАзимова, ТуҳфаФозиловава, СофяТӯйбоеваробоунвониАртисткаиШоистаиҶШСТоҷикистонсарфарозгардонидан д. Инаввалинактрисаебуд, ки бо чунин унвони олӣ мушарраф гардидааст. Солҳои 30-юмтеатриточик,аллакай,мутахассисонихубимахсустайёркадародошт, кишумораионҳосолазсолмеафзуд. Агарсоли 1930 артистонимиллатимаҳаллӣ 5 нафарбошанд, пассоли 1937 шумораионҳоба 40 нафаррасида буд. Барои тайёр кардани кормандони санъат дар Душанбе соли 1936 омӯзишгоҳибадеӣкушодашуд, кидаронзиёда 100 нафартаҳсилмекарданд. Солҳои 30-40-умиасриХХ дар саҳнаитеатр«ШоҳдухтарТурандот», «ТоҳирваЗӯҳро», «Ҳаёт»даъватмекунадваҳ. гузошта шуда, ролҳоиасосироС. Тӯйбоева, Т.Фозилова, Г. Бақоева, К. Абдуллоева, А. Азимовавадигароничромекарданд.

МУНОСИБАТҲОИ ИЛМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Ҷӯраев Ҷ. – ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Алоқамандии муносибатҳои Тоҷикистону Русияро таърихи куҳан, анъанаҳои чандинасра, ҳамкориҳои зич ва дӯстии халқҳо муайян месозад.Россия якумин шуда истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф кард. Таҳкурсӣ барои барқарорнамудани равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар шароити тараққиёти истиқлолият, Протокол оиди барпо намудани муносибати дипломатӣ миёни ду мамлакат сабаб гашт, ки 8-апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе ба имзо расид.Шартнома оиди дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн, 29 майи соли 1993 баста шуда, зиёда аз 100 созишномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байни мақомотхои давлатиро дар бар мегирифт ва хамкорихои сиёсӣ,иқтисодӣ, ҳарбӣ, илмию фарҳангӣ ва дигар соҳаҳоро дарбар мегирифт.

Яке аз самтҳои муҳимми муносибатҳои дуҷониба байни ду кишвари дӯсту бародар, ин равобити илмӣ ба ҳисоб меравад,ки дар асос ва заминаи даврони Шӯравӣ ҷараён дорад. Базаи ҳуқуқии муносибатҳои илмии тарафайн дар асоси

шартнома ва қарордодхои зиёд байни хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ваФедератсияи Россия ба миён омадааст.

Ба мушкилиҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX нигоҳ накарда, муносибатҳои институтҳои илмии ҶТ ва ФР қатъ нашуда буд. Тақрибан тамоми Институтҳои тобеи Академияи илмҳои ҶТбо Институтҳои Академияи илмҳои ФР алоқаҳои зич доранд. Ҳатто, соли 1992 Институти биологии Помир муносибатҳои худро бо Шӯрои барномаи минтақавии «Сибир» -и шаҳри Новосибирск, Шӯрои тадқиқотии қабати озонии шаҳри Москва, Шӯрои асосҳои биологии муҳофизат аз зарраҳрасониҳо ва касалихои шахри Санкт-Петербург нигох медошт.

Институти таърих ва бостоншиносии ба нома А.Дониши Академияи илмҳои ҶТ бо як қатор Институтҳои илмии Академияи илмҳои ФР хусусан бо Институти таърихи маводҳои фарҳангии Академияи илмҳои ФР ва Эрмитажи давлатии шаҳри Санкт-Петербург муносибатҳои хеле фаъоли дучониба дорад.

Дар муносибатҳои мутақобилаи тарафайн дар самти маориф ва илм чои муҳимро аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии сатҳи олӣ ишгол менамояд. Созишнома дар ин самт байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия 12 феврали соли 1997 ба имзо расид. Тибқи қарордодҳои меъёрию хуқуқӣ ҷониби Россия гузаронидани аттестатсияи илмӣ ва омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогии квалификатсияи олӣ,назорати он ва кумаки методӣ ба шӯроҳои диссертатсионӣ ва илмиро ба уҳда гирифт.

Танҳо дар соли 2005 ба унвонии Академияи илмҳои Ҷ.Т. тавассути сафоратхонаи ҶТдар ФР 172 дипломи номзади илм ва доктори илм фиристода шуд.

Адабиёт

1.Архиви ҷории Вазорати корҳои хориҷии ҶТ Ҳисоботи солона барои солҳои 1995-2000-ум.
2.Архиви ҷории Академияи илмҳои Ҷ.Т. Ҳисоботи солона барои солҳои 1991- 2005.
3..Назаров Т.Н. Сатторзода А. Современная дипломатия Таджикистана. - Душанбе, 2010.
4.Пирумшоев Х.П., Маликов М.Х. Россия - Таджикистан: история взаимоотношений.- Душанбе, 2009.
5.Шарипов А., Шамсиддинов С. Эмомали Рахмон – последователь таджикско – российской дружбы -Душанбе, 2006.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲОМИИ СУЛҲУ ВАҲДАТ

Тоҷов Н. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Тоҷикистон баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ низ соҳиби истиқлолияти воқеӣ гардид. Вале мутаассифона, бо дахолату дасисаҳои қуввахои бадхоҳи дохилию хориҷӣ, ки ҳар кадом мақсаду мароми нопоки худро доштанд, халқи тоҷик ба ҷанги шахрвандӣ кашида шуд. Ҳамин тавр, ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари куҳани мо огоз ёфт, ки он боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, талафотҳои зиёди молию маънавӣ гашт. Пояҳои асосии давлату давлатдорӣ фалаҷ гардида, тамоми кишварро бенизомӣ, қонуншиканӣ ва бесарусомонихо фаро гирифт. Ба Тоҷикистон хатари парокандашавӣ ва ба қисматҳои алоҳида тақсим шудан таҳдид мекард.

Дар чунин шароити барои Тоҷикистон вазнину хатарнок қуввахои солими ҷомеаи Тоҷикистон бо мақсади барқарор намудани асосҳои давлатдорӣ ва таъмини қонуният, сулҳ ва ризоияти миллӣ, 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ дар мавзеи таърихии он-Қасри Арбоб, дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум гирд омаданд.Намояндагони халқ аз миёни бисёр шахсиятҳо Эмомалӣ Раҳмонро ба сарварии ҷумҳуриямон баргузиданд. Баробари сарвари давлат интихоб шудан, Эмомалӣ Раҳмон эълон дошт, ки «Бахри истиқлоли

сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти хамаи гурезахо ман тайёрам ҷони худро нисор кунам».

Баробари дар сари давлат қарор гирифтани худ Эмомалӣ Раҳмон ба таҳкими пояи давлати миллӣ иқдомоти ҷоннисорона ва хирадмандонаву мехнатпарастонае намуда, оташи хонумонсӯзу фоҷиабор ва тоҷиккуши ҷанги шахрвандиро хомӯш кард. Шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Рахмон ба ӯ имкон дод, то ба яке аз нуқтаҳои бисёр ҳассоси Афгонистон-Хосдеҳ (10-11 декабри соли 1996) ҷиҳати мулоқот бо роҳбари мухолифини мусаллаҳи тоҷик сафар намояд. Ин гуна шуҷоатмандиро ӯ борҳо дар лаҳзаҳои ҳассос нишон дода, ба дили мардум роҳ ёфт. Барои истиқрори сулх бо рахнамоиву кӯшишу талошхои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон тайи се солу се моҳ – аз соли 1994 то соли 1997 бо мухолифин бисту як музокироту гуфтушуниди расмӣ сурат гирифт ва Президент Эмомалӣ Рахмон шахсан дар 7 музокирот иштирок намуда, дар 15 ҳуҷҷати таҳиягардида бевосита бо имзои шахсии худ раъйи хешро изҳор дошт. Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки қавмҳои парешонгардидаву тарафҳои даргирро ба ҳадафи умдаву асосӣ, ки Ваҳдату ифтихори миллист, бо ҳам бипайвандад. Ӯ яке аз нахустин сиёсатмадорони сайёра аст, ки бидуни дудилагӣ 48 вазифаи масъули давлатиро ба собиқ мухолифони хеш супорид. Тақрибан ҳафт ҳазор размандагони мухолифин ба неруҳои давлатӣ ҳамроҳ гардиданд.

Хулоса, бо азму талошҳои зиёди Эмомалӣ Раҳмон органҳои ҳифзи ҳуқуқ аз нав барқарор карда шуданд ва назму тартиб тадриҷан таъмин гардид. Халқи тоҷик дар шахсияти Эмомалӣ Раҳмон роҳбари бохирадеро рӯйи саҳнаи сиёсат овард, ки мамлакатро дар як фосилаи кӯтохи таърихӣ аз вазъи халокатбору дахшатангез берун кашид ва дар мамлакат сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ устувор гардид.

ВОРИДШАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА НИЗОМИ АВРУПОИИ МАЪЛУМОТ

Фирдавси А. – аспиранти кафедраи халқи тоҷики ДМТ

Ҷаҳонишавии системаи маориф имрӯзҳо зарурияти воридшавии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба равандҳои нав ва таҷрибашуда дар кишварҳои ҷахон ба миён овардааст. Аз ҷумла, Ахдномаи Болон, ки онро имрӯз «Раванди Болон» низ ном мебаранд, яке аз равандхои нав дар бахши маориф мебошад. Дар Ҷумхурии Тоҷикистон мактабхои олии кишвар системаи аврупоии таълимиро дар муассисаҳои таълимӣ тибқи фармони Вазири Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.09.2004 таҳти №698 ҳанӯз соли 2004 огоз намуданд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 2010 ба ин низом гузаштааст ва донишгоҳу донишкадахои дигар бо истифода аз таҷрибаи дигар муассисахои тахсилоти олӣ пайгирона ин низомро ҷорӣ намуда истодаанд. Албатта, дар асл воридшавӣ ба низоми аврупоии маълумот ва ҷорӣ намудани талаботҳои он, корест басе нозуку мушкил, ки маҷмӯи ислоҳот ва вақту заҳмати зиёдеро талаб намуда, на тақлидкории кур-курона, балки муносибати хеле оқилона ва амалҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардонидашударо тақозо менамояд.

Мавриди зикр аст, ки оид ба масъалахои гузариши системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми аврупоии маълумот, ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии он, роҳҳои самаранок ва безарари ин гузариш, оқибатҳои он дар солҳои охир аз ҷониби олимон мақолахои зиёде дар сар то сари кишвар ба табъ расидааст. Гузоришдиҳанда бошад, вобаста ба баъзе аз масъалаҳои ҳалталабе, ки дар гузариши

соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи аврупоии таълим вуҷуд доранд ва нодида гирифтани онҳо ба манфиати кор нест, гузориш медиҳад.

АФКОРИ МАЗҲАБӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ-СИЁСИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ VII-VIII

Ҳакимов Н. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Дар фалсафа ва таърих ақидаи дар асоси (замина) тамаддунҳо инкишоф ёфтани (иваз шудани фарматсияҳо) вуҷуд дорад. Тоҷикистони таърихӣ дар ин раванд ду тамаддун-зардуштия ва исломро аз сар гузаронидааст.

Тамаддуни исломӣ, ки ҳамчун фарҳанги исломӣ эътироф аст ва қисми таркибии фарҳанги асримиёнагӣ ва ҳозираи халқи тоҷик ҳам шинохта мешавад, инкишофи ҷомеаро дар назар дошт.

Мовароуннаҳру Хуросон, ки қисматҳои асосии Тоҷикистони таърихӣ ба ҳисоб мерафтанд, дар асрҳои VII-VIII таҳаввулоти тамаддунро аз сар гузаронид.Ислом дини асосӣ ва расмии ин минтақаҳо ва дар доираи мазҳабият ва сиёсатгардид.

Исломи асрҳои VII-VIII исломи мазҳабӣ буд, ки дар давраи хулафои рошидин (632-661) шакл гирифта (шиаҳои гуногун: Абӯбакр, Умар, Усмон, Алӣ), дар давраи Уммавиҳо (шиаҳои Муовия, хориҷия ва шохаҳои онҳо) ба афкори динию (шиию суннӣ) сиёсӣ (калом, муътазила) табдил ёфт.

Дар ҳудудҳои Тоҷикистони таърихӣ афкори динӣ серпаҳлутар буда, аксарияти қишри ҷомеаҳо фаро гирифта буд. Афкори сиёсӣ-динӣ бошад, бештар табақаҳои болоии ҷомеа ва диниро фаро гирифта буд.

Ҳудудҳои Тоҷикистони таърихӣ дар асрҳои VII-VШ бо номи қисмати Шарқии Хилофаӣ хусусиятҳои хосси идора ва муносибатро пайдо карда истода буд, ки аз хусусиятҳои ҷугрофӣ, иқтисодӣ, динӣ ва сиёсии он маълум мегардид. Дар афкори динӣ исломи шаръӣ тамоили мазҳабиро гирифта, аз чоҳор мазҳаби қуръонӣ (суннӣ)-Шофеия, Ҳонбалия, Моликия ва Ханафияи ҷорӣ рӯ ба ҳанафияи ММММ чун Абӯҳанифаи Нӯъмон, Муҳаммад ал- Ҳасани Шайбонӣ, Абӯфазли Марвазӣ буданд.

Дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистони таърихӣ ақидаи динӣ-сиёсӣ, ин қонунӣ гардонидани назарияи динӣ-қуръонии хилофату имоматӣ Аббосиҳо дар шахсиятҳои асосан Мансур (754-775). Маҳд (775-785), ва Ҳорунаррашид (785-809) амалӣ карда мешуд.

Шарҳи ин равандҳо таърихи афкори динию сиёсии асрҳои VII-VIII-ро равшан карда метавонад. Яъне, имконияти аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлил ва баёни масъала вуҷуд дорад.

УЧАСТИЕ ЖЕНЩИН БАДАХШАНА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Худжасаидова Н.Х. –стар. преп. кафедры истории таджикского народа ТНУ

Начало 90-х годов XX столетия характеризуется резким упадком экономики страны, в том числе и промышленного производства, доля которого составляла 42,3%. Это несомненно повлияло и на промышленное производство ГБАО. Многие промышленные предприятияв области, где 42,8% всех занятых составляли женщины, такие как хлебобулочный завод, мясомолочный комбинат и др. из-за отсутствия сырья и финансирования перестали функционировать.

В экономике ГБАО важную роль играет гидроэнергетика, так как она призвана не только способствовать развитию всех отраслей, в том числе промышленности, обеспечению потребностей населения, но и увеличению финансовых доходов области. Поэтому в рассматриваемый период большое внимание уделялось освоению Памирской части государственного энергопроекта, в финансирование которого большой вклад внесли Фонд Ага Хана, Земельный банк, USAID (США), SDC (Швейцария), которые выделили 870000 долл.США. В результате только с 1994 по 2012гг. на территории области было построено и сдано в эксплуатацию более 25 микроэнергетических станций и одна станция полной мощности, где работали 23 женщины-специалиста, среди которых: М.Бодуренова, Ш.Азизбекова, М.Джонбобоева, Н.Алишерова, М.Олифтаева, Г. Назаршоева и др. Сегодня главным производителем электроэнергии является ГЭС Памир, принадлежащая фирме «PamirEnergy». Данная фирма была создана в октябре 1994г. при поддержке Правительства республики и Фонда Ага Хана. Следует отметить, что высокооплачиваемая работа с новой технологией в фирме возложена на женщин, которые составляют 20% всех сотрудников. В фирме работают более 50 женщин: 62% из них имеют высшее образование, 50% работают в качестве инженера-техника.С целью улучшения снабжения горных районов электроэнергией и эффективного использования водных и трудовых ресурсов, в том числе женских, министерство энергетики и промышленности Республики Таджикистан подготовила «Долгосрочную программу строительства каскада малых гидроэлектростанций на 2007-2020гг.», которая внесет вклад в развитие энергетической системы Бадахшана, в том числе и подготовке женских кадров для нужд отрасли.

Таким образом, в период независимости Республики Таджикистан, несмотря на трудности, заметно усилилось участие женщин ГБАО в промышленном производстве. В этом деле определенный вклад внесли Правительства Республики, Хукумат и Комитет по делам женщин и семьи области, которые совместно с международными организациями, особенно Фондом Ага Хана, повышали социально- экономический уровень женщин и девушек, привлекали их в производственную деятельность.

Литература

1.Будущее Бадахшана обнадеживающе // Народная газета, 2006, 15 нояб.

2.Текущий архив Хукумата ГБАО. Отчеты Комитета по делам женщин и семьи области за 1995-2008гг. -Л.5.

3.Послание Президента Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 25 апреля 2008г., г. Душанбе // Народная газета, 2008, 29 апр.

АЗ ТАЪРИХИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИТОҶИКИСТОН

Шарифов Ш. – н.и.т. кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Баъд аз он ки давлати абарқудрати Шуравӣ аз байн рафт, ҳар як давлатҳои собиқи он мустақилияти хешро ба даст овард қабул намуданд. Аз он ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рохи сохибистиқлол гашт пеш намуд. Дар моддаи аввали он омадааст: «Ҷумҳуриитоҷикистон давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёд ва ягона мебошад». 9 сентябр рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд. Ҳамин тавр, пас аз барҳам хӯрдани аввалин давлати тоҷикон - Сомониён, дар таърих бори дуюм халқи тоҷик соҳиби давлати соҳибистиқлол гардид. Баъд аз соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон, тадбирҳои мушаххас оиди ба расмият даровардани қонуну қоидаҳои ҷадид шурӯъ гардид. Пас аз эълони истиқлолият дар

бораи тағйир додани номи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон 31-августи соли 1991 қарор қабул гардид. Аммо бо иллати баъзе нофаҳмиҳо ва дахолати як зумра давлатхои манфиатҷӯ, дар Тоҷикистон ҷанги шахрвандӣ оғоз шуд,ки он барои Тоҷикистон зарарҳои зиёди моливу ҷонӣ овард. Бухрони сиёсӣ боиси дар шаҳри Душанбе таъсис додани майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» гардид. Хушбахтона, ба бахти баланди халқи тоҷик ин ҷанг бо сулҳ анҷомид. 27-июни соли 1997 дар шаҳри Москва созишномаи истиқрори сулхи тоҷикон ба имзо расид. Дар мамлакат зарурати қабули конститутсияи нав ба миён омад. Бо ин мақсад 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба таври раъйпурсии умумихалқӣқабул карда шуд, ки он аз 10 боб ва 100 модда иборат мебошад. Мувофиқи Конститутсия ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба халқтааллуқ дорад. Тоҷикистон тибқи моддаи 3-юми Сарқонун рамзҳои зерин: Нишон, Парчам ва Суруди Миллиро қабул намуд, ки онҳо хусусиятҳои хосси ҷумҳурии соҳибихтиёрро ифода мекунанд.

Имруз дарҷумҳурӣ 8 ҳизби сиёсӣ:

1) Ҳизби халқӣ–демократӣ; 2) Ҳизби коммунистӣ; 3)Ҳизби наҳзати Ислом; 4)Ҳизби сотсиалистӣ; 5)Ҳизби аграрӣ; 6)Ҳизби демократӣ; 7)Ҳизби сотсиал-демократӣ; 8)Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ фаъолият доранд.

Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон 18-июли соли 1997 таъсис ёфт, ки ба он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон роҳбарӣ мекунад.

Ин ҳаракат дар муттаҳид гардидани ҷумҳурӣ ва пешгирифтани роҳи сулҳ нақши мусбат бозид. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҶумҳурииТоҷикистон якчанд санаҳои таърихӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷашн гирифта шуданд.Соли 1999 асъори миллии Тоҷикистон бо номи сомонӣ ба муомилот баромад.

Имрӯз Тоҷикистонро зиёда аз 180 давлати дунё барасмият мешиносанд. Хамчунин, Тоҷикистон бо зиёда аз 30 давлати дунё равобити дипломатӣ дошта, узви зиёда аз 20 созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. ҒафуровБ.Ғ. “Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асримиёна ва асрҳоинав.Душанбе, 1998.
2. Амиршоҳи Н Давдатдории тоҷикон.- Душанбе, 1998.
3. Набиева Р. Зикриёев Ф. Зикриёева М. Таърихи халқитоҷик.- Душанбе. 2010.

ИНЪИКОСИ ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ-СИЁСИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ДАР ВАО

Шоев Ғ. – ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ҷалб, намудани ҷавонони ҷумҳурӣ, ки бештар аз 70% -и аҳолиро ташкил медиҳанд[22], ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар мебошад. Бинобар ин, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ ба ташаккули сиёсати мушаххаси давлатӣ оид ба ҷавонон диққати махсус дода мешавад. Зеро, дар шароити нави таърихӣ, сохтмони ҷомеаи демократӣ ва пешрафти минбаъдаи ҷумхурии сохибистиқлол, аз таъмини иштироки васеи ҷавонон дар вобастагии калон дорад. Дар ин самт аз тарафи роҳбарият ва Ҳукумати ҶТ як қатор чорабиниҳо, ба монанди ба вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон, афзун гардонидани фаъолнокии онҳо дар раванди татбиқи ислоҳоти сиёсӣ,

[22] Ҷавонони Тоҷикистон, 2006, 8 июн.

иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; тарбияи насли наврас дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ ва инсондӯстӣ; дар асоси арзишҳои миллӣ ташаккули созандагони бонангу номуси ҷомеаи навбунёди тоҷикон, андешида мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз самтҳои муҳимми фаъол намудани иштироки ҷавонон дар тадбики стратегия ва консепсияи дурнамои давлатӣ оид ба баланд гардидани нуфуз, зиёд гардидани теъдоди ҷавонон дар мақомоти роҳбарӣ;[23] васеъ гардидани фаъолияташон дар таҳкими давлатдорӣ, татбиқи ислоҳоти сиёсӣ, баланд гардидани нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат- тавассути ВАО равшанӣ андохтан ба камбудиҳо ва бурдбориҳо дар кор бо ҷавонон мебошад.

Бинобар ин, Кумитаи садо ва симо, матбуоти даврии ҷумҳурӣ пайваста барномаву мақолаҳоеро таҳия менамояд, ки тавассути онҳо: якум, раванди амалӣ гардидани сиёсати давлат барои ганӣ гардонидани фарҳанги сиёсии ҷавонон, тарбия намудани онҳо дар роҳи худогоҳию хештаншиносӣ равшанӣ андохта мешавад; дуюм, муҳокимаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлати соҳибистиқлол дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ба роҳ монда мешавад; сеюм, душвориҳо, проблемаҳое, ки барои пешрафти фаъолияти ҷавонон, чун неруи бузурги бунёдгару созандаи ҷамъият монеъ мегарданд, бардошта мешаванд; чорум,иштироки ҷавонон дар чорабиниҳои сиёсии мамлакат ба монанди интихоботҳои Раиси ҷумҳур, Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоатҳо инъикос меёбад; панҷум, ба масъалаҳои иштироки ҷавонон дар ҳарактҳо ва ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ва гайра равшанӣ андохта мешавад.

Ҳамин тариқ, инъикоси фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ВАО натанҳо муваффақиятҳо, балки проблемаҳои ҳалталаб, ба монандирӯ овардани тоифае аз насли наврас ба гурӯҳҳои ифротгаро, тундгаро, хурофотпараст; паст будани сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва умуман фаъолнокии ҷамъиятиву сиёсии ҷавонон, равшанӣ андохта, барои сари вақт пешгирӣ намудани зуҳуроти номатлуб аз тарафи мақомотҳои вазифадор шароит фароҳам меоранд.

О ЧЕМ ТРАКТУЮТ ПИСЬМЕННЫЕ ПАМЯТНИКИ XVII И XVIII ВВ.

Юсупов З. – стар. преп.кафедры истории таджикского народа ТНУ

Здесь мы остановимся всего на трех письменных памятниках, условно отвечающие названию нашего доклада. Этими письменными источниками являются «Тарих-и Абу-л-Файзахана» автора Абэ ар-Рахман Даулат, известным под псевдонимом Тале; «Тарих-и Кипчак-хани» автором Ходжамкули-беком Балхи, под псевдонимом Кипчак-хан; «Тарихи Салотин-и Мангытийа, Узбекия и Аштархония», принадлежащая автору Мир Хусейну ибн Амир Хайдару.

В «Истории Абу-л-Файз-хана» отражаются уникальные сведения исторического направления, но мы сочли нужным здесь остановиться на двух важных аспектах: этнографические и о чинах и званиях; в частности, в нем можно найти сведения о племенах и родах - дурман, найман, минг, утарчи, конгурат, юз, джиют, бахрин алчин, буйрак и десятки др. населявших тогда Бухарское ханство. В начале XVIIIв. по сведениям Мир Мухаммада Амини Бухари, были такие чины и звания: мутавали, офтобачи, аталык, кошбеги, дадхах, ишик-ага-баши, диванбеги, мирахур,

[23] СВР АН ИВАН УЗССР, инв. №11, С.14-161. См. также Б.А. Ахмедов Историко-географическая литература Средней Азии XVI-XVIIIвв. Ташкент-1985 С.93-95.

мехтар, курча-баши, мухрдар, кукельташ, караул-беги, кутвал, раис, курча чагатайбеги, бакаул, урак, накиб, сапханд, шейх-ал-ислам и многие другие.[24]

«Кипчакханова история» здесь прежде всего интерес представляется к таким деталям, как более подробно изложено более четко, чем в других источниках политическое положение Средней Азии и Балха при первых Шейбанидах. Приводятся новые данные, отсутствующие в дошедших до нас нарративных источниках сведения о причинах вражды между Абдул-Мумин-ханом и его отцом Абдаллах-ханом II, в 80-90-х годах XVIв. и о политическом положении Средней Азии в последние годы правления Абдаллах-хана II (л.109 а.).[25]

«История Мангытских, Узбекских и Аштарханидских правителей» в данном источнике имеются заслуживающие внимания факты и сведения, посвященные социальной и политической обстановки Средней Азии XVI-XVIIIвв.,отсутствующие в других сочинениях. В рукописи приводится о некоторых средневековых городах,также как Баш Узгенд, и Айаг Узгенд расположенных в среднем течении Сырдарьи, Аккургане, расположенной напротив Отрара и Туркестана. Имеются сведения о холере (вабо), вспыхнувшей в 1590-91г. В Бухаре сушествует рассказ о строительстве канала в местности Кушкурган в 1633-1634г. По приказу Имамкули-хана была построена высокая арка в Бухаре, а также Шейбанидом Абд ал-Мумин-ханом был построен мазар в честь абу Насра Парса в Балхе, а Субханкули-ханом были возведены в Балхе медресе, аудиенц-зал в чарбаге Аминабаде.[26]

«ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»-И ГУЛШАНӢ-МАЪХАЗИ ТАЪРИХӢ ПИРОМУНИ МУНОСИБАТҲОИ ТИҶОРАТИИ АМОРАТИ БУХОРОИ ОХИРИ АСРИ XIX- ИБТИДОИ АСРИ XX

Шодипур Ю. –н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Зимнан «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ дар баробари инъикоси вазъияти иқтисодиву ичтимоӣ ва хаёти мадании аморати Бухоро, инчунин доир ба муомилоти молию пулӣ ва муносибатхои тичоратӣ низ сарчашмаи мухимми таърихӣ ба шумор меравад.

Чуноне Гулшанӣ зикр кардааст, дар «Таърихи хумоюн» хар як фасл ба нух вилояти (иёлотҳои) аморати Бухоро бахшида шудаанд. Ин омилро ба назар гирифта, шарқшиноси номии точик Д. Саидмуродов қайд кардааст, ки ҳар як боби ин асар аз тавсифи мавқеи ҷугрофии вилоятхо огоз ёфта, аз кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, сокинони ин марзу бум, машгулияти аҳолӣ, касбу кор, хоҷагии маҳалҳо, савдою тиҷорат ва амсоли он маълумоти муҳим медиҳад (5,298). Аз рӯйи андешаҳои мутахассисон, дар «Таърихи ҳумоюн» бештар масъалаҳои муҳимтарин, ба монанди мавқеи ҷойгиршавии иёлотҳо (вилоятҳо) дар нисбати шаҳри Бухоро, теъдоди аҳолии онҳо, масофаи роҳ аз маркази вилоятҳо то шаҳри Бухоро, маҳсулоти асосии истехсолии ин ё он вилоят, касбу кор ва машғулияти асосии ахолии аморат, теъдоди муассисаҳои гуногун, ба монанди бозорҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, мазорҳо, бойгарихои табиӣ ва монанди он возеху сахех ва мушаххас инъикос гардидаанд (4,37).

Аз маводу санадҳо ва маълумоти дар асар гирдовардашуда бармеояд, ки «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ барои омӯхтани таъриху ҷугрофиё, иқтисод

[24] Тарих-и Кипчак-хани рук. ИВАН УЗССР, инв. № 4468/II. Л.109-115

[25]Таърих-и салотини Мангития, Узбекия и Аштархония. Иван УЗССР №112/1-Л.76 б, л.124 а, л.142а.

[1] История культурного строительства в Таджикистане. Душанбе, 1979

тиҷоратиаморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX, ки ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубию шарқии Тоҷикистони имрӯза бо номи Бухорои Шарқӣ ба ҳайати он дохил мешуданд, аз ҳар ҷиҳат сарчашмаи муҳиму пуразиши илмиву адабӣ ва таърихӣ ба шумор меравад. Танҳо дар охири асри XIXибтидои асри XX, аз рӯйи баъзе маълумотхо, миқдори бозорхо дар Бухоро ба 286 адад мерасад, даромади ҳарсолаи он ба хазинаи аморат 60 ҳазор сӯмро ташкил медод (3,90).

1. Роҳ надодан ба тафриқаандозӣ байни кӯдакон ҳангоми ба таҳсил омода кардани онҳо дар мактаб.
2. Кумак ба кӯдакони сустхон ва ба шавқманд намудани онҳо ба хондан.
3. Мустахкам намудани обрӯю эътибори чунин кӯдакон дар синф, дар байни дӯстону рафиқон, ҷалби онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ дар мактаб.

ПАНДУ АХЛОҚ ДАР АШЪОРИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Худойқулова Қ.– н.и.п., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Саъдӣ модарро аввалин мураббӣ ва тарбиятдиҳандаи тифл донистааст. Меҳру муҳаббат ва қалби ӯро нисбати тарбияи фарзанд биҳишти ҷовидонии меҳр дониста буд. Мутафаккир таъкид намуда буд, ки дар хурдсолӣ ба бачагон бояд тарбияи динӣ, маданӣ, ақлӣ ва ҷисмонӣ дода шавад.

Мутафаккири бузург дар ашъори худ дар бораи навъҳои тарбия сухан ронда, барои дуруст тарбия намудани насли наврас се навъи тарбияро муҳим ва зарур шуморидааст: тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ ва меҳнатӣ.

Саъдӣ ба бузургӣ ва афзалияти қувваи ақлии инсон боварии калон дошт. Ақлу хирадро ягона ҳусну фазилати инсони донист. Бо ақидаи Саъдӣ одами хирадманд ҳамеша хушрафтор ва бо ҳикмат аст. Одамизод маҳз бо қувваи ақлии худ аз дигар мавҷудоти олами зинда фарқ мекунад.

Саъдӣ ба қувваи ақлии инсон баҳо дода, ӯро ба омӯхтани илму дониш ва ҳаёт даъват намудааст. Ба акидаи ӯ модоме, ки инсон аз дигар мавҷудот бо аклу хиради худ фарқ мекунад, ин хусусияти инсонии ӯро ба воситаи омӯхтании илму дониш инкишоф додан лозим аст. Бо боварии комил гуфтан лозим аст, ки мувофиқи ақидаи Саъдӣ сарчашмаи асосии хирадмандӣ ва тарбияи аклии инсон дар омӯхтани илму дониш аст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Саъдӣ дар такомули инсон тарбияи фикриро дар ҷойи аввал гузошта, барои инсон аҳамият доштани онҳо борҳо таъкид карда буд. Саъдӣ пешрафти ақлро барои ҳосил намудани сифатҳои неки ахлоқӣ зарур шуморида, инкишофи ақлии бачагонро бо тарбияи ахлоқии онро вобаста намудааст. Тарбияи ахлокии насли наврас дар таълимоти педагогии Саъдӣ мавзӯи асосӣ ва марказист. Мутафаккир масъалаҳои тарбияи ахлоқиро мувофиқи ақидаҳои инсонпарварии худ ҳал кард. Мақсад ва вазифаҳои тарбияи ахлоқиро Саъдӣ дар насли наврас тарбия намудани ҳисси инсондӯстӣ, гамхорӣ кардан дар ҳаққи инсон ва ҳурмат намудани шаъну шарафи инсонӣ иборат донистааст.

ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМ БОИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ

Неъматов Н.А.– н.и.п. кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати тахсилот усулҳои муосир ва таъсирбахшеро истифода бурдан лозим аст, ки хонанда ва донишҷӯ дар баробари гирифтани иттилоот имконияти байни худ мубохиса кардан ва баёни ақидахои якдигарро атрофи мавзӯъҳои таълимӣ дошта бошанд.

Усулҳои интерактивии таълим, чунин шакли корбарӣ аст, ки дар раванди амалӣ намудани он байни омӯзгор ва хонандагон аз як тарафва аз тарафи дигар, байни худи хонандагонҳам кориҳои ба роҳ монда мешавад. Барои амалӣ намудани ин ҳамкорӣ усулҳои гуногун ва муосири интерактивии таълимро (усулҳои фаъол) истифода бурдан мумкин аст:

- Муҳокимаи умумӣ (ин усулро муҳокима дар гурӯҳҳои калони хонандагон низ меноманд).
- Муҳокима дар гурӯҳҳои хурд.
- Бозиҳои таълимӣ.
- Бозиҳои нақшӣ.
- Лексияи хурди интерактивӣ.
- Кори ҷуфтӣ.

Усулҳои интерактивӣ ба истифодабарии доира ё сикли таълим, ки аз чор мархилаи мантиқан ба хам пайваст иборат мебошанд, асос ёфтааст:

- Марҳилаи 1 – таҷрибаи бевосита.
- Марҳилаи 2 – истифодаи амалӣ.
- Марҳилаи 3 – таҳлили таҷриба.
- Марҳилаи 4 – ҷамъбасти таҷриба.

Дар мархилаи якумақида, дониш, иттилоот ё малакахои хонандагон оиди масъалаи мухокимашаванда муайян карда мешавад. Дар мархилаи дуюм, маълумоту ахбори дар мархилаи якум гирифташуда хаматарафа тахлил карда мешавад. Дар мархилаи сеюм дониш, таҷриба, ахбори дар мархалаҳои аввала гирифтаро муқоиса намуда, хулосабарорӣ карда мешавадва дар марҳилаи чорум, хонандагон дониш ва малакаҳои дар марҳилаҳои аввала гирифтаашонро ба ҳаёти реалӣ алоқаманд карда, аҳамияти амалии онро муайян менамоянд.

ПРОБЛЕМАҲОИ ПЕДАГОГИИ ИҶТИМОИШАВИИ ИНСОН ДАР МАРҲИЛАҲОИ ГУНОГУНИ ҲАЁТ

Наимов З.Ҷ. –н.и.п. кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Иҷтимоишавишахсият – инҷараёниодиибаҳаётмутобиқшавиинсонмебошад, кивобастаазқобилиятвафаҳмишхудиинсонмавқеашродарҷомеапайдомекунад.
Инҷараёнтаъсиризиёдбаташаккулишахсиятваамалишавиинеруҳоиақлӣ-фитриияӯдарзиндагӣдорад.
Ҳаллибисёрмасъалахоиичтимоӣбаинсонвақобилиятиӯвобастаанд.

Иҷтимоишавишахсият – интагйиротҳоисифатиюмиқдоришсохторишахсиятдарҷараёниташаккул, иҷтимоишавӣватарбияиӯмебошад. Ӯдархудзуҳуротиодиробоқонуниятҳоитабиӣбароиинсоне, киазрӯзитаваллуддармухитиичтимоӣбасармебарад,тачассуммекунад.

Инкишофи ичтимоии инсон хусусияти *ҳамешагӣ,* вале*нобаробар* дорад.

Хусусияти *ҳамешагии* вай дар он зоҳир мегардад, ки дар он талабот ба тагйирот, худнигоҳдорӣ, аз додани таҷрибаҳои иҷтимоӣ, ҳамчун рушди табиии

инсон ба хисоб мераванд. Иҷтимоъ дар шахсият ғанӣ мегардад, чизеро ба худ мегирад ва ё аз даст медихад, меъёри муайяни имкониятхоро дар худ нигох медорад ва гайра.

Хусусияти инкишофи *нобаробар* бошад, дар он зоҳир мегардад, ки вай характери хамешагӣ надошта, росту хамвор нест. Ин ҷараён дар вобастагӣ аз ҷанбаҳои синнусолӣ, намуди мизоҷ, ҳолати инсон, шароити муҳит, худфаъолиятӣ ва гайра тагйир меёбад.

Меъёри инкишофи кӯдакро ба *актуалӣ (бисёр муҳим, мубрам)* ва *неруҳои баъд пайдошаванда (потенсиалӣ)ҷудо менамоянд. Меъёри актуалӣ* баёнгари ҳалли мустақилонаи вазифаҳои дарпешистодаи кӯдак аст. Ё ба тарзи дигар, аз рӯйи меъёрҳои инкишофӣ, вай аллакай,*шахсият* аст. *Муҳити наздиктарини инкишоф (Л. Г. Виготский)* шаҳодатдиҳандаи имкониятҳои инкишофи бармаҳали кӯдак мебошад. *Нерӯҳои баъд пайдошаванда* – қобилиятҳои инфиродие ҳастанд, ки шояд баъдтар амалӣ гарданд.

Ҳамчунин, ташаккули иҷтимоии инсон ба ҳолатҳои рӯҳии (психикаи) вай алоқаманданд ва дар баъзе адабиётхо мо бо мафҳуми «психоиҷтимоӣ» низ вохӯрданамон имкон дорад.

ЧӣтаврекиА.В. Мудрикқайдменамояд, мафҳуми*«иҷтимоишавӣ»* бачумлаиилмходарбораиинсоназ «политэкономия», кидаршаклиаввалаашхамчун «ҷомеашавӣ-ҷамъиятӣваёумумиҷамъиятӣ» (умумиҷамъиятӣкарданизамин, воситаҳоиистехсолотваг.) бакорбурдамешуд, воридшудааст.

НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Афгонова И. – муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Зиндагии инсон бо ахлоқи ҳамида зебост. Зеро бузургон мефармоянд: ахлоқ нурест бар қалб, ки инсонро роҳнамоӣ мекунад ва тоҷест бар сар, ки соҳибашро иззату каромат мебахшад.

Масъалаи оила ва тарбияи одобу ахлоқи ҷавонон дар ҳама давру замон диққати олимонро ба худ ҷалб карда буд.

Оила бояд як ҷойи муқаддас бошад, ки дар он ҳамеша меҳру муҳаббат ҳукмрон бошад. Дар оила пеш аз ҳама байни шавҳару зан бояд иззату эҳтиром бошад, якдигарфаҳмӣ бошад. Мавқеи зан дар ҷамъият, пеш аз ҳама, дар оила бояд баланд бардошта шавад.

Ба дунё омадани фарзанд барои зану шавҳари ҷавон ва хешовандон хурсандии калон аст. Мо медонем, ки барои мустаҳкам шудани оила тавлиди фарзанд хеле муҳим мебошад. Фарзанд риштаи меҳру муҳаббати зану шавҳарро мустаҳкам менамояд ва масъулияти онҳоро барои тарбияи фарзанд зиёд мегардонад. Фарзанди хубу ботарбия давомдихандаи ному кори волидайн ва ояндаи ҷамъияти инсонӣ мебошад. Ба воя расонидан ва тарбияи фарзанд қарзи мухим ва вазифаи масъули хар як падару модар дар назди Худованд, ҷомеа, миллату Ватан ва умуман инсоният мебошад.

Дар ҷумхурии мо тарбияи фарзанд ба хукми қонун дароварда шудааст, ки гувоҳи ин аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баровардани қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» мебошад.

Дар Конститутсия (Сарқонун) оварда шудааст, ки падару модарон барои тарбияи фарзандон масъуланд.

Тараннуми эҳсосу андеша, тасвири инсон, ситоиши бузургиву мадҳи одобу ахлоқи ҳамида ва як қатор масъалаҳои марбут ба тарбияи инсон, аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо рангу василаҳои гуногун инъикос ёфтааст. Ҳар як фард чузъи ҷамъият аст ва инсони солим ба ҷамъият низ солимӣ бахшида ба ҳамин васила ҳаётро дар рӯйи замин идома мебахшад.

Падару модар пеш аз ҳама бояд ба фарзанд некӣ ва накукориро ёд диҳанд. Расули Худо (с) фармудаанд: «Фарзандони худро эҳтиром кунед ва ба онҳо бо одобу рафтори нек бархӯрд намоед. Ба фарзанди худ дар анҷоми некӣ ва хайр рӯ расонед».

Ҳазрати Алӣ (р) дар зимни тавзеҳи ҳуқуқи фарзанд ба падар дастур медиҳад: «Бо фарзандонат онҷунон рафтор кун, ки асари накуии тарбияи ту мояи зебоӣ ва ҳусну ҷамоли иҷтимоии ӯ шавад; ӯро чунон ба дунё биовар, ки битавонад дар кору бори дунё ва зиндагии худ боиззату обрӯманд бошад ва мояи зебоӣ ва ҷамоли ту бошад».

ТОЛЕРАНТНОСТЬ СТУДЕНТОВ ВУЗОВ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

Назарова Х.А.– старший преподаватель общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ

Воспитание толерантности должно быть направлено на противодействие влиянию, вызывающему чувство страха и отчуждения по отношению к другим. Оно должно способствовать формированию у молодёжи навыков независимого мышления, критического осмысления и выработки суждений, основанных на моральных ценностях.

Особую роль в деятельности преподавателя по воспитанию толерантности играет организация рефлексии. Под рефлексией понимается формирование осознанной устойчивой системы отношения студента к какой – либо значимой для него проблеме, вопросу;

- снижение случаев агрессивного отношения к однокурсникам;
- степень комфортности студентов в курсе;
- степень свободного выбора студентами способов и форм культурной жизнедеятельности.

Толерантность в современном тысячелетии – способ выживания человечества условие гармоничных отношений в обществе. Общество меняется, жизнь человека становится все труднее, больше и больше ответственности, а преподаватель воспитывает по – старому. В современном мире студенты стали другими, они по – другому видят мир, у них другое отношение к преподавателям.

Вузам нужна новая цель, отвечающая новому времени. Она должна быть и реальной, и высокой, достижимой и недостижимой, как и все высокое.

По мнению Бэтти Э. Риэрдон, цель воспитания толерантности – в утверждении ценности человеческого достоинства, что является центральной ценностью международных стандартов прав человека. Такой подход показывает, что толерантность – лишь начало формирования дружественного сообщества. Понимая необходимость толерантности для развития общества, правительства многих государств предприняли ряд мер по профилактике проявлений интолерантности, экстремизма.

Наиболее эффективным методом развития толерантного общества является формирование толерантности каждого члена общества, формирование социальной

компетентности, социальной активности, инициативности и социальной ответственности, особенно у молодежи.

АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ НАЗАРИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ

Кенҷаева Ш. – муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Таҳқиқ ва баррасии афкорои педагогии Абӯнаср Муҳаммади Форобӣ (873/74-951) баёнгари он аст, ки ӯ ҳамчун асосгузори фалсафаи машшоияи шарқӣ (перепатитизм) хамвора дар баёни афкори тарбиявӣ ва ахлоқии хеш аз фалсафа рӯйи кор гирифтааст. Ба андешаи файласуф ва педагоги тоҷик Қ. Қодиров: «...дар маркази диққати ӯ (Абӯнаср Муҳаммади Форобӣ-Ш.) фалсафаи Арасту буд» (1,37).

Пӯшида нест, ки як қисмати осори Абӯнаср Мухаммади Форобӣ ба тарғибу тарвиҷи мероси илмӣ- фалсафии табиатшиносони Юнони қадим бахшида шудаанд, аммо ин маънии онро надорад, ки мероси педагогии Абу Наср Мухаммади Форобӣ танҳо аз фалсафа сарчашма мегирад.

Абӯнаср Мухаммади Форобӣ зодаи Мавароуннахри садаи 9-10 буд. Пеш аз хама, мухити маънавӣ ва илмии Мавароуннахри ҳамон давра, таълимоти ислом, ахлоқи замон, сиёсати давр ва муҳити созгори хонаводагии эшон низ, на танҳо сарчашма, балки заминаҳои асосии тарвиҷи афкори тарбиявӣ ва ахлоқии ӯро ташкил медиҳанд. Аз тарафе русуму суннатҳои пайвандӣ низ, дар фароҳамсозии афкори тарбиявиаш хидмати арзандае кардаанд. Зеро қабл аз таъсирпазирӣ аз фалсафаи Арасту ва фалсафаи табиатшиносони Юнон Абӯнаср Мухаммади Форобӣ зери таъсири мухит ва улуми замони хеш қарор дошт.

Мероси илмӣ-фалсафии Абӯнаср Муҳаммади Форобӣ бозгӯйи он аст, ки мавсуф натанҳо дар доираи фалсафа ва таълифи осори фалсафӣ маҳдуд гардидааст, балки роҷеъ ба ҷамъият, сиёсат ва ахлоқ низ, як қатор сарҳои нодир навиштааст (1,38).

Ба назари мо манобеи хеле муҳимми мероси педагогии Абӯнаср Муҳаммади Форобӣ, ин осори фалсафии ӯ ба шумор меравад.

СИМОИ МАЪНАВИИ ИНСОН ДАР ОСОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Ҳусейнов Н.М. – ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

МафҳумиинсондаросоримутафаккирониШаркборохҳоигуногунифодагардидаа ст, валедарбештариосориинмутафаккирон, чунонки зимни омӯзиш бармеояд, зоҳируботинварӯҳиявуҳулкиинсонмавридиандешаионҳокароргирифтаастваинманобе ъазҷонибионҳоякнавътаъбирмегардадвабороҳиҳаминтасвир,пешазҳама,хислатиинсо нмуайян ва баҳогузорӣкардамешавад.

ҶалолуддиниБалхӣдарандешахоихудинсонробароивурудбахрибеканор-саодатиухравӣ. Ӯҳармавзееро, кибасаодатиинсониртиботдорад, мавридитавзехқарордодаастхарпахлухои гуногуни зиндагии инсонро ба равшанию расоӣ ва ҷаззобияти хос баён намудааст. Такомули харчи бештари инсонро дар баҳрагирӣ аз каломи илоҳӣ таъкид намудааст.

Маънии инсон дар осори ҶалолуддиниБалхӣхудопарастӣаст. Худонуриосмонховазаминаст. Худоинсонро бо нури хеш рахнамун мекунад. Худо холиқе аст, ки ҳама чизҳоро аз ҳеҷ ва фақат бо иродаи хеш меофарад. Ӯ сарчашмаи саодати зиндагӣ аст ва хар чиз, хар маврид дар партави ӯ давом дорад.

ҶалолуддиниБалхӣдаросорихешбашинохтимаънавӣва маърифатии инсон таваҷҷуҳихосдорадваманзураштасвирутамсилотватанҳотавсифисувариионастваазин лиҳоз, симоионромақомимахсусбахшидааст.

Инсон аз назари ҶалолуддиниБалхӣбаландмартабабуда, дар тариқатихудсозӣбакамолкӯшишменамоядвадаринроҳбачунинмаърифаткомгормегар дадвадарамре, киунвони«оламисағир»-родорад, бодарёфтимаротибикамол, ба«оламикабир"ҳулулмеёбад.

Маънии "инсони комил" дар осори ҶалолуддиниБалхӣтаҷаллигари"ақликул"башуморрафта, дарҳармаврид, басуратиифодагарисимовасояиОфаридгордаролам, дармовароифановабақо, бароихудсозӣмаҷзубиятиишкро бо эҳсостаҳаммулмекунад.

РЕКОМЕНДАЦИИ В ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ ДЛЯ РОДИТЕЛЕЙ

Давлатова Ш.Н. – соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ

Успешность воспитательного процесса во многом зависит от того, как складываются отношения между педагогами, обучающимися и родителями.

Доверие определяет настоящее человеческое отношение родителя и педагога, вызывая обоюдную потребность в общении – в этом один из секретов удач. Взаимоотношения родителей и школы измеряются в зависимости от возраста детей.

Работа педагогов с родителями младших школьников имеет свою специфику: это наиболее благодарная аудитория.

Чтобы добиться успехов в работе с детьми, необходима целенаправленная, систематическая, кропотливая работа каждого учителя с родителями.

В каждом классе должен быть не только коллектив учащихся, но и родителей.

Наряду с традиционными формами работы с родителями существуют нетрадиционные.

К нетрадиционным формам работы с родителями относятся:

Консультация. Беседа. На индивидуальную консультацию родителей можно пригласить по собственной инициативе, изучив результаты обучения учащегося, или по рекомендации учителей - предметников.

Беседу лучше проводить в целях предупреждения конфликтной ситуации, для налаживания взаимоотношений между родителями и детьми, между отдельными педагогами и семьями.

Родительские чтения. Родительские чтения – очень своеобразная форма работы с родителями, которая даёт возможность не только слушать лекции педагогов, но и самим изучать литературу по проблеме. В ходе родительских чтений уместно формировать родительскую культуру, кругозор в рамках данной проблемы.

Родительские вечера. Их уместно проводить, когда педагог только начал формировать родительский коллектив класса, когда дети только переступили порог школы. Родительский вечер – это праздник общения с родителями друзей твоего

ребёнка, это праздник воспоминаний собственного детства, это поиск ответов на вопросы, которые перед родителями ставит жизнь.

Родительские тренинги. Родительские тренинги – это активная форма работы с теми родителями, которые осознают проблемные ситуации в семье, хотят изменить своё взаимодействие с собственным ребенком, сделать его более открытым и доверительным и понимают необходимость приобретения новых знаний и умений в воспитании собственного ребёнка.

Родительские ринги. Родительские ринги – одна из дискуссионных форм общения родителей и формирование родительского коллектива. Родительский ринг – готовится в виде ответов на самые актуальные вопросы педагогической и психологической науки.

УРОВЕНЬ ПРАВОВЫХ ЗНАНИЙ ШКОЛЬНИКОВ И НЕОБХОДИМОСТЬ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ ПРЕПОДАВАНИЯ ПРЕДМЕТА «ПРАВА ЧЕЛОВЕКА»

Муродов С.А. – соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ

Любому этапу развития современного общества характерны соответствующие общественные отношения, дальнейшее совершенствование демократии, социальных ценностей и норм. Все это, в совокупности, предъявляет повышенные требования к правовому сознанию и правомерному поведению подрастающего поколения. Формирование правового сознания и правомерного поведения у подрастающего поколения в основном обусловлено обучением правовым основам, в процессе чего подрастающее поколение получает не только социально - полезную информацию, а также изучает осмысленно правильное применение норм права на практике, осознаёт правовую действительность. Существенным в данном аспекте является целенаправленная деятельность по совершенствованию правосознания, конечной целью которого является формирование правовой культуры граждан, в особенности молодёжи. В Указе Президента Республики Таджикистан от 9 апреля 1997 года за № 691 «О правовой политике и правовом воспитании граждан Республики Таджикистан»[7;62], и Постановлении Правительства Республики Таджикистан от 22 августа 1997 года за №383 «О некоторых мерах по улучшению правового воспитания граждан и правовой работы в республике»[1;34] указана важность данного аспекта идейно-воспитательной работы и его роль в развитии правосознания, профилактике правонарушений среди подрастающего поколения. С учетом указанных требований и конкретных реалий нашего общества, бесспорно, возрастает роль научного исследования вопросов правового воспитания.

Правовое воспитание является целым сложным комплексом отношений, призванных решать задачу возможности и потребности обращения к праву, чем и определяется особая актуальность темы настоящей статьи . Действующая в нашей стране система образования подрастающего поколения не полностью охватывает все вопросы правового воспитания, значения уровня правового сознания личности как регулятора ее поведения. В том числе, в настоящее время правовое воспитание учащихся школ не обеспечено современными методическими пособиями и техническими средствами, а также в значительной мере нуждается в высококвалифицированных специалистах. Наблюдается серьезное снижение уровня эффективности преподавания учебного предмета «Основы государства и права».

Общеобразовательные школы мало обращают внимания на организацию внешкольных форм правового воспитания (привлечение подростков к участию в правоохранительной деятельности, кружках, олимпиадах, лекториях, неделях права) и, в целом, осуществление практических организационных мероприятий данного направления.

БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

ЧОЙ ВА ЧОЙХОНА ДАР ФАРҲАНГИ МАРДУМИ ТОҶИК

Раҳмонов Р. – д.и.ф., профессори кафедраи назария
ва адабиёти навини форсии тоҷикиДМТ

Чой як навъ буттаниҳоли хурдест, ки дорои баргҳои ҳамешасабз ва ё сафеди ширранги хушбӯю хушмазза аст. Онро ба забони тоҷикӣ чой, гоҳе чойӣ, дар баъзе гӯйишҳои эронӣ «чо» низ мегӯянд. Ба забони арабӣ шой, сой, шоҳсинӣ, ба забони инглисӣ «тӣ» (анг. tea), русӣ чай меноманд. Қариб дар аксари кишварҳои дунё талаффузи вожаи чой аз ҳамон решаи чинӣ, аз гӯйиши чинии шаҳри Контун (Canton) гирифта шудааст, ки дар ҷанубии Чин қарор дорад.

Чой дар замонҳои қадим ҳамчун гиёҳи шифобахш дар байни мардуми олам густариш ёфтааст. Аммо таърихи дар фарҳанги тоҷикон густариш ёфтани чой ҳудудан 150-200 сол аст. Имрӯзҳо дар фарҳанги тоҷикон барои нӯшидани чой чойи хушк, лаълӣ, чойҷӯш, чойнак, пиёла, болопӯши чойнак, пиёла, чойнакпӯш, чойхалта, чойсофкунак ва гайра лозим аст. Дар маросимҳои арӯсӣ, хатнасур, оши наҳор, ҷашнҳо ва ойинҳои гуногуне, ки дар байни тоҷикон ҳаст, ҳатман дар он ҷо чой ҳаст.

Дар фарҳанги тоҷикон эътибори чой ва чойхона дар тайи тахминан 100-150 соли охир ҷойгохи худро пайдо кард. Ибора ва ҷумлахои одоби муошират, ба монанди «як пиёла чой гирем», «мархамат ба як пиёла чой», «як чой кунам», «кай як чой менӯшем» ва ғайра маъмул шудааст.

Дар бораи чой дар фолклори тоҷик шеър, нақл, шугун ва амсоли ин вуҷуд дорад. Шугунҳои зерин нисбати чой ҳаст: «Агар дар пиёлаи чой чӯбе рост бошад меҳмони қадбаланд меояд», «Агар дар пиёла чӯби хурд рост бошад, меҳмони қадкӯтох меояд» ва ғайра. Мавқеи чой дар ашъори омиёна низ ба назар мерасад. Мисол:

Рафтум лави ов, лави ов сум задагӣ,
Чойник пури чой, пиёла дар санг задагӣ.
Чоя мо хӯрему шаммаша шумо,
Кора мо кунему шарманда шумо.

Чой дар фарҳанги мардуми тоҷик зуд омезиш ёфт, ки бар асоси он вожаҳои зиёде ба монанди чойқуттӣ, чойдон, чойнак, чойник, чойнӯш, чойнӯшӣ, чойпулӣ, чойфурӯш, чойфурӯшӣ, чойникпӯшак, чойхалта ба вуҷуд омаданд.

Дар мақола ба таври муфассал ҷойгохи чой ва чойхона дар фарханги мардуми тоҷик нишон дода шудааст.

Адабиёт:

1. Бируни Абу Рейхан. Фармакогнозия в медицине (Китаб ассайдана фи-т-тибб) // Избранные произведения. Т.1У. / Иссл., пер. и прим. У.И.Каримова. Ташкент, 1974.
2. Деҳхудо. Луғатнома. Ҷ.5. Теҳрон, 1373.
3. Рахимов Р.Р. «Мужские дома» в традиционной культуре таджиков. Ленинград: Наука, 1990.
4. Раҳмонӣ Р. Насри гуфтории тоҷикони Бухоро. -Душанбе: Адиб, 2014.

ТАҲАВВУЛИ ТАҲРИРОТИИ ҚИССАИ «МАРГИСУДХӮР»-И С.АЙНӢ

Қаландаров Н.н.и.ф., дотсенти кафедраи назария
ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Агар ба коргохи эҷодии нависандагон муроҷиат кунем, ё ба хотира ва ёддоштҳои сершумори онҳо таваҷҷуҳ намоем, ба ду тарзи эҷоди асари бадеӣ рӯбарӯ мешавем. Аввалан, адибоне хастанд (зиёдтар шоирон ба ин тарзи эҷод машғуланд), ки мухтаво ва мундариҷаву қолаби асарашонро аввал дар тафаккурашон пазонда, баъд рӯйи коғаз меоранд.

Гурӯҳи дигари нависандагон (ин тарзи эҷод бештар ба насрнависон хос аст) хамеша пайи тахриру такмили асархояшон захмат мекашанд ва ба қавли нависандаи бузурги рус Л.Н.Толстой, бе хат зада аз нав навиштан фаъолияти нигорандагии худро тасаввур карда наметавонанд.

Устод Айнӣ на танҳо барои ба чопи нахустин тайёр кардани асарҳояш заҳмати зиёд мекашид, инчунин асарҳояшро, аксаран, дар ҳолати чопи нахустин боқӣ намонда, пеш аз чопи навбатӣ онҳоро таҳриру такмил медод. Аҳамияти таҳрироти адабиро барои нависандагони ҷавон чунин таъкид намудааст: «Нависандае, ки дар болои асари танқидшудааш дубора кор накарда ва онро дуруст нанамуда, дар фикри эҷод кардани асари «беайб» меафтад, ба он падаре монанд аст, ки дар тарбияи фарзанди чала зоидашудааш кӯшиш нанамуда ва ӯро дар мавқеи тамоман ҳалокшуда гузошта, дар фикри зоёндани ягон бачаи «пурра беайбе» афтодааст» (65, 130).

Қиссаи «Марги судхӯр» бошад, аз тарафи мунаққидони адабиёти тоҷик танқид нашуда буд, вале худи нависанда дар асар камбудии назаррасе ҳис карда, баъди аввалин чопи китобӣ (1939) онро боз ду бори дигар ҷиддан таҳрир менамояд.

Таҳрироти минбаъдаи нависанда чунон муфассал ва корӣ буд, ки матни бори охир таҳрирёфта (1953) аз матни чопи аввали қисса (1939) «аз ҷиҳати ҳаҷм қариб ду баробар шуда, аз ҷиҳати бадеият ва сатира пурратар гардида, аз ҷиҳати мундариҷа хеле маълумотҳои нави обнорасидаро дарбар мегирад» (26, 2). Ҳамаи ин боис гардид, ки таҳрироти минбаъда тамоми лаҳзаҳои лафзию маънавии қиссаро фаро гирад.

Адабиёт

1. Айнӣ С. Асарҳои мунтахаб. – Сталинобод: НДТ, 1948. – 424 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт. – Сталинобод: НДТ, 1961. – Х.4. – 352 с.
3. Айнӣ С. Муқаддимаи таҳрири нави «Марги судхӯр». – Дастхат. – Бойгонии нависанда. – 5 в., в.ҳ. 33.
4. Мактуби Айнӣ С. ба Деҳотӣ А. аз таърихи 23 октябри 1946 // Шарқи сурх1962. № 4. – С. 128-131.

МАСЪАЛАҲОИ ПАНДУАХЛОҚӢ ДАР МАНЗУМАИ «ДАБИСТОНИ ИБРАТ»-И МУҲАММАДҲУСАЙНИ ҲОҶӢ

Муҳиддинова Д.Т. – н.и.ф., ассистенти кафедраи назария
ваадабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Мухаммадхусайни Ҳоҷӣ яке аз шоирони охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ Хатлонзамин буда, ки ӯ дар мархалаи нави гузариши адабиёт зиндагӣ ва фаъолият намуда, бо ашъори пургановати худ мавқеи хосса пайдо кардааст. Офаридаҳои шоир воқеахои таърихӣ, ичтимоиву фарханғиро дар бар карда, бештарашон дар мавзӯъхои

панду – насиҳатӣ иншо гардидаанд ва аз мутолиаи онҳо кас як ҷаҳон гизои рӯҳӣ ва маънавӣ мегирад. Манзумаи «Дабистони ибрат»-и Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонад, ки он дар натиҷаи мушоҳида ва мулоҳизаи зиёди ҳаёт ба қалам омадааст. Дар он сабаби дуюми сар задани фоҷиа дар байни мардуми Бухоро равшан инъикос гардидааст.

Манзума аз муқаддима ва мавзӯъҳои ҷудогонае иборат аст, ки яке пайи дигаре омада, якдигарро шарҳ медиҳанд ва ҷанбаи ирфонӣ, ҳасбиҳолӣ ва панду ахлоқӣ дошта, гувоҳи ҳунари волои нигорандагии адиб мебошанд.

З-иқтизои ҳикмату тақдири илми Кирдигор,
Ҳар амалро фурсатесту ҳар асарро вақти кор.

Манзумаи «Дабистони ибрат»-и Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ аз огоз устувор буда, баробари мутолиаи байти аввал, сохти таркибии шеър муайян мегардад ва дар ҳамин тамоми махсусиятҳои он - вазну қофия, лафзу маънӣ, оҳангу тарзи талаффуз ба тартиб ифода меёбад.

Дар матлаи мазкур лутфу эҳсони Офаридгор дар ҷаҳду талоши инсон ба роҳи ҳақ ва ҳақиқат зоҳир мегардад. Мувофиқи қофияи он (аабава) мо қайд карда метавонем, ки шоир манзумаро дар шакли қасида суруда, аз миқдори ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз ва инчунин рукнҳои ин байт гуфтан мумкин аст, ки он дар вазни рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур (-V--/-V--/-V--/-V- (-V~)), ки яке аз вазнҳои серистеъмол ва сабуку хушоҳанг дар адабиёти форсу тоҷик буда, офарида шудааст. Қасидаи мазкур дар нусхаи кирилии Куллиёти нави шоир ба 222 байт ва дар нусхаи форсии ҳамин Куллиёт бошад, ба 224 байт расидааст.

Хулоса, Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ дар манзумаи «Дабистони ибрат» фоҷиаеро ба номи шиаву суннӣ меорад, ки дар зери он пардапӯшона мансабхоҳии як гурӯҳ шахсиятҳоро ба қалам додааст. Шоир дар эҷоди ин қасида маҳорати худро ба монанди таърихшинос, файласуф, донандаи илмҳои динӣ бо роҳи қиссаву ривоятҳо ва аз истифодаи сураву оятҳои Қуръони карим равиши воқеаҳои он давронро тавонистааст дар сатҳи баланд тасвир созад. Дар баробари ин воқеаҳо, зарбулмасалҳо ва пандномаҳоро низ ҷой додааст, ки забони асари Ҳоҷиро боз ҳам диққатҷалбкунанда кардаанд. Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ шоирест, ки бо ашъори пургановати худ дар дили ҳар хонанда ҷой гирифта, ҳидоятҳои ӯ ба роҳи рост ва устувор будан дар он, талқини ҷасоратмандӣ, ватанхоҳӣ дорои ҷанбаи амиқи таълимию тарбиявӣ мебошанд.

Адабиёт

1. Абдулмаҷид Носирии Довудӣ. Инқилоби Карбало аз дидгоҳи аҳли суннат (баргардон, талхис ва тавзеҳи Доро Наҷот). – Душанбе: Пайванд, 2007. – 312 с.
2. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 239 с.
3. Маҳмадов А. Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ дар масири арзишҳои динию фарҳангӣ// Садои Шарқ. – 2008. № 9. – С. 132.

АДИБИ ВОҚЕЪБИН ВА ҚОЛАБШИКАН

Ёрова З.Н. – муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Ҷумъа Одина аслан ба насли насрнависони солҳои шастум иртибот мегирад. Бартарии ин адиб аз насрнависони солҳои мавриди назар дар он буд, ки бар асари ҳодисаҳои номатлуби солҳои сиюм 15 соли ҳаёташро дар кишвари Ставрополи Русия сипарӣ намуда, синфи ҳафтумро он ҷо ба забони русӣ хатм кардааст. Ин саҳифаи зиндагиномаи ӯ ба он далолат мекунад, ки вай осори адибони русу Аврупо ва Ғарбро

хонда буд ва ба тарзи эҷоди нависандагони машҳури сатҳи ҷаҳонӣ хеле хуб ошноӣ дошт. Ҷумъа Одина дорои мутолиаи қавӣ буда, сарчашмаи асосии касби нависандагии ӯ китоб ҳисоб меёфт.

Ҳадафи асосии ҶумъаОдина аз эҷоди асари бадеӣ орзуву мақсадхои худро иброз доштан аст.Аз ин рӯ,адиб чи дар нахустин ҳикояҳо ва чи дар қиссаҳояш рӯҳи замонро инъикос месозад, ки ба сарнавишти ҷавонон, коргарон ва мактабиён тааллуқ мегирад.

ҶумъаОдина дар ҳикояву қиссаҳояш то огози солҳои 70-ум «чизҳои хостааш»-ро ба хатти сужа ҷой дод, аммо чизи мухимми хостаашро дар нахустроманаш «Гузашти айём», ки иншои он панҷ сол идома ёфт, ба қалам медиҳад. Бори нахуст ин роман бо теъдоди 14 ҳазор нусха рӯйи чоп омад, бо сабаби ба сиёсат ва мафкураи замон мувофиқ набуданаш онро аз фурӯш боздоштанд ва танҳо бо кумаки муҳаққиқи эҷодиёти Ҷ.Одина Карими Мӯсо 11 адад аз ин нашр дастраси нависанда гардид ва боқимонда хамагӣ ба коми нестӣ рафт...

Баъдан соли 1989 роман бо таҳриру ислоҳ ва ихтисорҳо бори дуюм аз чоп баромад. Дар ин бора Буринисо Бердиева дар мақолаи «Бо фахмиши худ кор мекардам» чунин изҳори ақида кардааст: «Шунидам, ки романи «Гузашти айём»-ро бо ислоху ихтисор аз нав чоп мекардаанд. Ин хел шуданаш ҳеҷ мумкин нест. Зеро Ҷ. Одина ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш, ба ин кор розӣ набуд» [3].

Ҷумъа Одина то чопи маҷаллавии романи «Гузашти айём» чандон шуҳратёр набуд. Маҳз тақдири талхи ин роман соҳибашро овозадор сохт ва ҳамчун як нависандаи қолабшикан ва воқеъбин миёни хонандагон машҳур кард. Нависанда бо эҷоди ин асар хонандаи хосси худро пайдо намуд, муштариёну хаводорони зиёдеро дар атрофаш ҷамъ кард ва шахсони хайрхоҳаш зиёд гардиданд. Албатта, романи «Гузашти айём» соҳибашро рӯҳану ҷисман кушт, аммо боз ин роман боис шуд, ки ҶумъаОдина баъд аз марг ба ҷоизаи Давлатии ба номи Рӯдакӣ сазовор гардад. Яъне,рост рафтану рост гуфтану рост шуниданҳои адиб ӯро ба сифати нависандаи бомахорати шӯравии тоҷик муаррифӣ кард. Метавон гуфт, ки Ҷумъа Одина бо романи «Гузашти айём», «Авроқи рангин», «Иншо дар мавзӯи озод», «Чанбари оташ» ва порчаҳое аз «Искандарнома» ва дигар асарҳояш дар саҳифаи таърихи адабиёти нави тоҷик боқӣ мемонад.

Адабиёт

1. Асозода Х. Чеҳраҳо /Х.Асозода/ - Душанбе: Адиб, 1996.-205 с.
2. Сайфуллоев А. Ба дараҷаи вазифаҳои нав /А. Сайфуллоев // Маориф ва маданият. – 1979. - 23 сентябр.
3. Сатторов А.Гузашти айём ва сарнавишти инсони покрав /А. Сатторов/ - Душанбе: Ирфон, 1989.- С.383-400.
4. Табаров С., Асоев Х. Ташаккули фардияти нависанда/С. Табаров, Х.Асоев// Маориф ва маданият.-1978.-23 май.

НАЗАРЕ БА САҲИФАҲОИ НОРАВШАНИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИНҶОН ШУКӮҲӢ

Бобомаллаев И. – ассистенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикиДМТ

Вақте ҷилави сухан ба самти бурду бохти назму адабиёти тоҷик дар замони Шӯравӣ тоб мехӯрад, пеш аз ҳама, номҳои устодон – Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзодаю Мирсаид Миршакар, Мӯъмин Қаноату Ғаффор Мирзо, Убайд Раҷабу Қутби Киром, Лоиқу Бозор Собир ва боз чанд тани дигар

пеши назар меояд ва дуруст аст, ки мо дар эҷодиёти ин адибон роҳу равияҳои асосии инкишофи шеърамонро ҷӯё мешавем. Аминҷон Шукӯҳӣ низ аз зумраи ин адибони соҳибистеъдод аст.

Ҷустуҷӯи фикрҳои тоза, дарёфт намудани воситаҳои муносиби тасвир ва нишон дода тавонистани ҳусну қубҳи зиндагӣ, аз маҳорат ва истеъдоди волои А. Шукӯҳӣ шаҳодат медиҳад. Замоне ки устод Айнӣ аз истеъдоди воло ва ашъори дилошӯби Аминҷон Шукӯҳӣ воқиф гардид, дар мактуби кушоди худ ба Пӯлод Толис «ӯро низ ҳамчун шоири боистеъдод зикр карда, таъкид намудааст, ки адабиёти тоҷик аз ӯ умедҳои бузург дорад» [5].

Хушбахтона, фаъолияти эҷодии Аминҷон Шукӯҳӣ ба ҳайси шоир, нависанда, рӯзноманигор аз нуқтаи назар дур намондааст. Соли 2003 бахшида ба ҷашни 80-солагии шоир дар вилояти Сугд китобе бо номи «Ёди Шукӯҳӣ» [3], ки аз маҷмӯи хотироти дӯстону наздикон, ёру рафиқон, хешу ақрабо ва фарзандону пайвандони шоир аст, ба дасти хонанда расид. Аслан, дар ин маҷмӯа зиндагинома ва симои аслии Аминҷон Шукӯҳӣ ба сифати як инсони покдилу поквиҷдон мавриди ёдовариву ситоиш қарор гирифтааст. Дуруст аст, ки зиндагинома, муҳити кору фаъолият ва эҷодиёти шоирро надониста, ба фаъолияти илмиву адабии ӯ баҳо дода наметавонем. Дар мақолаҳои М.Турсунзода, Шукуров М., Ҳакимов А., Сайфуллоев А., Фарҳат М., Набиев А., Абдуманнонов А. ҳаддалимкон паҳлуҳои эҷодиёти шоир мавриди пажӯхиш қарор ёфтааст.

Ҳарчанд ки танқиди адабӣ эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳиро ҳаматарафа таҳлил накардааст, аммо чанд тан аз шоиру нависандагон, адабиётшиносону мунаққидон, ба монанди Садриддин Айнӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, Ҷ. Икромӣ, М. Осимӣ, С.Маъмур, А.Баҳорӣ, С. Турсун, Ҳ. Аскар, Акобиров Ю., Шукуров М., А. Ҳаким, Р. Мусулмонқулов, А. Сайфуллоев, А. Набиев, А. Абдурахмон, М. Фарҳат дар хусуси паҳлуҳои гуногуни зиндагиву эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ доманаи баҳсу мунозираро огоз намуда, барои дуруст омӯхта шудани фаъолияту зиндагиномаи шоир хизматҳои босазо намудаанд [3]. Вале аксарияти ин таълифот эҷодиёти шоирро ба таври пурра мавриди баррасӣ ва пажӯхиш қарор надодаанд ва онҳо танҳо барои пурра намудани шарҳи ҳол ва зиндагиномаи шоир кумак мерасонанд.

Адабиёт

1. Адибони Тоҷикистон. –Душанбе: Ирфон, 1966. –312 саҳ.

2. Акбаров Ю. Ошиқи ҳаёту зебоӣ // Маориф ва маданият. – 1973, 2 июн.

3. Ёди Шукӯҳӣ: Ба 80-солагии ҷашни шоир. – Ғафуров: Сугд, 2003. –176 с.

4. Турсунзода М. Оид ба вазъият ва вазифаҳои адабиёти советии тоҷик // Шарқи Сурх. – 1959. – № 9.

5. Ҳакимов А. Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта // Садои Шарқ. – 1976. – № 9. – С. 109-130.

АБӮАЛӢ ИБНИ СИНОДАР ШИНОХТИ МАОРИФПАРВАРОНИ ТОТОР

Зайниддинов М. – н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикиишДМТ

Шиносоӣ, баҳрагирӣ ва пайравии халқҳои туркизабон ба ном ва фаъолияти Ибни Сино, ба мисли занҷири пайваст муттасил давом карда, хар аср ё ҳар давраи ин қаробат ба ҳайси намунаи равшани иртиботи тоҷикон бо халқҳои туркизабон ба назар мерасад.

Тоторҳо аз халқҳои таърихан бедор фикр ва маърифатдидаи турктабор буда, дар ривоҷи муносибатҳои ҳасанаи илмӣ ва фарҳангӣ саҳми бештаре доранд. Дар шинохти Ибни Сино дарки андешахои фалсафӣ ва илмии ӯ, истифодаи осор ва натиҷагирӣ аз он, воқеан тоторҳо нисбат ба қавму миллатхои дигари туркзабон пешдастӣ доранд. Онхо ҷанбаи башарпарастии осори Ибни Синоро дарк намуда, дар шинохти шаъни инсонии худ ба таҷрибаи бадеии ӯ такя намудаанд.

Қайюм Носирӣ як тан аз маорифпарварони тотор аст, ки ба мисли хаммаслаконаш Абунаср Курсавӣ, Ҳусайн Файёзхонов, Шахобутдин Марҷонӣ ва Олимҷон Барудӣ барои аз карахтии асримиёнагӣ раҳо намудани ҳамзабононаш талош намудааст.

Ӯ бо назардошти шухрати таърихии Абӯалӣ ибни Сино миёни ақвоми туркзабон дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ ба осори ӯ такя намуд ва барои амалӣ намудани андешахои инсонгароёнааш аз мероси «ифтихори халқи тоҷик ва падари медитсинаи рӯйи дунё» (таъбири устод Айнӣ), Абӯалӣ ибни Сино истифода бурд.

Шиносоӣ ба асарҳои Ибни Сино, омӯхтан ва дарки муҳтавои ҳикояҳои марбут ба ӯ, мояи ифтихори Қ.Носирӣ будааст, зеро ривоятҳо аз ҳаёт ва эҷодиёти ӯ барояш хушоянд ва ибратомӯз буда, ба афкору андешаи маорифпарварии ӯ мувофиқ омадаанд.

Соли 1872 Қ. Носирӣ коркарди асараш «Абугали Сина»-ро ба анҷом расонид ва соли 1864 дар Қазон нашри нахустини он суръат гирифт. Ин асари маорифпарвари тотор ҷиҳати ба таври густурда ба олами маънавии тоторҳо ворид гардидани андешаҳои Ибни Сино хидмат кард.

Абӯалӣ Синоро образи асари худ қарор додани Қ.Носирӣ бесабаб набуда, мақсади муаллиф тавассути донишу хиради Ибни Сино ифода намудани идеалхои башарпарастии хеш будааст.

Адабиёт

1. Насыри К. Избранное произведения.-Казань, 1977-С. 163
2. Каримзлин А. Торская книга пореферменной России.-Казань, 1983, с.12
3. Юзеев А.Н. Татарская философская мысл конца XVII – XIX вв. -Казань, 2001. -С. 163

БАҲСИ “ШЕЪРЗАДАГӢ” ВА МАСЪАЛАҲОИНАЗМИМУОСИР

Ваҳҳобов Р. – н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Дар баробари он ки дар давоми асрҳо дар зиндагии иҷтимоии мардуми мо ва умуман соҳибони адабиёти оламшумули форсизабон шеър мақоми хос ва пуртаъсире дошт, дар айни ҳол ҳамеша баҳсҳое бар сари асолат ва зарурат ё баръакс, беҳуда ва ҳатто гоҳо зараранок будани таваҷҷуҳ ва дилбастагии зиёд ба шеър вуҷуд доштааст.

Ин баҳсҳо бо гузашти солҳо хомӯш ва фаромӯш нагардида, балки ахиран бо шиддат ва вусъату сароҳати бештаре дар миён гузошта мешаванд, ки намунаи барҷастаи он аввал дар фазои маҷозӣ (интернет) ва баъдан дар матбуоти тоҷик пайиҳам дарҷ гардидани мақолаҳои мубоҳисавӣ дар ин мавзӯъ мебошад.

Аввалан бояд таъкид кард, ки барои муваффақ шудан ба ҳалли мантиқӣ ва усуслгароёнаи (принсипалии) ин мавзӯъ бояд, мавқеъ ва дидгоҳи усулии мубоҳисакунандагон ба адабиёт ва моҳияти он равшан карда шавад. Яъне, тарафҳои баҳскунанда адабиётро як падидаи иҷтимоӣ мешуморанд ва ё як кори сирф ҳунарии

хусусӣ. Дувум, манзурашон аз шеър чист: ҳар навъ каломи манзум ё мутаассиркунанда ва ё сухане, ки ба шеваи ҳунарии адабӣ, мутобиқ бо меъёрҳои пазируфтаи шеърият баён гардида ва дорои паёми ҳунарӣ ва маънавию иҷтимоӣ мебошад?

Аз чунин дидгоҳ барои муҳаққиқон ба равшанӣ маълум мегардад, ки чун ҳамеша дар пайкари ҳар адабиёт (Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон) метавон дар маҷмӯъ ду гурӯҳ, ё ду навъи ашъорро мушаххас намуд ки:

а) шеър аз мавқеи эҳсоси рисолати иҷтимоӣ, миллӣ ва ворисияти адабию ҳунарӣ эҷод гардида, дорои паёми созандаи башарӣ, ҳунарӣ ва иҷтимоӣ мебошад;

б) шеър баёни мавҳум ва бозгӯйи ҳолатҳои зеҳнӣ ва айнии (субъективӣ ва объективии) фардист, ки хулоса ва натиҷаи маънавӣ ва фикрии он ба сурати мушаххас тасаввурпазир нест ва ё ба номуайянӣ ва яъсу норизоӣ аз вазъи худ ва вазъи олами атроф далолат менамояд. Ба иборати дигар, шеър тобеи формулаи машҳури "санъат барои санъат" мебошад.

Чунин дидгоҳи усулӣ (принсипиалӣ) имкон медиҳад, бо итминон ба ин натиҷа бирасем, ки дар таркиби ҳар кадоме аз ин адабиётҳои дорои забони муштарак, дар баробари намунаҳои баҳсангез, ба ҳаҷми басо бузургтар ва аз назари ҳунарӣ низ муқаддамтар ва муҳимтар осори арзишманди манзуме вуҷуд дорад, ки хатти мустақими рушду таҳаввули таърихӣ ва қонунии назми муосирро ташкил медиҳад ва барои беҳбудии зиндагии иҷтимоӣ ва такомули маънавии афроди ҷомеа хидмати шоиста менамояд. Зарурати вуҷуди ин навъ осор бо маҳаки таърих озмуда шуда ва ҳаргиз қобили инкор нест.

Ҳамчунин, ин дидгоҳҳам барои арзёбӣ ва арзишдоварии мероси гузашта дар шароити нави таърихӣ ва ҳам осебшиносии фазои адабӣ ва маърифати адабиёт дар шароити муосир, моро бо аслҳои назарии адабиётшиносӣ ва шеършиносӣ таъмин месозад.

Адабиёт

1. Аристотель. Об искусстве поэзии. – М., 1957. – 183 с.
2. Афлотун. Ҷумҳур. – Душанбе: Маркази тарғиби адабиёт, 2010.
3. Ваҳҳоб Рустам. Адабиёт ва фарҳангимиллӣ. –Душанбе:Адиб, 2012.
4. Мақсудов Бадриддин.Бухтон дар ҳаққиякмиллативоҳид//Миллат, 08 январи 2015.

БОЗЁФТЕ АЗ УСТОД АЙНӢ

Маҳмадаминов А.С. – д.и.ф., профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Чанде пеш боз як асари номаълуми С.Айнӣ дастрас гардид, ки он мақолаи публитсистии нависанда «Ё ҳаёти ҷадид!» буда, 15 апрели соли 1920 дар рӯзномаи «Бухоро ахборий» (нашри афкори ҳукумати муваққатии инқилобии Бухоро) нашр шудааст. Ин мақола ба муносибати галабаи инқилоби Бухоро (2 сентябри 1920) ва ташкили Республикаи Халқии Советии Бухоро (6 октябри 1920) навишта шуда, ҳадафи аслии он истиқбол аз сохти нави ҷамъиятӣ, муқоисаи ҳаёти наву куҳна, бозгӯйи разолат ва зулму истибдоди аморати мангитӣ ва ҷабру бедодгариҳои гӯшношуниди ҳокимон нисбат ба меҳнаткашон, талқини ҳушёрии синфӣ, таргиби ягонагию вахдати ранҷбарон, халқпарварию ватандӯстӣ, риояи адолати иҷтимоӣ, бедор кардани ҳисси худшиносию худогоҳии миллии заҳматкашон, мубориза бар зидди душманони синфӣ, ҳифзи осоиши мардум ва ободии мамлакат мебошад. Бо назардошти шароити таърихӣ ва бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи мардум устод Айнӣ

мақоларо бо эпиграф – ояти зерини китоби азимушшаън – Қуръони Карим: «**Худо Корсози касонест, ки имон овардаанд, онҳоро аз торикиҳо ба сӯйи равшанӣ берун меорад»** (2:257) огоз намуда, мароми худро аз ибтидо то интиҳои асар бо далелҳои қотеъ, таҳлилу муҳокимаҳои амиқ ва натиҷагириҳои судманд равшану возеҳ баён кардааст. Мақолаи «Ё ҳаёти ҷадид!» бо ҳиссиёти баланди халқпарварию ватандӯстӣ иншо шуда, симои муаллифи он чун як ҷонибдори содиқу мубаллиги шӯълавари ҳаёти нав ва ҳомии манфиатҳои меҳнаткашон, дар пеши назари хонанда равшан ҷилвагар мегардад. Андешаҳои С.Айнӣ дар асоси муқоисаи ду сохти ҷамъиятӣ – даврони пурфоҷиаи гузашта ва ҳаёти нави фарорасидаи озоду ояндаи дурахшон арзи ҳастӣ намуда, мавқеи синфию сиёсӣ ва садоқату самимияти ӯро ба сохти нав ба таври барҷаста нишон медиҳанд. «Ё ҳаёти ҷадид!» аз нигоҳи забону услуб ва корбасти санъату воситаҳои тасвирии бадеӣ, бавижа хусусиятҳои поэтикӣ хеле ҷолиби диққат мебошад. Хулоса, мақолаи публитсистии «Ё ҳаёти ҷадид!» ҳамчун ифодакунандаи афкори иҷтимоиву сиёсӣ, ҷахонбинӣ ва тафаккури бадеию эстетикии устод Айнӣ аз ҳар ҷихат бағоят арзишманд мебошад.

Адабиёт

1.Қуръони Карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе:ЭР– граф, 2011. – 640 с.

2.Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.9 (Ба чоп тайёркунандагон: К.Айнӣ, А.Маниёзов, Салоҳат Айнӣ) – Душанбе: Ирфон,1969. – 416 с.

3.Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам (Зери назар ва бо пешгуфтори М.Осимӣ)(Бо кӯшишу эҳтимом ва дебочаи К.Айнӣ). – Душанбе: Дониш, 1978–194 с.

4.Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро (Баргардонанда аз ӯзбакӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб: Р.Ҳошим). – Душанбе: Адиб,1987. – 240 с.

ТАРҶУМАҲОИ БОЗОР СОБИР АЗ АШЪОРИ ҶОРҶ БАЙРОН ВА А.А. ФЕТ

Маликшоева Ш. – аспиранти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Шоири номдори тоҷик Бозор Собир дар тарҷумаи ашъори як қатор адибони хориҷӣ саҳм гузошта, ба ин васила хонандаи тоҷикро бо ашъори онҳо ошно намудааст.Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳо маълум гардид, ки Бозор Собир ашъори чандин нафар шоирони хориҷиро тарҷума намудааст. Дар ин маърӯза шеърҳои шоири рус А.А.Фет ва шоири англис Ҷорҷ Байрон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифта шуд.

Бозор Собир аз ашъори А.А.Фет 28 шеърро тарҷума кардааст. Дар натиҷаи муқоисаи матни асл бо матни тарҷума маълум гардид, ки аз миёни 28-то шеър танҳо дар се шеър сохтакории сухани тарҷумон ба назар мерасад ва ин хам бошад, дар қисмате аз ин шеърҳо ба назар мерасад. Дар 25 шеъри боқимонда сохтакории тарҷума қариб, ки тамоман дида намешавад. Тарҷумон онҳоро бо маҳорати баландӣ эҷодӣ ва таҷрибаи хуби тарҷумонӣ ба анҷом расонидааст.Дар вақти муқоисаи ин ду гурӯҳ маълум шуд, дар шеърхое, ки сохтакории сухан ба назар мерасад, тарҷумон дар онҳо ё изофаи кам ворид намудааст, ё иловаву изофа умуман накардааст. Дар шеърҳое, ки тарҷумаашон зебо баромадаанд, иловаҳо ва ихтисорот дар матни асл хеле зиёд аст ва шояд сабаби зебо баромадани тарҷума низ дар хамин чиз бошад. Умуман, агар тарҷумаи шеърҳои А.А.Фетро дар фаъолияти тарҷумонии Бозор Собир нуқтаи баландтарин ва муваффақтарин хисобем, хато намекунем.

Бозор Собир аз ашъори шоири англис Ҷорҷ Байрон 8-то шеърро тарҷума кардааст. Тарҷумаи шеърҳои Ҷорҷ Байрон дар баробари илова ва ихтисороти кам

доштан, равону зебо баромадаанд. Ҳарчанд онҳоро шоири тоҷик дар солҳои аввали огози кори тарҷумонии худ тарҷума кардааст, аз қабили шеъри Euthanasia (марги наим).

БозорСобиросориманзумибешаз 38 нафаршоиронимаъруфирусваҷахонроаззабонирусӣбатоҷикӣтарҷумакардааст. Интарҷумаходарсатхибаландихунарӣвамаънавӣанҷомёфта,дарташаккулвапешрафти мактабитарҷумаибадеиитоҷикваумуманназминавинитоҷикнақшимуассиргузоштаанд .

Тахқикубаррасиихамаиинтарҷумаходарташаккулиназарияваамалияитарҷумадарназ мимуосиритоҷикваумумандарадабиётитоҷик,нақшимухимгузоштаметавонанд. Бештариинтарҷумаходармаҷаллаварӯзномахочопшудаанд, кигирдовариионхобарсудифаъолиятиэҷодиитарҷумонваумумантакомуликоритарҷум онӣдарадабиётхохадбуд.Даринмиёнхамтарҷумахоимуваффақонабаанҷомрасидаваха мтарҷумахоисода, кибарасаридушвориикоритарҷумонӣмазмуниматниаслпурратарҷуманашудааст, дидамешавад, кидаринборатахқиқотиалохидаероанҷоммедихем.

Адабиёт

1. БайронҶорҷ. Гулчин. (азрусӣтарҷумаиБозорСобир).// Садои Шарқ, 1968, -№4
2. Байрон Джордж. Собрание соч. в четырех томах. Том 2. –М.: Правда, 1981. –320 с.
3. Фет, Афанасий Афанасьевич. Сочинения: В 2-х томах. -М.: Худож. лит, 1982. –461 с.
4. Бозор Собир. Чашми сафедор. –Душанбе, 1990. -257 с.

СЕРМАЪНОИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ТАРЗИ АМАЛ

Абдураҳмонова М.А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Дар сохти наҳвиёти забони адабии тоҷикӣ сермаъноии (полисемияи) ҷумлаҳои пайрав яке аз масъалаҳои мубрам ва дар айни ҳол мураккабу хеле душвор ба шумор меравад.

Дар забоншиносии рус, дар таҳлилу таҳқиқи типҳои алоҳидаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, оид ба ин хусусияти ҷумлахои мураккаби тобеъ фикру мулохизахо баён шудааст. Аммо, дар забоншиносии тоҷик, то имрӯз ба истиснои чанд мақолаи профессори шодравон Д.Т.Тоҷиев ва шогирди ӯ профессор Д. Хоҷаев, доир ба ҳодисаи полисемияи ҷумлаҳои пайрав таҳқиқоти алоҳидае анҷом дода нашудааст.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави тарзи амал яке аз навъҳои серистеъмоли ҷумлахои мураккаби тобеъ ба шумор меравад.

Ҷумлаи пайрави тарзи амал одатан хабар ва ё таркиби хабари сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад. Ин ҷумлаи пайрав ба ҳоли тарзи амали сарҷумла ҳам тобеъ шуда, онро эзоҳ дода метавонад.Дар ин ҳолат, ҷумлаи пайрави тарзи амал ба ҳоли тарзи амал ва ё калимаҳои ҳамнисбат,ки дар сарҷумла вазифаи ҳоли тарзи амалро адо менамоянд,тобеъ шуда меояд [1, 355].

Дар ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ҳодисаи сермаъноӣ ба назар мерасад,ки он ба маъною вазифахои пайвандакхои тобеъкунанда, алалхусус пайвандакхои муштараквазифа, калимаю таркиб ва иборахои хамнисбат, ба ифодаи хабар (мутобиқати шакхои гуногуни феъл), ба муносибатхои маънои асосӣ ва иловагӣ, вижагиҳои оҳанги гӯйиш ва тартиби ҷойи сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрав вобаста мебошад.

Дар чунин ҷумлаҳои пайрав аксар ифодаи маъноҳои иловагии натиҷа, мақсад, муқоиса,монандӣ,миқдору дараҷа мушохида мешавад. Ин бесабаб нест, зеро ҷумлаи

пайрави тарзи амал бо ҷумлаҳои пайрави натиҷа, муқоиса,монандӣ, миқдору дараҷа аз рӯйи сохт ва вазифаҳои наҳвияшон ба якдигар наздиканд.

Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал, миқдору дараҷа ва монандӣ аз бобати ифодаи баъзе тобишҳои маъноӣ ва воситаҳои алоқаи грамматикӣ, хусусиятҳои умумӣ зоҳир менамоянд. Баъзан ҷумлаҳое дучор меоянд,ки маъно ва вазифаҳои якчанд ҷумлаи пайравро дарбар мегиранд ва онҳоро ба ин се навъи ҷумлаи пайрави мазкур дохил кардан душворӣ пеш меорад.Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал,миқдору дараҷа ва монандӣ аз ҷиҳати ҷой ба якдигар наздиканд.Онҳо бештар пеш аз сарҷумла,ё дар байн,пеш аз амали он ҷой мегиранд [1. 356].

Адабиёт

1. Тоҷиев Д.Т. Осори мунтахаб.– Душанбе,Деваштич, 2005,484 с.

2.Тоҷиев Д.Т Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе, 1981,–218 с.(Ҷумлаҳои пайрави ҳол).

БАНДИ СИНТАКСИСӢ ВА ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Норматов М. – дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Дар забони адабии муосири тоҷик фикр бо роҳҳои гуногун ифода меёбад. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаву дутаркиба, хулласу тафсилӣ, пурраву нопурра, муфассал, ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ, намудҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеи сертаркиб ва хелҳои гуногуни он бо ин мақсад истифода мешаванд. Вақтхои охир доир ба навъи дигари ифодаи фикр – банди синтаксисӣ, матн 2., ва ё порчаҳои яклухти синтаксисӣ 1. ишора мекунанд [6, 5]. Аз номгӯйи истилоҳ ҳам маълум аст, ки мавзӯи мазкур дар ҳолати омӯзиш ва тадқиқ аст, фикр ва хулосаи ҷамъбаст бо фарогири тамоми паҳлуҳои он гуфта нашудааст. Дар лугати «Фарҳанги забони тоҷикӣ». доир ба порча чизе гуфта намешавад, доир ба матн бошад, маъноҳои ҷойи баланд; маҷозан сатҳи замин ва навиштаҷоти асли китоб оварда шудааст, ки чун истилоҳ ба мавзӯи тадқиқ мувофиқат намекунад. Доир ба банд дар лугати мазкур 12 шарҳ омадааст, ки аксари онҳо – ҷойи ба ҳам пайвастани ду чиз, гирех, занҷир; бандубаст; қулф, гирех, алоқа, вобастагии хаёлу андеша, миёнбанд, қисму ҳисса ба ин ё он восита ба мавзӯи тадқиқ алоқаманд аст, зеро банди синтаксисӣ низ, аз ду ва ё якчанд ҷумлаҳои гуногуни бо ҳам аз ҷиҳати маънову грамматикӣ алоқаманд, таркиб меёбад.

1. Ягонагии маъно ва ягона будани объекти муҳокима порчаи яклухти синтаксисӣ

2. Баъзан як калима чандин бор ба такрор меояд ва ҳатто дар таркиби сарҷумла ҳам. Дар ин ҳол, вай моҳияти асосии муҳокимаи мураккаберо фаро гирифта, вазифаи воҳиди алоқа ва пайвастани воҳидҳои ҷудогонаи синтаксисиро адо мекунад. Калимаҳои такрор, аз ҷумла дар таркиби сарҷумла буда, ба вазифаи мубтадо ва ё муайянкунандаи он меоянд. Ингуна калима пеш аз сарҷумла ҳам меояд.

3. Ҷонишинҳои ишоратӣ низ, ҳамчун воситаи алоқаи байни ҷумлаҳои банди синтаксисӣ хизмат мекунанд. Онҳо дар таркиби сарҷумла чун пуркунанда ё муайянкунандаи беизофа меоянд.

4.Бандакҷонишинҳои соҳибӣ низ, чун воситаи алоқаи байни ҷумлаҳои матн хизмат карда метавонад.

5. Гоҳо дар таркиби сарҷумла ҷумлаи пайрави муайянкунанда меояд ва ин баробари эзоҳи ягон хусусияти мубтадои сарҷумла, дар айнизамон вазифаи бо контекст алоқаманд намудани ҷумлаи мураккаби тобеъро адо мекунад. Дар таркиби

ин ҷумлаи пайрав, ки бештар муайянкунанда аст, ҷонишинҳои шахсии ишоратӣ ё бандакҷонишинҳои соҳибӣ зикр мешаванд ва онҳо барои ба предмети асосии муҳокима алоқаманд гардонидани ҷумлае, ки дар таркибашон омадаанд, хизмат мекунанд.

Адабиёт

1. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забониадабии тоҷик.– Душанбе: Дониш, 1975.
2. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ.– Душанбе: Собириён, 2010.

КАЛИМАҲОИ РЕХТА

Бобомуродов М.– дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Калимаҳои рехта аз ҷиҳати сохтори морфологиашон аз вожаҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ фарқ мекунанд. Чунин калимаҳо бештар хосси шумораҳост. Дар дастури таълимии С.Ҳалимов ва К.Шукурова «Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ).– Душанбе, 1988, шумораҳоро аз ҷиҳати сохти морфологиашон ба содаю (як, даҳ, бист, сад), сохта (аз реша ва пасванд: **панҷ-оҳ, ҳафт-од, ҳашт-од** ҷудо кардаанд. Яке аз ҷузъҳои шумораҳои рехта ба тагйироти фонетикӣ дучор шуда, дар забони муосири тоҷикӣ тагйири шакл кардааст. Вожаҳои **ёздаҳ, шонздаҳ, нуздаҳ** дар силсилаи калимаҳои **ҳафтод, ҳаштод, ёздаҳ, понздаҳ** тахфифи шумораи **даҳ** аст.

Дар шумораҳои ёздаҳ, дувоздаҳ, сездаҳ, понздаҳ, шонздаҳ, нуздаҳ ҳамсадои **з** боқимондаи пешоянди **аз** аст. Дар шумораҳои **ҳабдаҳ, ҳаждаҳ** ҳамсадои **з** низ боқӣ намондааст. Шубҳае нест, ки ҳамсадои **н** дар калимаи **понздаҳ н-**и калимаи панҷ аст. Дар калимаи **шонздаҳ** ҳамсадои **н** аз рӯйи анологияи (қиёси) шумораи понздаҳ пайдо шудааст.

Исмҳои **меҳмон, осмон, хуршед, душман, дашном** таърихан мураккабанд, вале тадричан бо мурури замон рехта шуда, имрӯз ҳамчун калимаҳои сода пиндошта мешаванд. Рехташавии исмҳои сохтаю мураккаб ҳангоми тагйир ёфтани таркиби овозии калимаҳое, ки чунин морфема доранд, ба амал меояд.

Аз ин рӯ, калимаҳои **фарҳанг, гиребон, тобистон, зимистон, шӯрбо, хокистар, гулхан, гӯсфанд, дуредгар** ва амсоли инҳо шомили исмҳои рехтаанд. Калимаи **марғзор** аслан аз ду ҳисса: **марғ** (алаф, сабза) ва пасванди **-зор** иборат аст. Ҳамин тавр, калимаҳои **сорбон, деҳқон, бозоргоҳ, хонақоҳ** низ вожаҳои рехтаанд.

Як гурӯҳ калимаҳои аслан мураккаб низ, исмҳои рехтаанд. Зеро, чунин калимаҳо ҳоло тақсимнопазиранд: **хокистар, шӯрбо**. Дар баъзе калимаҳои рехта, (гиребон) хам тағйироти маъноӣ ва хам тағйироти фонетикӣ ба амал омадааст.

Адабиёт

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология.– Душанбе, 1979.
2. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Фонетика ва морфология. Китобидарсӣ барои мактабҳои олӣ.– Сталинобод, 1956.
3. Исмоилов И. Зарф дар забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе, 1972.
4. Сиёев Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ.– Душанбе: Ирфон, 2002.– 496 с.
5. Ҳалимов С., Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ).– Душанбе, 1988.

УСУЛИ ТАЪЛИМИ ИСТИФОДАИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ТУФАЙЛӢ

Камолова Г. – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Дар ҷумла калима, таркиб ва ҷумлаҳои иловагие иштирок мекунад, ки онҳо аъзои ҷумла нестанд. Онҳо аз рӯйи маъною вазифаи грамматикиашон фарқ мекунанд ва барои ифодаи дақиқу дурустари фикр хизмат карда, хусусиятхои гуногуни услубӣ доранд, ба ҷумла обуранги эмотсионалии гуногун илова мекунанд. Воҳидҳои туфайлӣ, дар нутқи хаттӣ аз дигар аъзоҳои ҷумла бо аломатҳои китобатӣ ҷудо карда мешаванд.Таълими ин вохидхо барои дарки дурусти маъно ва ҷудо карда тавонистани аъзои ҷумла, ҳамчунин истифодаи дурусту бамавқеи онҳо дар нутқ, кӯмак мерасонад. Таҷриба нишон медихад, ки хонандагон дар навиштани калима, ибора ва ибораҳои туфайлӣ ба хатогӣ роҳ медиҳанд. Ин, пеш аз ҳама, аз рӯйи надонистани калимаҳои туфайлӣ ва фарқ карда натавонистани онҳо аз аъзоҳои баробарҳуқуқи ҷумла мебошад. Барои таълими дурусти мавзӯи зикршуда ва бартараф кардани ин нофаҳмиҳо ба масъалаҳои зерин диққат додан лозим аст:

1. Пеш аз ҳама, ҳини омӯзондани мавзӯи воҳидҳои туфайлӣ, аз забони адабӣ интихоб намудани вохидхои гуногуни туфайлӣ ба мақсад мувофиқ аст. Мувофиқи мақсад мебуд, агар омӯзгор ин мавзӯъро бо усули аёният тадрис кунад, зеро махз тавассути васоити аёнӣ ва шарҳи масъалаи марбут ба мавзӯи пунктуатсия, донишомӯзон ба таври амалӣ ба мохияти истифодаи аломатҳои китобат дар калимаҳои туфайлӣ, маълумоти амиқ пайдо хоҳанд кард.

2. Ба хонандагон фахмонидани маъною мохияти аъзои туфайлӣ. Зеро бе донистани назарияи аъзои туфайлӣ ва дар амал татбиқ намудани он, дар хонандагон малакаи дар мавқеи худ гузоштани аломатҳои китобатӣ ва талаффузи ифоданоки онхо ҳосил намегардад.

3. Барои аз дохили ҷумла ҷудо намудани аъзои туфайлӣ, хонандагон бояд маънои аъзои туфайлиро хуб донанд.

4. Ҳангоми таълими аъзои туфайлӣ ва пунктуатсия, бо роҳи муқоисаи ҷумлаҳо ба хонандагон фахмондани он, ки як калима метавонад гохо аъзои ҷумла ва дар ҳолати дигар аъзои туфайлӣ шавад.

5. Ба оҳанги талаффузи аъзои туфайлӣ диққати махсус додан лозим аст.

6. Ҳангоми мустаҳкамкунии мавзӯъ, дар алоқамандӣ бо пунктуатсия матнҳое интихоб карда шавад, ки дар онҳо аъзои туфайлӣ гуногунмаъно бошанд; он матн ифоданок хонда шавад ва ба таври хаттӣ дар амал тахлил ёбад.

7. Ба хонандагон дуруст фаҳмонидани ҷойи аъзои туфайлӣ дар ҷумла, то онҳо донанд, ки дар холатхои гуногун барои ҷудо кардани он аз аъзои асосии ҷумла, кадом аломатҳои китобатӣ истифода мешаванд.

Адабиёт

1. Былинский К.И., Николцкий Н.Н. Справочник по орфографии ипунктуации для работников печати.– М., 1957.

2. Каримов А., Аминов С. Тартиби ғузаронидани машқ аз забонимодарӣ дар синфхои 4-8. «Дастури методӣ барои муаллимон вастудентон».– Душанбе, 1979.

3. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик.– Душанбе: Матбуот.–2001.– сах. 323.

ШАРҲИ ЗАБОНШИНОСИИ ПАЙВАНДАКҲО ДАР ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ПЕШИН

Мирзоёров Ф.–н.и.ф., муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Маърӯза ба масъалаи шархи забоншиносии яке аз ҳиссаҳои ёрирасони забон, пайвандакҳо бахшида шудааст. Чунонки маълум аст, дар забони муосири тоҷикӣ пайвандакҳоро мувофиқи вазифаи синтаксисиашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо менамоянд: пайвасткунанда ва тобеъкунанда.

Муаллиф кӯшидааст назари забоншиносони пешини тоҷикро доир ба пайвандакҳо, мавқеи ин ҳиссаҳои нутқ дар ташаккули каломи солим аз назари фархангнигорон, ки хамзамон забоншиноносон низ буданд, муайян намояд.

Аз рӯйи таҳқиқи муаллиф, дар фарҳангҳои тафсирии «Ғиёс-ул-лугот» ва «Чароғи ҳидоят» пайвандакҳои«ки»,«ва»,«ё»,«балки»,«лекин» ва «то»шарҳдода шудаанд.

Пайвандаки «чунон» дар фарханги тафсирии «Чароғи хидоят» чунин шарх дода шудааст:«Чунон» калимаест, ки дар мақоми ишорати баъид мустаъмал шавад ва маънии қадар ва миқдор аз он ҳосил гардад. Ва то коф баъд аз он наёранд, ба маънии ишорат мустафод нагардад, балки ба маънии ишорат бошад, танҳо агарчи ин маънии аслаш нест. Ва дар аксари каломи қудамо ва баъзе мутааххирин мисли Зулолӣ, чунонки ба вови маъруф ва ду нун дида шуда. Ва ин далолати сареҳ дорад, ки аввал мазмум аст, на максур. Лекин гоҳе тафовут дар лаҳҷа афтад, мисли лафзи чаро, ки мувофиқи қиёс ва лаҳҷаи баъзе максур (яъне чиро) аст ва ба фатҳ лаҳҷаи дигарон аст. Бидон, ки лафзи чунон дар каломи баъзе бидуни коф, ба маънии ташбех омада ва ин холӣ аз ғаробат нест. Таъсир гӯяд: байт:

Гул чунон бесамариҳои чаман мепӯшад,
Ончунон айби туро халқи ҳасан мепӯшад.

низ Воиз гӯяд. байт:

Ба об сабза, ба ҷон тан чи сон бувад муҳтоҷ,
Ба дарди ишқ бувад дил сад ончунон муҳтоҷ (5.79).

Дар хулоса, муаллифи маърӯза қайд мекунад, ки «Азбаски хусусиятҳои маъноии пайвандакҳо ҳамчун ҳиссаҳои ёрирасони нутқ хусусиятҳои грамматикии онро низ муайян мекунад, таснифоти маъноии пайвандакҳоро дар «Ғиёс-ул-лугот» ва «Чароги хидоят» хамчун таснифоти хусусиятхои дастурӣ ба назар гирифтан мумкин аст, зеро ин таснифот барои лексикографияи имрӯза низ маълумоти пуразриш дода метавонад».

Адабиёт

1. Ғрамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Душанбе: Дониш, 1985. Ҷ. 1. – 350 с.
2. Ғиёсиддин Муҳаммад. «Ғиёс-ул-лугот» иборат аз 3 ҷилд. Душанбе: 1987. – Ҷ. 1. 480 с.
3. Қосимова М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик. – Душанбе, 2003. – 113 с.
4. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. – Душанбе: Адиб, 1993. Ҷ. I. – 416 с.

ИҚТИБОСҲОИ РУСИЮ АВРУПОЙИИ НАВ ДАР РӮЗНОМАИ «ҶУМҲУРИЯТ»–СОЛИ 2014

ҲасановМ. – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикиидМТ

Масъалаи калимаҳо хеле мураккаб ва серсоҳа аст. Яке аз масъалаҳои марказии он фасеҳоти забон ҳисоб меёбад. Иқтибос набояд сабаби душворфаҳмӣ ва муродифоти бемавқеъ гардад.

Пешравии иқтисодии ҷаҳонба ҳаёти иқтисодии Тоҷикистон, гарчанде ҷаҳиши чашмрасе набахшад, аммо навгонӣ ва таъсири он, албатта, дар муҳити иҷтимоӣ ва забони он баръало ҳис мегардад.

Иқтибосшавии фаровони калимаҳои русию аврупоӣ ба забони тоҷикӣ, дар садаи XX, бо он ҳама нуқсонҳои дар қабули онҳо рӯйдода, аз тағйирёбиҳои бузурги иқтисодӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ дар сарзамини тоҷикон, аз пешрафти босуръати маориф, илм ва фарҳанги мардуми он шаҳодат медиҳад.

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дохилшавии калимаҳои нав аз ин забон бо сабабҳои маълум хело коҳиш ёфт ва ҳатто бисёри он вожаҳое, ки ба тариқи васеъ ба кор бурда мешуданд, аз истеъмоли фаъол баромаданд. Бо вуҷуди он мавқеи забони русӣ дар инкишофи лугати забони тоҷикӣ пас нагашта, имрӯзҳо ҳам калимаҳои зиёде аз забонҳои аврупоӣ маҳз ба тавассути ин забон ба забонамон ворид мегарданд.

Корбурди иқтибосҳои русию аврупойии нав дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» хело зиёд ба чашм мерасад, вале аксари онҳоро истилоҳот ташкил медиҳанд. Дар байни наввожаҳои иқтибосии русию аврупойӣ мавқеи калимаҳои англисӣ багоят назаррас аст, ки сабаби инро муҳаққиқон дар «пешравии илму технология ва забони илму техникаи муосир эътироф шудани забони англисӣ» мебинанд. Дар ин бобат мисолҳои зиёдеро, аз қабили бизнес, генотсифт, интернет, тендер, рейд, пружа, ротатсия, редуктор, нострификатсия ва гайра овардан мумкин аст.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз рӯйи мансубияти моликият давлатӣ буда, забонаш асосан содаи адабии мардумӣ аст. Дар равиши кор ва мушохида, ки аз рӯйи соли нашри 2014-умӣ ин рӯзнома сурат гирифта буд, вожаҳои зиёди иқтибосии русию аврупойии навро дучор омадем.

Адабиёт

1.Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.– Душанбе: Деваштич – 2003.– 242 с.
2. Музофиршоев М. Наввожаҳо ва усули тавлиди онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ. - Душанбе, «ЭР-граф»-2013, 170.
3. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар асри XX.– Душанбе: Дониш. 2004.– 303 с.
4. Шарипов Н. Калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик.– Душанбе: Дониш. 1972.– 168 с.

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ТАЪЛИМ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ

Бобомуродов Ш. – дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Як қисми таркиби лугавии забонро истилоҳот ташкил медиҳад. Инкишофи истилоҳоти забони тоҷикӣ дар замони Истиқлол равиши тозае пайдо кард. Масъалаи истилоҳот аз мавзӯъҳои муҳимми лугатшиносӣ ба шумор меравад.Бинобар ин таҳлил ва ташхиси пайдоиш ва густариши истилоҳотро дар ҳама даврахо идомаи суннати хаттӣ метавон донист.

«Омӯхтани забон ва услуби адабиёти бадеӣ барои пурраю равшантар нишон додани моҳият ва хусусиятҳои ҳамин протсеси таърихии инкишоф ва такомули забони адабӣ ва забони адабиёти бадеӣ имконияти калон медиҳад» [1, 15].

Дар «Ёддоштҳо» истилоҳоти соҳаи таълим зиёд истифода шудааст. Махсусан,дар қисми дуюми «Ёддоштҳо»- и устод Айнӣ ки аз барномаи дарсҳои мадрасаҳои Бухоро ва мударрисон нақл мекунад, мо корбасти истилохоти соҳаи таълимро бештар мушоҳида менамоем.

Забоншинос Н. Маъсумӣ таъкид кардааст, ки «Айнӣ ҳамеша барои ифодаи айнияти маъно ва мазмун мувофиқи талаби мавзӯъ ва тасвири бадеӣ, калима ва ибораҳои барои ҳамон давра ва шароити зиндагӣ характернокбударо бо роҳи баҳисобгирии ҳамаи тобишҳои маъноии онҳо кор мефармояд» [1,80] .

Масалан, ба ҷойи калимаи **муаллим, вожаҳои мударрис, хатиб ва домулло,** ба ҷойи калимаи **синф** вожаи **дарсхона,** ба ҷойи калимаи **ҳамсинф, ҳамкурс** вожаи **шарикдарс,** ба ҷойи калимаи **гурӯҳ** вожаи **ҷамоа**, ба ҷойи калимаи **сардор** калимаи **корӣ**-ро истифода мебарад, ки танҳо ба ҳаёти гузашта хос мебошад.

Ба ҳамин монанд, устод Айнӣ истилоҳоти зерини соҳаи таълимро дар «Ёддоштҳо» истифода бурдааст: **мактаб, мадраса, дарсҳои ибтидоӣ** (с. 6), **мактаби пешимасҷидӣ** (с.7), **томактабӣ** (с.9), **соли таҳсил** (с.39), **сабақ** (с.60), **бадхат,хушхат** (с.73), **қаламдон, найқалам, қаламтарош, қаламқат, лос** (с.73), **талаба** (с.94).**қобилиятнок** (с. 127), **программаи дарсҳо, китобҳои дарсӣ** (с.135), **мактаби ибтидоӣ** (с.135), **домуллои дарсхонагӣ**, **домуллои кунҷакӣ** (с.135).

Хулоса, устод Айнӣ истилоҳоти соҳаи таълимро дар «Ёддоштҳо» хеле хуб ва бамаврид истифода кардааст. Бештари истилоҳоте, ки дар асар истифода шудаанд, имрӯз ҳам дар соҳаи таълим истифода мешаванд.

Адабиёт

1.Носирҷон Маъсумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик/ Н. Маъсумӣ.–Душанбе, 2011.– 385 с.

2. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо/ С. Айнӣ.– Душанбе, 2009.– 679 с.

3. www.maorif.tj

ВОЖАҲОИ МАВРИДӢ (ОККАЗИОНАЛӢ) ДАР МАТНИ БАДЕӢ

Музофиршоев М.О. – н.и.ф., дотсенти кафедраи
забони адабиш муосири тоҷикиш ДМТ

Доир ба таснифи вохидхои луғавии навзои услубии фардӣ тадқиқот бурда, забоншиносони аврупоӣ, аз ҷумла муҳаққиқони рус, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: калимахои потенсиалӣ (имконпазир) ва окказионализмхо, ки онхоро мо шартан вожахои мавридӣ ном ниходаем. Калимахои потенсиалӣ гуфта, забоншинос Е. А. Земская вожаҳоеро дар назар доштааст, ки «онҳо дар забон гӯё бекор вуҷуд доранд ва мунтазири истеъмоланд, аммо мумкин аст, ки онҳо рӯйи кор наоянд, агар ба онҳо ниёз набошад» [1, 218]. Онҳо дар забон аз рӯйи имконият ва зарурат пайдо мешаванд. Ин навъ вожаҳо, ҳам дар забони гуфтугӯйӣ ва ҳам дар забони адабӣ ба вуҷуд омада, ба қавле ҷойхои холии системаи забонро пур мекунанд.

Вожаҳои мавридӣ (окказионалӣ) низ, ба системаи забонии фаъол ва муқаррарӣ дохил намешаванд, онҳо танҳо дар матни муайяне, ки он ҷо тавлид шудаанд, вуҷуд дошта метавонанд ва маънои онхо хам махз дар он матн маълум мегардад.

Зарурати ҷудо кардани вожахои навэҷоди фардӣ ба гурӯххои вожахои потенсиалӣ ва мавридӣ, дар калимасозии онхо равшантар ошкор мешавад. Калимаҳои потенсиалӣ мувофиқ ба шаклу сохтори калимасозии меъёрии забон сохта мешаванд, аммо вожахои мавридӣ (окказионалӣ) бо роху усули ғайримуқаррарӣ

тавлид мешаванд. Барои ҳамин ҳам, табақабандии сохторӣ ва маъноии калимаҳои потенсиалӣ аз навъи дуюмаш дида осонтар аст.

Дар забоншиносии умумӣ гурӯҳбандии вохидхои мавридӣ, ки аз тарафи забоншиносон Е.А. Земская, О.И. Александрова, В.Н. Хохлачева сурат гирифтааст, эътироф гардида, маъруф шудааст. Мувофиқи он вожахои мавридӣ ба се гурӯх ҷудо шудаанд: 1) вожаҳои мавридие, ки дар нақзи қавонини калимасозии ситемавии забон сохта шудаанд; 2) вожаҳои мавридие, ки бо вайрон шудани қолаби усулҳои муқаррарии калимасозии забон тавлид шудаанд; 3) вожаҳои мавридие, ки бо эҷоди сохтори хос ба вуҷуд омадаанд.

Адабиёт

1. Земская, Е.А. Современный русский язык. Словообразование / Е.А. Земская. - М.: Просвещение, 1973. - 304 с.
2. Лопатин, В.В. Рождение слова. Неологизмы и окказиональные образования / В.В. Лопатин. - М.: Наука, 1973. - 152 с.

ИБОРАҲОИ ИЗОФИИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР НАСРИ УРУН КӮҲЗОД

Худоёрова Н. – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикиДМТ

Навъи аз ҳама серистеъмол дар асарҳои Урун Кӯҳзод ибораҳои изофии фразеологӣ мебошанд, ки бо сохти зоҳирии худ ибораҳои озоди синтаксисиро ба хотир меоранд. Профессор Ҳ. Маҷидов роли бандаки изофиро дар ин гуна ибораҳо зикр намуда, аз ҷумла мегӯяд: «Дар ин ибора, ки зоҳиран байни ҷузъҳои он алоқаи изофии тобеъ мавҷуд аст, ба моҳияти забонии худи қолаб, ҳамчун як зуҳуроти махсуси қолабии забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ бояд намуд» [1, 24]. *Ҳамин тариқ, қадами муборакамон ба ҳар шаҳру деҳа расад, аз тарафи соҳибмулкону остондорон иззату икроми шоҳона муҳайё медоштанд, ки «ҷанобон хуш омаданд, наҷотбахшон хуш омаданд! Ҳар қадаме, ки мемонанд, болои дида, тоҷи сар*!» [3, 80].

Ибораи фразеологии ***чашми чор*** дар қолабҳои гуногуни синтаксисӣ омада метавонад. Онро дар шакли ***чашми чор, чашми касе чор,*** қолаби ҷумлаи содаи дутаркибаи *«Чашмам чор аст/ шуд»* ва монанди инҳо овардан мумкин аст. Ибораи мазкур дар лугат ба маънои *«интизории сахт кашидан, ниҳоят интизорӣ кашидан»* меояд. Дар ҷумлаи дуюм, нури дида, тоҷи сар маъмулан ҳамеша ҷуфт, якҷоя оварда мешаванд. Ин хусусият бештар ба услуби муошират дар услуби расмии коргузорӣ – дар ҷашну маросимҳо, маъракаҳо, вохӯриҳои расмӣ бисёр ба кор меравад. Доираи маъноияш ҳам васеътар аст. Он дар лугат ба маъноҳои *«1. хуш омадед, 2. ҳар чизе, ки шумо гӯед, мо қабул медорем»* меояд. Дар ин, ва албатта, дар ҳама ибораҳои изофии дигар низ, як хусусияти барҷастаро, ки ҳанӯз.С. Расторгуева зикр карда буд, дидан мумкин аст: «*Исму сифатҳое, ки дар ин гуна ибораҳо бо бандаки изофӣ ба ҳам алоқаманд шудаанд, дар ҷумла як воҳиди яклухти ҷудонашаванда – синтагмаро ба вуҷуд меоранд»* [2, 565].

Ҳамин тариқ, қадами муборакамон ба ҳар шаҳру деҳа расад аз тарафи соҳибмулкону остондорон ***иззату икроми*** *шоҳона муҳайё медоштанд, ки «ҷанобон хуш омаданд, наҷотбахшон хуш омаданд! Ҳар қадаме, ки мемонанд,* ***болои дида, тоҷи сар!****»* [3, 80].

Албатта, муҳаққиқ ин фикрро дар мавриди ибораҳои озоди синтаксисӣ гуфтааст, агар ба замми вуҷуд доштани алоқаи изофӣ боз хусусияти рехтагӣ ба ин гуна ибораҳо изофа шавад, метавон тасаввур кард, ки ин яклухтӣ боз чӣ қадар бештар мегардад.

Умуман, дар забони асарҳои Урун Кӯҳзод вохидҳои фразеологии изофӣ, вохидхои фразеологии исмӣ ва зарфӣ нақши муайян дошта, ҷихати пурмазмун гаштани забони асарҳои Урун Кӯҳзод мусоидат намудаанд.

Адабиёт
1. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик.-Душанбе, 1982.-104 с.
2. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка//Таджикско-русский словар.- М.: ГИС, 1954.-С.529-570.
3. Бандии озод (Ҳикояҳо, роман).- Душанбе.- «Адиб».-1994. - 267 саҳ.

КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМҲОИ НОДИР

Ҳайдаров М.М. – н.и.ф., ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Ба наввожаҳои услуби баланд, як идда калимаҳои тозавориди иқтибосӣ, ки мафҳумҳои нодири кишварҳои бегонаро ифода мекунанд, наздикӣ доранд. Дар гӯшаву канор олам чизҳою ҳодисаҳои нодири зиёди ба мардуми мо номаълум мавҷуданд. Онҳо бо махсусият ва номҳои худ ба тавассути роҳҳои мухталиф ба ҳаёти воқеии мо ворид мегарданд. Чунин мафҳумҳоро дар илми забон калимаҳои ифодагари мафҳумҳои нодир экзотизмҳо меноманд. «Истилоҳи экзотизм аз калимаи юнонии exotikos гирифта шуда, ба маънои бегона, аҷнабӣ маъруф аст» [5, 573]. Мутаассифона, оид ба экзотизмҳои луғавӣ дар адабиётҳои забоншиносии имрӯзаи тоҷик маълумоти саҳеҳ ба назар намерасад. Дар баъзе мақолаҳои ҷудогона, дар ин бобат,қайду ишоратҳои мухтасар оварда мешаванду халос. Масалан, Ҳусейнов Х. дар яке аз мақолаҳояш аз М.Н. Шанский иқтибосе меорад. Назар ба гуфтаи Х. Ҳусейнов муҳаққиқи рус М.Н. Шанский дар як асараш оид ба экзотизмҳо чунин ибрози ақида намудааст:

«Дар лексикология калимаю ибораҳои аз забонҳои хориҷӣ иқтибосшуда, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд,– менависад вай– экзотизмҳо ва варваризмҳо, ки ҳар ду ҳам аз як ҷавҳар буда, ба қатори луғатҳои китобӣ дохил мешаванд. Ин ду гурӯҳи хориҷӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно, хусусиятҳои услубӣ, ҳатто дараҷаи истеъмол аз ҳам кам фарқ мекунанд»[7, 23].

Ба ақидаи мо, ин ду гурӯҳи калимаҳо, ки Н. М. Шанский аз як ҷавҳар меҳисобад, аз ҳамдигар бо мансубияти услубиашон ба куллӣ фарқ мекунанд, зеро экзотизмҳо мансуби калимаҳои услуби баланди китобӣ буда, варваризмҳо баръакси онҳо ба гурӯҳи калимаҳои услуби паст дохил мешаванд. «Варваризмҳо, ки ба ҷумлаи калимаҳои мамнӯи хориҷӣ шомил ҳастанд, аз доираи меъёрҳои забони адабӣ берун мемонанд» [3, 27].

Адабиёт
1. Гвоздев А. Н. Очерки по стилистике русского языка. – М. 1965. – 408 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Лексикология, фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1982. –Қисми 1. – 462 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.– Луғатшиносӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007.Ҷилди 1.– 243 с.

САНЪАТИ МУБОЛИГА ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Дӯстов Ҳ.Ҷ. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Санъатҳои бадеӣ дар ташаккули маъно ва созмони воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши муҳим доранд. Маҳз тавассути воситаҳои тасвири бадеии гуногун, маънои ВФ як андоза образнок гардида, дар ин замина образи мавриди назар пуробуранг ифода мегардад.

Муболиға яке аз санъатҳои маънавӣ буда, мақсад аз истифодаи он воқеиятро як андоза аз буди муқаррариаш зиёдтар нишон додан аст. «Дарвоқеъ муболиға (игроқ, гулув) фақат дар сифати мавсуф имкон дорад. Аз ин ҷиҳат, муболигаро бо анвои он дараҷаи болотаре аз тавсифи муқаррарӣ донистан мумкин аст. Тавсиф, шояд сифати ашё аст, ки онро аз дигарҳо фарқ мекунонад, вале вай метавонад воситаи шинохтан бошаду бас, на сифати болоию пасти он» [4, 108].Муболига ва навъҳои он ба воситаи як дараҷа воқеиятро аз ҳадди эътидол болотар нишон додан,дар ҳама ҳолат фикри мавриди назарро дар қолаби мусбат ё манфӣ образнок мегардонад. Маҳз ҳамин нишонаи барҷаста дар ВФ-и забони тоҷикӣ инъикоси худро ёфтааст. Чунончи, **аз шодӣ дасту по гум кардан** «аз ҳад зиёд хурсанд шудан», **аз тарсаш як қад паридан** «сахт тарсидан», **сар ба осмон расидан** «миннатдор шудан, хурсанд гардидан» ва ғайра.

Шитоб мекардам, **аз шодӣ дасту по гум мекардам** (С. Улуғзода, Субхи ҷавонии мо, 205). Як вақт **чашми Алихӯҷа ба вай афтода**, **аз тарсаш як қад парид** ва ҳатто аз ҷояш хеста рафт (С. Улугзода, Субҳи ҷавонии мо, 44). … ман тайёр будам дар мактаби куҳна ҳам бошад хонам ва агар ин муяссар мешуд, **сарам ба осмон мерасид** (С. Улугзода, Субҳи ҷавонии мо, 169).

Дар ифодаҳои муболиғавие, ки эҳсосоти манфии гӯянда инъикос ёфтааст, тобишхои маъноии гуногунеро, аз қабили тахқир, пастзанӣ, нописандӣ, масхара ва гайра мушоҳида намудан мумкин аст. Чунин рангорангии маъноӣ аз рӯйи дараҷаи истифода дар ҳадди ниҳоӣ қарор дошта, мундариҷаи ифодаро боз ҳам ҷолибтар мегардонад.

Адабиёт

1. Бахор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Душанбе, 2007. Ҷ.1. – 243 с.
3.Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка. –М.: Высш. школа, 1985.– 160 с.
4. Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.

ИСТИЛОҲОТИ КОРГУЗОРӢВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Давлатов И.А.–аспиранти соли сеюми кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Мусаллам аст, ки муросилоти давлатдорӣ аз коргузорӣ маншаъ мегирад. Тартиб дар корбурди низоми коргузорӣ мавқеи аввалро ишғол мекунад. Ҳуҷҷатнигорӣ бахши муҳимми коргузориро ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, бояд номи ҳуҷҷатҳо дар шакли истилоҳи дахлнопазир мавҷуд бошанд.

Раванди номгузории санадҳо аз огози низоми ҳуҷҷатнигорӣ, дар шаклу қолабхои арабӣ ва тоҷикӣ то даврони тобеият ба Иттиҳоди Шӯравӣ риоя мешуд. Духӯрагиҳо дар ин тӯл ба мушоҳида мерасид. Сипас, бо тақозои сиёсати давр гунаҳо рӯйи кор омаданд. Индекс, телеграф, почта, совет, консепсия, конститутсия, кодекс ва хазорон истилохоти дигар дар радифи истилохоти тоҷикӣ садо медоданд. Сабаб дар он дида мешуд, ки дар ин давр ҳуҷҷатҳо бо забони русӣ тартиб дода мешуданд ва агар зарурат пайдо шавад, ба забони тоҷикӣ баргардон мешуданд.

Хушбахтона, бо ноил шудан ба Истиқлолияти давлатӣ раванди тоҷикикунонии истилохоти коргузорӣ вусъат пайдо кард ва рахнамохои гуногун рӯйи чоп омаданд. Бо вуҷуди ин, ҷой доштани гунаҳои гуногун ва синонимҳо дар низоми истилоҳоти коргузорӣ мушоҳида мешавад. Ин ҳолатро дар мисоли «Зиндагинома», «Шарҳи ҳол» метавон хуб мушоҳида намуд.

Чун низоми коргузорӣ, таъминкунандаи фаъолияти давлатист, бояд истилоҳоти коргузорӣ, махсусан номгӯйи санадҳо бо ду ном оварда нашавад. Аз номи санад бояд мақсад равшан гардад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тақозо менамояд, ки ҳама гуна ҳуҷҷатҳо бо забони тоҷикӣ тартиб дода шаванд ва дар сурати зарурат ба забонҳои дигар тарҷума гарданд. Бояд ҳамаи истилоҳоти коргузорӣ тоҷикӣ бошанд. Замони он расидааст, ки тамоми забоншиносони тоҷик барои ин раванд варзанд доранд ва дур нест, ки баҳсҳо сари ин мавзӯъ ҳалли худро ёбад.

Адабиёт

1. Диловаров М. Қурбонов С. Ҳуҷҷатнигорӣ.– Душанбе, 2011.– 118 с.
2. Асосҳои коргузорӣ.– Душанбе, 2002.– 196 с.

ОЗОДАНДЕШӢ ДАР ШЕЪРИ РӮДАКӢ

Шарифов Х. – д.и.ф., профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики ДМТ

1. Дар бораи шеъри Рӯдакӣ, мавзӯъҳо ва равиши андешаи шоир донишмандон ва мухаққиқон изҳори назар намуда, тадқиқотҳо анҷом додаанд.
2. Аз мавқеи тамоюлоти мазҳабӣ ва диди илмию фикрӣ, Рӯдакӣ дар диду маърифати ҳастӣ наметавонист ҷаҳони воқеии бадеиро дар ҳудуди сад-саду бист ҳазор байти шеър ба тасвир орад.
3. Дар шеъри Рӯдакӣ мавзӯъ ва андешаи шоир вусъати зиёде дорад, ки ин ҳолат сабаби аз мавқеъҳои гуногуни илмӣ ба он назар кардан шудааст. Тоҳирҷонов А. ва Фурӯзонфар ақида доранд, ки вай ба ягон таълимоти динӣ робитаи қавӣ надорад. Қаландаров Ҳ. Рӯдакиро соҳиби афкори фалсафии озод медонад, ки ҷойгоҳи моқабл бар андешаи мазҳабӣ ва динӣ дорад.
4. Ба ақидаи А. Бертелс дар замони Рӯдакӣ исмоилиён ягона ҷараёни фикрие буданд, ки ба озодии андешаи фалсафӣ имконият медоданд. Тамоюлоти исмоилӣ дар андешаи Рӯдакӣ аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад.
5. Рӯдакӣ даъват медиҳад, ки аз таҷрибаи рӯзгор бояд омӯхт, ки аз омӯзгоре, албатта, дар ҷабҳаи таълимотҳо ва назарҳо онро омӯхтан мумкин нест. «Калила ва Димна» ҳамин гуна мактаби омӯзиш аз таҷрибаи рӯзгор аст.
6. Ҷаҳонбинии Рӯдакӣ аз доираи эътиқодоти адабии вай хеле васеътар аст. Дониш ва ҳунари адабии бадеӣ такя бар ҷаҳонбинӣ ва дониши илмии ӯ мекунад, вале доираи васеъ ва сермаъноии воқеӣ дорад.

ОБ ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ «ШАТХИЙАТ» В СУФИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Абдусатторов А. – д.ф.н., профессор кафедры истории таджикской литературы ТНУ

Жанровая форма «Шатхийат», которая определяется по содержанию и тематике как ихванийат, бади'ийат, ро'ийат, хамрийат, зухдийат и т.д. формировалась в суфийской литературе VIII-X веков.

В терминологическом значении «Шатхийат» происходит от арабского глагола - شَطَحَ1. убегать, уходить; 2. блуждать (где-л.); 3. перен. бегать, строчить, писать. По определению Е.Э. Бертельса «шатх- это своего рода излияние, совершающееся под давлением нахлынувшего чувства».

Жанровая форма «Шатхийат» (экстатические изречения) своим формированием связана с именем суфийского шейха Байазида Бастами, известное изречение которого (سُبْحَاني ما أعْظَمَ شأني- Преславен я, преславен я, сколь велик сон мой!) создали ему ореол «неверия», и вызвало возмущение представителей различных течений ислама. Согласно официальному исламу эпитет «سُبْحَان» принадлежит только Аллаху и Байазид своим изречением уподобился кораническому Фараону, совершившему такой поступок. Но в толковании Джунайда Багдади Байазид не совершил ничего противоречащего исламу, так как погружаясь в медитацию о единстве божества, забывал о своем собственном существовании и возглас его سُبْحَاني относится не к нему самому, а к богу, слова которого он бессознательно повторил.

Изречение Байазида несколько по иному повторил первый мученик суфизма – Хусайн ибн Мансур ал-Халладж. В момент влияния и единения индивидуального «Я» с «Я» божественным Халладж сказал أنَاالْحَقّ(Я – творческая истина) и этим вступил в резкое противоречие с правоверным исламом, что стало причиной его мученической смерти. Противоречие слов Халладжа заключалось в том, что, согласно исламу, люди, даже пророки не в состоянии иметь прямое общения с богом и всякое общение с ним осуществляется при посредстве ангелов.

Таким образом, в суфийской литературе формировалась жанровая форма – «Шатхийат» - по содержанию охватывающая высказывания достигших степени «фона» суфиев в экстатическом состоянии. Образцы «Шатхийат» в дальнейшем встречаются и в творчестве Абусаида Абулхайра, Бадиуззамана Хамадани и других великих суфийских представителей.

БАҲРҲОИ ТАВИЛ, МАДИД ВА БАСИТ ДАР ШЕЪРИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Тоиров У.Қ.– д.и.ф., профессори кафедраи таърихи адабиёти ДМТ

Мухтареи арӯзи араб – Халил ибни Аҳмад баҳрҳои Тавилу Мадиду Баситро аз дойираи якуми арӯзи арабӣ берун оварда. Вай ҳангоми муайян кардани рукнҳои солими онҳо, ватаду сабабу фосила (ҳиҷоҳои кӯтоҳу дарозу якуним)-ро ба эътибор гирифт. Дар сохтани аркони ин се баҳр ӯ рукнҳои солими фаъӯлун (V – –) ва мафоъилун (V – – –) – ро ба кор бурд. Вай рукнҳои фаъӯлуну (V – –) мафоъӣлун (V – – –) – ро ҳашт маротиба дар атрофи дойира сабт кард ва номи дойираро Мухталифа номид.

Агар аз ватади маҷмӯъи рукни фаъӯлун, яъне «фаъӯ» (V –) сар кунем ва то охири он хонем, ҳашт бор фаъӯлун (V – –), мафоъӣлун (V – – –) ҳосил мешавад, ки вазни як байти баҳри Тавили мусаммани солимро ташкил медиҳад.

Агар аз ҷузви сеюми дойира, яъне аз сабаби хафиф – «лун» (-) сар кунем, «лунмафоъӣ» (– V – –), «лунфаъӯ» (–V –), «лунмафоъӣ» (– V – –) «лунфаъӯ» (–V –) ба вуҷуд меояд ва ба ҷойи онҳо рукнҳои мустаъмали фоъилотун (– V – –) -у фоъилунро (–V –) (ҳашт бор) мегузоранд, ки вазни як байти баҳри Мадиди мусаммани солим: агар аз ҳиҷои сеюми рукни дуюми дойира, яъне аз сабаби хафифи якуми рукни дуюми дойира – «ъӣ» сар кунем, «ӣлунфаъӯ» (– – V –), «лунмафо» (- V -), «ӣлунфаъӯ» (- -V -), «лунмафо (-V -), «ӣлунфаъӯ» (- -V -), «лунмафо» (- V -), «ӣлунфаъӯ» (- -V -) ва «лунмафо» (- V -) ҳосил мешавад ва ба ҷойи онҳо ҳашт бор рукнҳои мустаъмали мустафъилун (– V – –) – у фоъилун (– V –) - ро гузошта, вазни як байти баҳри Басити мусаммани солим мехонанд.

Ҳарчанд баҳрҳои Тавилу Мадиду Басит хосси арӯзи арабӣ ҳисоб меёбанд, аммо дар асл ҳар се баҳр навъҳои баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Раҷазанд. Сабаби ин гуфтаҳо дар он аст, ки рукнҳои солими баҳрҳои Тавил – фаъӯлун (V - -), мафоъӣлун

(V - - -) хосси баҳри Ҳазаҷ, рукнҳои солими баҳри Мадид – фоъилотун (- V - -), фоъилун (-V -) хосси баҳри Рамал, рукнҳои солими баҳри Басит – мустафъилун (- - V -), фоъилун (- V-) хосси баҳри Раҷаз мебошад. Шакли солими баҳри Тавил: фаъулун (V - -), мафоъӣлун (V - - -), фаъӯлун (V - -), мафоъӣлунро (V - - -) баҳри Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф; шакли солими баҳри Мадид – фоъилотун (- V - -) фоъилун (-V-) фоъилотун (- V - -), фоъилун (- V -) - ро баҳри Рамали мусаммани маҳзуф, рукнҳои солими баҳри Басит – мустафъилун (- - V -), фоъилун (- V -), мустафъилун (- - V -), фоъилун (- V -)-ро баҳри Раҷази мусаммани матвии мақтуъ номидан дуруст аст.

Адабиёт

1. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор/ таҳияи Урватуллои Тоир. – Д: Ориёно, 1992. – 152 с.
2. Тоиров Урватулло. Офтобе дар миёни сояе. Китоби аввал. – Д., 1999. – 162 с.
3. Тоиров Урватулло. Офтобе дар миёни сояе. Китоби сонӣ. – Д., 1999. – 168 с.

АТРИБУТСИЯИ ЯК БАЙТИ РӮДАКӢ

Солеҳов М.О. – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Тибқи ахбори сарчашмахои адабию таърихӣ, устод Абӯабдуллохи Рӯдакӣ сермаҳсултарин шоири форс-тоҷик аст, ки теъдоди абёти ӯро аз 180000 то 1 миллиону 300 ҳазор ва ё 100 дафтар гуфтаанд. Дарего, ки ин осор асосан дар шакли порчаҳои шеърӣ маҳфуз мондааст. Аз ин рӯ, дар адабиётшиносӣ ифодаи ашъори мансуб ба Рӯдакӣ мавриди истифода қарор дорад. Аз ҷумла байти зерин:

Ҳар кӣ ёри хешро ёвар шавад,
Ёр бояд буд, агар кофар шавад.

низ мансуб ба Рӯдакӣ дониста шудааст. Манзур боби «Шер ва Барзагов»-и маснавии «Калила ва Димна» буда, лаҳзаи ба аёдати Димна омадани Калила аст, ки пас аз хиёнат ба Шер асири зиндон гардида буд. Вале Калила боз барои дилбардориаш ба дари зиндон омада, ӯро ҳолпурсӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки дар сара кардану тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ саҳми профессор Саид Нафисӣ шоистаи тамҷид аст. Ӯ, дар маҷмӯъ, дар ин ҷода аз 93 сарчашма коргирӣ кардааст, вале байти фавқ дар тахияи устод Саид Нафисӣ дида намешавад ва ин яке аз нишонаи ҷаълӣ будани интисоби шеъри боло ба маснавии султони шоирон аст.

Донишманди дақиққор Қодири Рустам аз нахустин муҳаққиқонест, ки дар мансубияти шеъри мазкур ба устод Рӯдакӣ шубҳа кардааст. Ӯ барои собит намудани қазовати хеш таъкид мекунад, ки шеъри фавқуззикр ба хикояти «Шайх Санъон»-и маснавии «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор тааллуқ дорад. Қазовати мазкур комилан саҳеҳ аст, зеро мантиқи бадеии сухан ҳатто байти дигареро аз ҳамин лаҳзаи (эпизод) достони мазкур тақозо мекунад, ки бо шеъри фавқуззикр сахт мутаносиб аст. Чунончи:

Ин на ёрию мувофиқ будан аст,
К-он чи кардед аз мунофиқ будан аст.

Абёти мазкур лахзаеро аз хикояти «Шайх Санъон» фаро гирифтааст, ки 400 нафар шогирдони шайх пири хешро, ҳарчанд илтимосу зорӣ кунанд ҳам, ба хоҳиши муридон гӯш намедиҳад ва шогирдон аз рӯйи ноилоҷӣ ӯро танҳо мегузоранд. Вале яке аз муридони шайх, ки қавииродатарини эшон буду дар он лаҳза иштирок надошт ва чун вуқуф ёфту ҳозир гардид, тавассути шофеи муъминон – Расули Акрам (с.) шайхро аз рохи ихтиёркардааш мегардонад.

Яке аз сабабхои интисоби абёти фавқ ба устод Рӯдакӣ, ба назари мо, вахдати тематикии лахзахо ва вазни ягона дар хар ду маснавӣ ба шумор меравад.

БАРХУРДИ НАЗАР ВА ҲУНАРИАДАБИИКАМОЛИ ХУҶАНДӢ БО ШУАРОИ САЛАФ

Мақсудов Б. – д.и.ф., профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Ҷаҳонбинӣ ва сохтори зеҳнии Шайх Камоли Хуҷандӣ ба ҳайсиякшоирибузургиғазалсаробопешиниёниҳампешаихуд, азқабилиСаноӣ, Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Саъдӣ ва ҳамзамононашумумиятикуллӣ дошт. Чунин ягонагӣ асосан дар ҷаҳонбиниитасаввуфӣ ва ирфонӣ хулоса мешавад. Ҳаминҳолатбоиси он шудааст, ки оҳангифоҷиавӣ ва нокомӣ дар ғазалҳоиКамолистеҳкомдоштабошад. Азсӯйи дигар, ҳамлаимуғулваоқибатҳоинохушиондарасриКамол (а.XIV) дар адабиёти бадеӣ, махсусан, шеъри ғиноӣ бештар мунъакис мешуд. Ҳаминаслбоисбароншуда, кидар замони шоир фазои фардгароёна ва инзиво хокимшавад. Биноан, тафаккурифоҷиавӣ дар ашъори Камол низ соя афканд. Дар иртиботи ин воқеиятнавовариҳоиҷузъие, ки дар шеъри Камол ба мушоҳидамеоянд, бештардаршаклисуханаст, надардарунмояимухтавоишеър. Азбаски Камол ҳолатидарунӣ ва ҳунариихудробошоиронибузургисалафихудашҳамсонмедид, боифтихоразонхоёдкардаастваго хехудродарсабкатбоэшонзохирнамудааст.

НОМАҲОИ СУҒДИИ ҚАДИМ

Юлдошев А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

1. Шоҳроҳибузургиабрешим, киазбаргуфтанимавзӯъ, хоссатандаррасонаҳо, андакехайбатитаърихиашкостааст, дар ибтидои хазораиякумисолшумориимелодӣ, шоҳроҳитиҷорат буд, ки Хитойро бо “Ғарб”–ғолибан бо пахнохоигустаришизабонхоиэронӣ ва пасон бо пахнохоидигарпайвандмекард.

2. Дар хаминшохрохвашохаҳоиваюанидаруниХитойбаэътиқодичандеазховаршиносонсадсолаҳозабонисуғдӣ нақшиLingua Franca – забонеро, ки чун воситаи муоширати қавмҳоигуногундарсоҳаимуайянистифодамешавад, ичро мекард.

3. Мавзеъ ва истехкомиДунҳуан, кидаркаронаишаркиибиёбониТакла-Маконҷойгир аст, дарвозаи ғарбииХитой дар роҳиабрешимбуд.

4. Саройҳои (колония) суғдиёндаррафторафтиШоҳроҳибузургиабрешиммавзуиомӯхта мебошад. Ва номаҳоисуғдие, кихитойшиносианглисАурелСтейнсоли 1907 дарДунҳуанёфтааст, низмавзуиноомӯхта ба шумор намеравад.

5. Номаҳодар таомули илмӣ бо номи “номаҳоисуғдииқадим”Sogdian Ancient Letters шинохта шудаанд ва аз шаш номаи комилу се порахоисеномаидигариборатмебошанд.

6. Баромад як хадафдорад–бахотиррасониданичунинмеросиниёгон, кинудратҳамдорадвачандондар доираҳоивасеътармаъруфнест. Вашунидан, кидарде, кимасалан, Шайнинозанинбападаризохиранбебарорашдарандаруниномагуфтанист, имрӯз хамногуфтанамемонад.

ШАЙХ АБУЛҲАСАНИ ХАРАҚОНӢ ВА АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР

Нозимова Г.С. – н.и.ф., асистенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Ҳар як марҳилаи адабиётро бо тарвиҷи осори адабиву хунарӣ, ки ҷавобгӯйи ниёзи маънавии мардум аст, метавон арзёбӣ намуд. Аз ин рӯ, барои бароварда сохтани эхтиёҷоти фарҳангиву маънавии худ, дар хама давру замон инсоният ба адабиёт майлу рағбат дошт ва хамвора дар ташаккули хамаҷонибаи он сахми хешро мегузошт. Вобаста ба сатхи ҷахонбинии маънавии адибону мутафаккирон, рушду такомули адабиёт низ сурат мегирифт.

Адабиёти форс-тоҷик дар асрҳои XI-XII бо беҳтарин падидаҳои адабию хунарии худ дар олами ирфон нуфуз пайдо кард. Дар ин марҳилаи таърихии адабиёт орифони зиёде ба майдони адабиёт ворид шуданд, ки аз дарёи ҳикмату ирфон ба ихлосмандони хеш дурри маънӣ берун меоварданд. Аз ин ҷост, ки зевари гуфтору қиссаҳои ҷолиби рӯзгори орифони бузурге, чун Шайх Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр то кунун ҷаҳони маънавии моро нуру зиё бахшида, афкори инсондӯстонаи эшон сармашқи камолоти хар як шахси худогох мегардад.

Шайх Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр дар як замон зиндагиву фаъолият намудаанд ва дар адабиёти ирфонӣ мавқеи бузург доранд. Аммо, бо вуҷуди сӯфимаслак будан, дар ҷаҳонбинии онҳо тафовутҳое ба мушоҳида мерасад, ки зимнан мехостем онро дар ин мақола баррасӣ намоем.

Шайх Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр аз худ осори пуразише боқӣ гузоштаанд, ки хар кадом дар пайравӣ аз роху равиши худ онро эҷод намудааст ва мероси бою рангини онҳо метавонад дар ин роҳ ба мо кӯмак расонад.

«Нур-ул-улум»-и Шайх Абулҳасани Харақонӣ аз тавқеоту мавъизаҳои саропо хикматангезу пандомӯз иборат буда, барои муайян намудани ҷаҳонбинии ин орифи бузург моро рахнамоӣ мекунад.

Таълифоти Абӯсаиди Абулхайр иборат аст, аз дафтари рубоиёт, ки метавон чехраи шайхи олитаборро аз он дарёфт.

Яке аз мухимтарин нукоте, ки дар ин мақола ба баррасии он пардохтаем, вохӯриҳо ва дидорбиниҳои ин ду орифи сӯфимашраб бо ҳам мебошад, ки чӣ қадар эҳтироми бузургеро ба якдигар қоил буданд.

Омӯзиши таърихи адабиёти гузашта бори дигар собит менамояд, ки хар як адибу нависанда, орифу обид, мутафаккиру файласуф, мунаққиду муаррих, новобаста аз замони фаъолияти хеш, бо диди хосси худ дар арсаи адабиёт по гузошта, аз дидгоҳи худ тавонистаанд уфуқи тозаеро дар адабиёт ворид намоянд.

ТАСВИРИ ШАҲРИ ОРМОНӢ ДАР ДОСТОНҲОИ ҲАМНОМИНИЗОМӢ ВА ҶОМӢ

Дурманова С.Р.– унвонҷӯйи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Дар асарҳои адибони гузашта, одатан идеяи шоҳи одил ва шахри ормонӣ, яъне ҷамъияти хаёлӣ дар омехтагӣ меомаданд. Мавзӯи шохи одилро мо қариб дар ашъори хамаи шоирони гузаштаамон дучор омада метавонем. Ба ин мавзӯъ аз Абӯабдуллохи Рӯдакӣ сар карда, то Абулқосим Фирдавсию Носири Хусрав, Саъдию Ҳофиз, Низомию Ҷомӣ ва бисёр дигарон дахл кардаанд. Ин шоирон дар асархои худ, дар сари идораи мамлакат қарор гирифтани ҳукмрони идеалӣ, яъне шоҳи одил, сулҳҷӯ, илму ҳунарпарвар ва оқилро хаёл ва орзу мекарданд.

Дар радифи ғояи шохи одил дар адабиёт идеяи ҷамъияти беподшохи хаёлӣ, яъне шаҳри ормонӣ, ба миён меояд. Аввалҳо ин идеяро файласуфон дар асарҳои худ тасвир сохтаанд. Ин идеяро дар осори файласуфи бузурги Юнони қадим Афлотун (427-345 т.м.) ба хубӣ дида метавонем. Баъд аз Афлотун дар Шарқ мутафаккир ва

файласуфи бузург Форобӣ (875-950) дар китоби худ «Рисола фи араах ал-фадила» дар бораи давлат, пайдоиши он, сабабхои нобаробарии иҷтимоӣ ва гайра сухан меронад.

Тасвири шаҳри ормонӣ дар «Искандарнома»-и Низомӣ ва «Хирадномаи Искандарӣ»-и Ҷомӣ як шакли ҷамъиятӣ аст, ҷамъияти хаёлӣ, ки моликияти хусусӣ, истисмори одам аз тарафи одам дида нашуда, хушбахтию осудагӣ ва озодӣ ҳукмрон аст.

ТАНОСУБИ ПАРАДИГМАТИКИИ ВОЖАГОН

Гулназарова Ж.– дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Нишон додани маъно чун воситаи мухобират дар системаи забон, дар таносуби байниҳамдигарӣ ва мавқеи воҳидҳои забон дар системаи он, моҳияти ин аломати лугавист. Аз ин ҷост, ки муносибати мушаххаси воҳидҳои забонии дар як сатҳи системаи забонӣ ҷойдошта, ба ду қисмати асосӣ ҷудо шудааст. Мавриде мешавад, ки калимаҳо бо ҳамдигар алоқаманд гардида, байни ҳам муносибате пайдо мекунанд ва ин алоқамандӣ то андозае аст, ки наметавон дар як маврид ду аломатро баён кард, яъне байни онҳо ҳадде ҳанӯз вуҷуд дорад, ки инро муносибати парадигматикӣ мегӯянд. Дар қисмати интихобӣ метавон калимаро чун аъзои парадигмаи лугавӣ-маъноӣ, аниқтараш гурӯҳи парадигмаҳои дар заминаи ин ё он хусусияти маъноӣ муттаҳидшуда диди назар кард (ниг. ба: 1.134). Гурӯҳи калимаҳоеро, ки аз рӯйи муносибат ва таносуби маъноӣ муттаҳиданд, парадигмаҳои лугавӣ-маъноӣ меноманд. Таносуб ё муносибат мисли маъно хусусияти асосии калимаҳо мебошад. Дар мувофиқа бо маъно ва шакли овозӣ, хусусият ва сифати ин ё он калимаро ошкору аниқ намудан вазифаи асосии таснифоти маъноӣ мебошад.

Маънои тамоми воҳидҳои забониро дар муқоиса бо якдигар, яку якбора омӯхтан ягон самара ва натиҷае нахоҳад дод. Аз ин рӯ, ба қисматҳо ҷудо намудан ва ба таври муқоисавӣ омӯхтани маънои онҳо бештар хусусиятҳои умумӣ ва тафриқавиро дараҷа ба дараҷа дар системаи забон муайян месозад. Истифодаи калима дар ду самт созгор мегардад: яке имконияти интихоби калима, яъне таносуби маъноӣ бо дигар калимаҳое, ки байни онҳо «муҳити мундариҷавӣ»-и маъмулӣ муайян шудааст ва дигареимконияти таносуб бо калимаҳои дигар, ки дар натиҷаи санҷишу омӯзиш маънодории ҳар як калима муайян мегардад.

Воҳидвожагӣ истилоҳе аст, ки метавон барои ишора ба навъи робитаи мафҳумӣ миёни ду вожае дар назар гирифт, ки яке ба вазифаи воҳиди шумур барои вожаи дигар ба кор меравад. Масалан, таносуби маъноии байни қатра ба об, чакра ба борон ва монанди инҳо. Дар воҳидвожагӣ воҳидвожа ва вожашумур ҷой дорад.

Барои як вожа мумкин аст чанд воҳиди шумури мухталиф ба кор равад: шохаи гул, дастаи гул, тори мӯй, дастаи мӯй. Аммо наметавон гуфт, ки ҳар вожа метавонад бо ҳар вожаи шумур дар таносуби воҳидвожагӣ бошад. Мо наметавонем бигӯем, ки ду сар мард ё се тан гӯсфанд. Фақат дар асоси созгорӣ, ҳамнишинӣ ва таносуби маъноӣ вожаҳо метавонанд робитаи маъноии воҳидвожагӣ дошта бошанд.

Адабиёт

1. Аҳмадӣ Заҳро Калатеҳаҳмад Асадоллаҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии вожаҳо ва сохтори маъноии вандҳои калимасоз дар «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ (рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2013. – 173с.

2. Гулназарова Ж. Гипонимия дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ// Абдурраҳмони Ҷомӣ ва масоили рушди фарҳангсолорӣ дар тамаддуни Шарқ (маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С.149-159.

3. Гулназарова Ж. Ҷузъвожагӣ ё меронимия дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ// Илм ва фановарӣ. №4. –Душанбе, 2014.- С. 8-12.

НИЗОМИ ФЕЪЛ ДАР «ДАСТУРИ СУХАН»-И МИРЗОҲАБИБИ ИСФАҲОНӢ ВА МУҚОИСАИ ОН БО «ЧАҲОР ГУЛЗОР»-И ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ

Хоҷаев Д. – д.и.ф., профессори кафедраи таърихи забон ва типология ДМТ
Хусрав Н. – аспирант кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Мусаллам аст, ки дар ҳар забоне мухимтарин ва мураккабтарин бахши сарф мавзӯи феъл ва қавоиди марбути феъл махсуб мешавад. Аз ин мавқеъ, бехтарин китоби дастури забон хамонест, ки ин мавзӯъро мукаммалу қадре ба фахм осон матраҳ карда бошад. Аз ин нуқтаи назар, ду дастуре, ки мо ба сурати намуна интихоб кардем, ба назари мо, бехтарин мебошанд. Қазоват кунед, ки яке аз дастурҳо, ки мусаммо ба «Чаҳор гулзор» аст, ҳанӯз дар асри XVI навишта шудааст ва нахустину қадимтарин китобе аз дастури забони форсӣ аст. дигаре «Дастури сухан»-и Мирзоҳабиби Исфаҳонӣ, ки дар асри XIX, пас аз рисолаи «Сарфу наҳви форсӣ»-и Ҳоҷӣ Каримхони Кирмонӣ дуюмин дастури меъёрӣ ва ихтисосӣ махсуб меёбад. Бисёр ҷолиб аст, ки дар ҳар ду дастур ба мавзӯи феъл ва низоми он аҳамияти хосса дода шудааст.

Дар «Дастури сухан»-и Мирзоҳабиби Исфаҳонӣ, пас аз шарҳи ҳамаҷонибаи исм якчанд фасли алоҳида ба шарҳу тавзеҳи феъл бахшида шудааст. Масалан, дар фасли аввал оварда мешавад: феъл дар ду қисм аст: лозим ва мутааддӣ. Лозим он аст, ки феъл дар фоил, яъне кунандаи он, нагузарад ва ба ғайр воқеъ нашавад ва ба иборoти дигар, мафъули сареҳ, ки мафъул биҳ бошад, надорад ва мафъули сареҳ он аст, ки лафзи «ро» дар охир надарояд, чунон ки гӯйӣ: «Гузашти шаб нишастам, хобидӣ, ки инҳо мафъули сареҳ надоранд ва лозим мебошад. Мутааддӣ он аст, ки феъл дар фоил бигузарад ва бар ғайр воқеъ шавад ва он ғайри мафъули сарех аст, ки дар охираш лафзи «ро» гузошта шавад, чунон ки гӯйӣ… Баъзе сигаҳо гоҳ лозим ва гоҳ мутааддӣ бошад, мисли: шикастан: **шикастамчӯбро**, **чӯбшикаст**; даридан: **даридамҷомаро**, **ҷомадарид**; афрӯхтан: **афрӯхтамоташро**, **оташафрӯхт**; сӯхтан: **сӯхтамчӯбро**, **чӯбсӯхт** ва монанди инҳо». Чунон ки дида мешавад, Мирзоҳабиби Исфаҳонӣ феъли мондаву гузарандаро хеле нозукона шарх додааст.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, феъли лозимӣ ва мутааддиро чунин таъриф додааст: «Феъли лозимӣ он аст, ки фоил он феълро барои худ бикунад ва барои дигар накунад ва масдари феъли лозимӣ бисёр аст. Дар ин ҷо барои таълими навомӯзон чанд масдар навишта мешавад ва он ин аст: «**хӯрдан**» ва «**нӯшидан**» ва «**нишастан**» ва «**дидан**» ва ғайри он. Феъли мутааддӣ ин аст, ки фоил он феълро барои шахси дигар кунад, на барои худ, чун «**хӯронидан**» ва «**нӯшонидан**» ва «**давонидан**» ва ғайри он» (Чаҳор гулзор, с. 14). Дар фаҳмиши Хоҷа Ҳасани Нисорӣ феъли лозимӣ феълҳои тарзи фоилии бевосита буда, феъли мутааддӣ тарзи фоилии бавосита аст.

Мирзохабиби Исфаҳонӣ мисли Хоҷа Ҳасани Нисорӣ аксари шаклҳои замонии феълро хеле муфассал бо мисолу шоҳиди мушаххас шарҳу эзоҳ дода, аз баъзе ҷиҳатҳо низоми феъли забони форсии дарӣ, тоҷикиро, ки Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба риштаи таҳқиқ кашида буд, такмил додааст. Нақши «Дастури сухан»-и Мирзоҳабиби Исфаҳонӣ, пас аз маълумоти дастурии Шамси Қайси Розӣ дар «Алмуъҷам», Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Чаҳор гулзор», Ҳоҷӣ Каримхони Кирмонӣ дар «Сарфу наҳв ва имло», барои рушди афкори забоншиносии форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ ва дастурнависӣ дар ин забонҳои ҳамрешаю хеш хеле калон аст.

Адабиёт

1. Абӯалӣ ибни Сино. Донишнома//Осори мунтахаб. –Душанбе, 1980. - Ҷ. 1. – С. 29-139.
2. Айнӣ С. Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик // Шарқи сурх, 1952, №6. – С.3-8.
3. Виноградов В. В. История русских лингвистических учений. – М., 1978. – 378 с.

КОРБУРДИ МАСДАР ДАР КИТОБИ “БАХШЕ АЗ ТАФСИРЕ КУҲАН”

Шарипова Ф. – д.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Китоби **“Бахше аз тафсире куҳан”** иборат аз ду пора аз тафсиру тарҷумаҳои куҳани форсӣ – аз тафсире нотамом бар сураи Бақара аз ояи 78 то ояи 274 ва пораи дувум низ тарҷумаи ҳамон оя ва сураҳо аст. Китоби мазкур ба монанди нахустин тарҷумаву тафсирҳои Қуръон чун “Тафсири Табарӣ”, “Тафсири Қуръони пок”, “Тафсири Қуръони Қудс” дорои мухтасоти забонии вежа аст. Аз ҷумла, шакли ибтидоии феъл – масдар ва масдари мухаффаф, яъне феъли бидуни пасванди -ан дар китоби мазкур корбурди зиёд ва мутафовит дорад. Масдари мухаффаф ё мураккам ё кӯтоҳ бо асоси гузаштаи феъл шаклан як аст ва пасванди -ан аз охири он бардошта шудааст. Дар китоби мазкур чунин мавридҳои корбурди масдарҳои кӯтоҳ дида мешаванд:

Маслар дар таркибҳои феълӣ танҳо бо калимаи модалии тавонистан ва як мавриди бо феъли ёристан омадааст:

Ва ҳар ки аз шумо бемор бошад ва рӯза **дошт натавонад** (58).

Наёрастанд гуфтан ва афв хостанд аз пайғомбар алайҳиссалом (12).

Дар китоби “Бахше аз тафсире куҳан” шакли таркибии замони ояндаи сиғаи хабарӣҷой надорад, аммо шакли мухаффафи масдари доштан дар таркибҳои номӣ бештар омадааст:

Ва бидиҳанд хоста фо дӯст **доштӣ** эшон мар варо...(53).

Ва агар шуморо ба раҳи ҳаҷ андарун фоз дорад аз ҳаҷ беморӣ ё душман ё иллате, ки **шуд натавонед**...(67).

Дар дастурҳои забони тоҷикӣ масдарҳо ба сода, сохта ва таркибӣ тасниф шудаанд. Навъи сохтаи масдарҳо, ки бо пасванди -идан ва -онидан шакл мегиранд дар ин асар ҷой надорад. Масдарҳои китоби мазкурро аз ҷиҳати сохт метавон ба се гурӯҳҷудо кард:

-масдарҳои сода: **набиштан, гаштан, шудан...**

-масдарҳои мураккаб, ки аз ҷузъи номӣ ва феълии замони гузашта сохта шуда, маънои исмӣ гирифтаанд: **ёдкардӣ....**

-масдарҳои таркибии номӣ, ки як ҷузъашон исм аст: **сиблат перостан, мазмаза кардан..**

Масдарҳои таркибии феълӣ, ки ҳамаи ҷузъҳояш аз феъл иборат аст, дар китоби мазкур ҷой надорад.

Масдарҳо низ мисли феълҳо вобаста ба тобишҳои маъноии луғавии худ муносибати нисбат ба фоил ва мафъул доштаи амалро мефаҳмонанд ва аз рӯйи ин вижагиашон ба феълҳои монда ва гузаранда ҷудо мешаванд.

Масдарҳо низ, мисли дигар аҷзои ҷумла вазифаҳои наҳвии муайянро ичро мекунанд ва барои ифодаи хабар, муайянкунанда ва муайяншаванда, ҳол ва пуркунанда омадаанд.

Адабиёт:

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: Дониш, 1985.Ҷ.I.– 356 с.
2.Тоҷиев Д.Т.Осори мунтахаб.-Душанбе:Деваштич,2005.- 483с.
□3بخشی از تفسیری کهن. انتشارات بنید فرهنگ ایران.- تهران: رامین،1351.-232- ص
□4 ج.2.- تهران: رامین،1377.-408- ص□تاریخ زبان فارسی□□خانلری پ.
5.دستور زبان فارسی.(پنج استاد).- تهران:ناهید،1378.-311-ص.

БАЪЗЕХУСУСИЯТҲОИСАРФИЮУСЛУБИИФЕЪЛДАРЗАБОНИҒАЗАЛ

Саломов М.– докторанти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Феъл дар забони тоҷикӣ яке аз ҳиссаҳои мураккаби нутқ буда, махсусиятҳои луғавию грамматикии зиёдеро фарогир мебошад. Аз нигоҳи сарфӣ он ифодакунандаи амалу ҳаракат, вазъияту ҳолати ашё мебошад. Хусусиятҳои сарфии феъл, пеш аз ҳама, тавассути асосҳои феъл, пешвандҳои феълии ме-, би-, дар-, фур- бар-, во-, боз- ва монанди инҳо, ифодаи шахсу шумора ба воситаи бандакҳои феълии –ам, -ӣ, -ем, -ед,-анд ифода меёбанд. Дигар хусусиятҳои сарфии феъл аз қабили, замон, сига, намуд, тарз бо роҳҳои гуногуни сарфӣ дар забон ифода меёбанд. Бояд таъкид кард, ки феъл низ дар раванди инкишофи забони тоҷикӣ то андозае ба тағйиру иловаҳо дучор гардидааст. Масалан, дар таърихи забони адабии тоҷикӣ ифодаи амали замони гузаштаи ҳикоягӣ ба воситаи пешванди феълии «ҳаме-» ва ё «йо»-и ҳикоят (ی) ифода меёфт.

Вале бо мурури замон ин ду унсур – пешванди «ҳаме-» ва «йо»-и ҳикоят (ی) тадриҷан аз байн рафта, танҳо як пешванди ме- барои ифодаи замони гузаштаи хикоягӣ хизмат мекунад. Дар таърихи забони тоҷикӣ як навъи сигаи феълии дигаре ба назар мерасид, ки онро сиғаи дуо меномиданд ва он низ имрӯз дар истеъмол нест. Ҳамчунин, сиғаи мазкур бештар дар осори манзум мавриди истифода қарор мегирифт. Ба андешаи С. Ҳалимов сигаи дуо «аз асоси замони ҳозира бо илова намудани морфемаи **–од** сохта шудааст ва барои ифодаи дуо ва орзую хоҳиш хизмат мекунад» (4, 73) Масалан:

Зи Хоқонӣ хаёле монду он низ

Мамонод, ар **бимонод** бо хаёлат (Хоқонӣ, 342).

Дар забони шеър баъзан ҳодисаҳои морфологии гайримуқаррарӣ рӯй медиҳад. Яъне, гоҳо як унсури морфологӣ дар мавзее ҷой мегирад, ки он ҷой мавриди истифодаи он нест. Масалан, дар мисоли зерин ҷонишини саволии чӣ? Пеш аз асоси замони ҳозираи феъли «гӯй» ва баъд аз пешванди феълии ме- омада, вазифаи пешвандро ичро кардааст. Ҳол он ки ҷойи қароргирифтаи он дар ин мисол барои ин ҷонишин муқаррар нагар дидааст:

На, барги ин надорам, ҳон, хайр **мечигӯйӣ?**

На, дасти он надорӣ, ҳин, зуд **мечипоӣ** (Мавлавӣ).

Тибқи қоидаи муқаррарии забон феълҳои мазкур бояд дар шакли «чӣ мегӯйӣ ва чӣ мепоӣ» истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, феъл ба ҳайси ҳиссаи мустақили нутқ дорои хусусиятҳои хеле зиёди маъноию грамматикӣ аст, ки ин хусусиятҳо аксаран осебпазир нестанд, дар забони шеър дорои тобишҳои гуногуни морфологию услубӣ гардида, бар хилофи меъёрҳои мавҷуда барои феъл ифода ёфтаанд. Пас, аз таҳлили хусусиятҳои морфологию услубии феъл бармеояд, ки забони назм аз рӯйи талаботҳои худ чизи гайримуқаррариро муқаррарӣ мегардонад, ки ин ба ҳунари сухангустарӣ ва дониши забонии фарди эҷодкор сахт марбут аст.

Адабиёт

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1985-Ҷ.1. 356 с.

2.Голандом А.К.Русско-персидский учебный словарь фазовой парадигматики русских глаголов //sosiosphera_201.n2 Golandam.pdf-AdobeReader.- С.22-25

3.Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик.-Душанбе, 2012.

АТЛАСИ ЮНЕСКО ВА МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ МАРБУТ БА ЗАБОНҲОИ ТАҲТИ ХАТАР ҚАРОРДОШТА

Мирбобоев А. – дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияиДМТ

Масъалаи нигаҳдорӣ ва рушди забонҳои ақаллиятҳои этникӣ дар солҳои навадуми асри гузашта мавриди таваҷҷухи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт, зеро раванди ҷаҳонишавӣ суръати заволи забонхои хурдро афзуд. Бо инкирози як забон фарханг ва адаби мардуми сохибзабон аз байн рафта, ҷойгохи он дар тамаддуни башарӣ ба таври ҷубронnопазир холӣ мемонад.

Ҳоло 80% аҳолии сайёра ба 80 забони асосӣ сухан ронда, аз 3500 забони хурд танҳо 0,2% мардум истифода мекунад. Суръати заволи забонҳо, дар охирҳои асри гузашта ба ҳадде буд, ки боиси нигаронии ниҳодҳои байналмилалӣ гардид. Дар гузориши Созмони Милали Муттахид зикр шуда буд, ки дар ним асри охир 165 забон аз байн рафт ва чунин сарнавишт дар 10 соли оянда насиби 425 забон хоҳад буд.Мутахассисони ЮНЕСКО, ки ҳанӯз соли 1996 ба ин масъала рӯй оварда буданд, ба ин натиҷа расиданд, ки пас аз ҳар ду ҳафта як забон (солона 25 забон, тибқи маълумоти дигар 10 забон) мемирад ва хатари нобудӣ ба 40% забонҳои олам таҳдид мекунад. Агар вазъ чунин идома ёбад, то охири асри мо нисфи забонхои муосир аз байн хоҳанд рафт. Бинобар ин солҳои 2003 ва 2010 таҳияи ду нашри дигари «Атласи забонҳои таҳти хатар қарордошта» идома ёфт, ки дар он дар бораи 2279 забони таҳти хатар қарордошта маълумот дода мешавад, ки аз байни онҳо 538 забон ба вартаи нобудӣ расидаанд.

Дар Атласи забонҳои таҳти хатар қарордоштаи ЮНЕСКО ба вазъи кунунии забонҳои олам, аз рӯйи сатҳи қобили ҳаёт будани онҳо мутобиқи 9 меъёр, аз ҷумла шумораи гӯйишварони забон, муносибат ба забон дар дохили ҷомеа, мавҷудияти таълим ва маводи таълимӣ ва монанди инҳо, баҳогузорӣ мешавад, ки дар байни ин меъёрҳо интиқоли забонҳо аз насли пешин ба насли баъдӣ меъёри асосӣ ба шумор меравад.

Дар нашри охирини Атласи забонҳои таҳти хатар қарордоштаи ЮНЕСКО 11 забони бумии Тоҷикистон ворид гардидааст, ки онҳо аз рӯйи сатҳи қобили ҳаёт буданашон ба дараҷахои зерин мансуб дониста шудаанд: осебпазир (1), ба таври возеҳ таҳти хатари нобудӣ қарордошта (4), дар вартаи нобудӣ қарордошта (6).

Дар маърӯза доир ба вазъи кунунии забонҳои арабҳои Осиёи Марказӣ, парягиҳо, ягнобӣ ва гурӯҳи забонҳои помирӣ, ки вориди Атласи мазкур шудаанд, ҳамчунин чораҳои таъхирнопазири ҳифозати онҳо ва истифода аз таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон дар бахши рушди забонҳои таҳти хатари нобудӣ қарордошта, маълумоти муфассал дода мешавад.

ВОЖАҲОИ ПЕШАВАРӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ШАВКАТИ БУХОРОӢ

Ҳалимова С. –дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Касбу кор ва ҳунарҳои гуногун дар ҳаёти башар аз қадимулайём мартаба ва мақоми муҳим дорад. Дар ҳаёти иҷтимоии мардуми тоҷик касбу ҳунарҳои гуногун чун - охангарӣ, дуредгарӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, наққошӣ, рассомӣ аз замонҳои қадим роиҷ буд ва дар рушди фархангу тамаддуни башар нақши ҳалкунанда бозидааст. Ба ин минвол, намудҳои зиёди касбу ҳунар, пеша ва машгулияти одамон барои пайдо шудани қабати махсуси лугавӣ - лексикаи касбу кор

сабаб шудааст. Ин гурӯҳи калимаҳо, ки доимо дар истеъмол буданд, дар адабиёти илмию бадеӣ инъикос ёфтаанд. Дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик асрҳои XVI-XVII аз даврањои нумӯъ ва таҳаввули косибиву ҳунармандӣ буд, ки нақшу осори он дар адабиёту фарҳанги мардуми мо басо назаррас инъикос ёфтааст.Профессионализмҳо калимаҳоеанд, ки ба касбу кор ва машгулияти одамон хосанд.Профессионализмҳо як қисми муҳимми лексикаи забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Лексикаи ҳар як касбу ҳунар дар доираи худи ҳамон касбу ҳунар аз тарафи намояндагони он бештар истифода мешавад. Аз ин ҷост, ки доираи истифодаи лексикаи касбу ҳунар маҳдуд аст. Дар байни лугати профессионалӣ 3 гурӯҳи лугавиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Лексикаи махсуси маҳдуд, ки танҳо намояндагони як соҳа ё касбу кор истифода мекунанд: кемухт, кирётахта.

2. Калимаҳое, ки мафҳумашон нисбатан маъмул ва васеъ буда, дар доираи якчанд касбу ҳунар истифода мешаванд : каҷамбӯр, сандон, дам, путк, хумдон.

3.Калимаҳое, ки дар забони адабӣ доираи истифодаашон васеъ шуда, хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо кардаанд: дӯкон, тег, арра, теша, сӯзан, шона, корд, мӯза, самбӯса.

Ҷараёни меҳнати ҳунармандон ва ҷузъиёти хоссаи зиндагию кори онҳо ба воситаи лексикаю истилоҳоти ҳунармандӣ ифода ёфтааст.Истилоҳоти ҳунармандии осори Шавкати Бухороиро аз рӯйи мавкеи ҷамъиятӣ ва паҳншавии худ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд.

а)истилоҳот ва лексикаи умумиистеъмолии забон;

б)истилоҳот ва лексикае, ки дар ҳудудҳои муайян ба кор бурда мешавад;

в)истилоҳоте, ки дар байни худи ҳунармандон ба кор бурда мешавад ё худпрофессионализмҳо.

Омӯзиши ин мавзӯъ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки метавонем муайян кунем, ки кадом касбу кор ва пешаҳо дар асри шоир ранҷ буданд ва чӣгуна калимаву истилоҳот доштанд. Кадоме аз ин ҳунару истилоҳот мондааст ва ё аз байн рафтааст?

Лексикаю истилоҳоти ҳунармандии шоир соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад.

Адабиёт

1. Бурҳонова Ҳ. Оид ба лексикаи кулолӣ // Забоншиносии тоҷик.-Душанбе:Дониш,1980.-С. 69-77.

2. Истамова М.Д. Лексика швейного и вышевального искусства в Самаркандских говорах таджикского языка. Афтореф.дис.канд. филол.наук.-Душанбе,1983.-25 с.

3. Мирбобоев А. Лексика животноводства Ваханскогоязыка: афтореф. дис. кан. филол. наук.-Душанбе, 1991.- 21с.

4. Мирзоев А. Сайфии Бухороӣ ва мавқеи ӯ дар таърихи адабиётидоираҳои ҳунармандӣ // Сездаҳ мақола. - Душанбе: Ирфон, 1977. – С.265- 286.

ИФОДАИ ПУРСИШ ДАР ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЗАБОНҲОИТОҶИКӢВААНГЛИСӢ

Камолов Х.М. – н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Пурсиш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тавассути ҷумлаҳои саволӣ ифода мегардад. Ҷумлаҳои саволӣ шунавандаро ба додани маълумот водор мегардонад. Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои саволиро аз рӯйи маънову мазмун ба се навъ ҷудо намудаанд: ҷумлаҳои саволии хосса, риторикӣ ва водоркунӣ. Қатъият дар пурсиш ва талаби ҷавоб, танҳо дар гурӯҳи аввали ҷумлаҳо мушоҳида мегардад. Ҷумлаҳои саволии водоркунанда моҳиятан аз ҷумлаҳои саволии риторикӣ тафовуте надоранд, зеро пурсиш дар ҳар ду ҳолат қатъӣ нест. Онҳоро метавон ба саволҳои риторикӣ

мансуб донист. Таснифоти ҷумлаҳои саволӣ дар шакли зерин саҳеҳтар менамояд: ҷумлаҳои саволии аслӣ ва гайриаслӣ.

Пурсиш дар забони англисӣ ба воситаи чор навъи ҷумлаҳои саволӣ ифода мегардад: ҷумлаҳои саволии умумӣ – general questions, ҷумлаҳои саволии интихобӣ – alternative questions, ҷумлаҳои саволии махсус – special questions, ҷумлаҳои саволии "ҷудосозанда" – disjunctive questions.

Дар муқоиса бо забони тоҷикӣ, дар забони англисӣ барои ифодаи пурсиш дар ҷумлаи саволӣ тагйирпазирии тартиби калима ногузир аст. Феъли ёвар ҳатман дар аввали ҷумла ва пеш аз мубтадо ҷой мегирад. Ин намуди ҷумлаҳои саволии забони англисиро ба қатори ҷумлаҳои саволии аслии забони тоҷикӣ мансуб донистан мумкин аст.

Ҷумлаҳои саволии махсуси забони англисӣ бо ҷумлаҳои саволии аслӣ дар забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд.

Ҷумлаҳои саволиеро, ки имкони интихоби ин ё он ҷавобро медиҳанд, ҷумлаҳои саволии интихобӣ ё худ алтернативӣ (alternative questions) меноманд. Дар онҳо пайвандаки «ор» (ё) нақши муҳим дорад. Чунин навъи ҷумлаҳои саволӣ муодили ҷумлаҳои саволии аслӣ дар забони тоҷикӣ шуда метавонанд.

Гурӯҳи чоруми ҷумлаҳои саволиро дар забони англисӣ disjunctive questions мегӯянд. Хусусияти ин навъи ҷумлаҳои саволӣ дар он аст, ки дар қисми аввали ҷумла фикре оварда мешавад ва дар қисми дуюми ҷумлаи саволӣ гӯянда тасдиқ ё инкори он фикрро талаб менамояд.

Ҷумлаҳои саволии «ҷудосоз»-и забони англисӣ дар тарҷума ба забони тоҷикӣ дар ду ҷумла ифода мегарданд: як ҷумлаи хабарӣ ва як ҷумлаи нопурраи саволӣ. Дар забони гуфтугӯйӣ ва баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, қолаби мазкур мавриди истифода қарор дорад, қисми аввал ҷумлаи тасдиқист, баъд аз он танҳо хиссачаи инкории «не» ва ё «-а» бо оханги савол гузошта мешавад.

Бояд гуфт, ки дар забони англисӣ ҷумлаҳои риторикӣ (Rhetorical Question) мавҷуданд, аммо чун навъҳои дигари ҷумлаҳои саволӣ махсус гурӯҳбандӣ нагардидаанд.

Адабиёт

1. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. – М.: Высшая школа, 1966. – 200 с.
2. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов – Душанбе: Собириён, 2010. – 279 с.
3. Норматов М. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 324 с.

ВОЖАҲОИ ИФОДАҒАРИ ОРОИШОТ ДАР ҚАСОИДИ МАНУЧЕҲРИИ ДОМҒОНӢ

Муслимов Ҳ. – ассистенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Забони тоҷикӣ дар тӯли зиёда аз сенздаҳқарн аст, ки ҳамчун воситаи тавоно ба башарият хизмат мекунад. Бо ин забон адабиёти бою ғание офарида шудааст, ки имрӯзҳо дар саросари дунё хонанда дорад. Осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Абдуррахмони Ҷомӣ ва дигарон ганҷинаи маънавие мебошад, ки дар замони мо инсоният ба онҳо ниёзи бештаре дорад.

Омӯхтани забони асарҳои ин бузургон вазифаи муқаддаси мо мебошад. Омӯхтани забони адабиёти ниёгон, нишон додани ғановати луғавӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи он аз нигоҳи забоншиносӣ кори бисёр муҳим аст. Тадқиқи осори

классикии ҳар асру давр дар муайян намудани воситаҳои лексикӣ ва грамматикии забони адабӣ, равшан кардани тараққиёти ояндаи он нақши муҳим мебозад.

Дар соҳаи таҳлилу тадқиқи забони осори адабиёти классикии форсу тоҷик донишмандони забоншинос як силсила рисола ва асарҳо таълиф намуда, оид ба масъалаҳои ҷудогонаи забони адабии тоҷик, таърих ва грамматикаи он фикру мулоҳизаҳо баён кардаанд. Вале, осори тадқиқотии мавҷуда доир ба забони адабиёти классикон ҳанӯз нокифоя аст ва тамоми нозукиҳои ҷараёни инкишофи беш аз ҳазорсолаи забони тоҷикиро дар бар гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, зарурати таҳлилу тадқиқи забони осори ниёгон ҳамарӯза дар назари аҳли илм аст. Дар ганҷинаи осори классикӣҳанӯз асарҳои зиёди тадқиқталаб мавҷуданд.

Дар забоншиносии тоҷик ба омӯхтани забони осори шоирону нависандагони муосири тоҷик ё асарҳои ҷудогонаи онҳо низ диққати махсус дода мешавад. Дар ин бобат аз тарафи забоншиносон асарҳои тадқиқотии зиёде офарида шудаанд. Ин асарҳои илмӣ ва мақолаҳо ҷиҳатҳои луғавӣ ва грамматикии марҳилаҳои гуногуни забони адабии муосирро равшан менамоянд.

Устод Манучеҳрӣ табъу завқ, расму анъана ва касбу ҳунарҳои мардуми моро хуб медонист. Ҳамаи ин дар осори ӯ инъикос ёфтаанд. Таркиби луғавии осори ӯ бою ғанӣ буда, як қисми онро вожаҳои ороишӣ ташкил медиҳанд. Мо дар ин мақолаи худ мақсад гузоштем, ки вожахои ороишии қасоиди Манучеҳрӣ тахлилу тадқиққарда шавад. Омӯзишу тадқиқи вожахои ороишии қасоиди Манучеҳрӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Агар истилоҳоти касбу ҳунари он муфассал омӯхта шавад (масалан, истилоҳоти соҳаи заргарӣ, коркарди филиз...), масолеҳи лексикии фаровон гирд меояд ва натиҷаҳои ин тадқиқот дар омӯхтани таърих ва вожашиносии забони тоҷикӣ ба кор бурда мешавад.

Масолеҳи тадқиқотии вожаҳои ороишӣ, аз он ҷумла, лексикаи меъморӣ, дӯзандагӣ, заргарӣ барои равшанӣ андохтан ба таърихи ҳаёти хоҷагӣ, иҷтимоӣ ва ҳаёти мадании халқамон истифода бурда мешавад. Тадқиқи вожаҳои ороишии қасоиди Манучеҳрӣ оғози кори бузург мебошад.

Адабиёт

1. Айнӣ С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик // Куллиёт.- Душанбе : Ирфон, 1976.- Ҷ. 12. 560 с.
2.Ғиёс-ул-луғот.– Душанбе: Адиб , 1987. – Ҷ. 1. 416с.
3. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика.- Душанбе,1981. – 105с.
4. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик. (асрҳои 1Х-Х), Душанбе, 2003.
5.Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1982. – 104с.
6.Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. - Душанбе, 2007. - Ҷ.1. 242с.

МАҚОЛАИ ҲАСАН ШУНДӢ «КАЛИМАҲОИ ФОРСӢ ДАР ЛАҲҶАИ БАҒДОД”

Исаева Ф.А. – дотсенти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

1.Забони арабӣ бо бойигарии унсурҳои ғайриарабии худ аз забонҳои дигари сомӣ фарқ мекунад. Ҳанӯз дар давраи пеш аз ислом дар забони арабӣ бисёр калимаҳои иқтибосшуда аз забонҳои дигар вуҷуд доштанд ва аксарияти онҳо форсиасл буданд. Ҳамоно, дар Қуръон ва ашъори шоирони машҳури тоисломӣ, бисёр калимаҳои форсӣ вомехӯранд. Ин калимаҳо ба фонди луғавии арабӣ дохил шуда, дар қомусҳои фарҳангии арабӣ сабт шуданд. Забоншиносони араб ба иқтибосҳои хориҷӣ,

махсусан ба иқтибосоти форсӣ аҳамияти калон медоданд ва вақти тартиб додани луғатҳо,ҳатман калимаҳои иқтибосшударо (муъарработро) махсус қайд мекарданд.

2. Забони форсӣ яке аз қадимтарин забонҳо мебошад, ки на танҳо ба забони адабии арабӣ, балки ба лаҳҷаҳои он низ, махсусан ба лаҳҷаи ироқӣ, таъсири худро гузоштааст. Сабаби таъсири зиёди он ба лаҳҷаи ироқӣ аз алоқаҳои мавҷудаи байни фарҳангҳои ироқӣ ва форсӣ вобаста аст. Баъд аз пайдоиши ислом, дар натиҷаи ҷангҳо, арабҳо аз ҳудуди нимҷазираи Арабистон баромада бо халқҳое, ки ворисони фарҳангҳои қадим буданд, рӯ ба рӯ шуданд ва дар навбати аввал бо форсҳо. Дар шарқи хилофат ҳамчун забони корӣ (идорӣ) забони форсӣҷорӣ шуд.

3. Дар мақолаи худ "ал-Алфоз ал-форисиййа фи-л-лаҳҷати-л-бағдодиййати" олими эронӣ- доктор Ҳасан Қосим Шундӣ қариб 250 калимае, ки аз забони форсӣ ба лаҳҷаи Бағдод дохил шудаанд, бо баъзе шарҳу тавзеҳот аз рӯйи тартиби алифбоӣ меорад.

КОРБУРДИ ВОЖАҲОИ "ТОҶИК" ВА "ТОҶИКӢ" ДАР КУЛЛИЁТИ «ДЕВОНИ ШАМС»

Абдулаҳадов Ҷ. – номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи филологияи Эрон

Дар мавриди вожаи «тоҷик» маъноҳои мутааддид, мутафовут ва баъзан мутазоде нақл шудааст. Вале ҳадафи мо дар ин навиштор он нест, ки вожаи «тоҷик» аз куҷо сарчашма гирифтааст ва кадом маъноҳо дар он ниҳон аст. Зеро, дар ин бора пажӯҳишгарону ковишгарони Ғарбу Шарқ (Владимир Бартолд, Саид Нафисӣ, Сируси Эзидӣ, Муҷтабо Минавӣ, Дабири Сиёқӣ, Аҳмади Касравии Табрезӣ, Ҷалолиддини Сиддиқӣ ...) ва донишмандону мухаққиқони тоҷик (Садриддин Айнӣ, Турақул Зеҳнӣ, Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ, Сайфиддин Назарзода, Алӣ Девонақулов, Мирзо Шукурзода, Сайфуллоҳ Муллоҷонов ва г.) бо зеҳни гирову андешаи созанда ва эҳсоси баланди масъулият осори фаровонеро таълиф намуда, ба хонандаи донишпажӯҳ пешниҳод кардаанд.

Дар осори насрӣ ва назмии нависандагону шоирони пешин ва имрӯзи адабиёти гаронмояи тоҷикон дар хусуси вожаи тоҷик сухан андар миён аст.

Девони «Ғазалиёти Шамс» ганҷинаи асрор ва офаринишҳои фикрӣ ва баёнии Мавлоно аст. Бузургони адаби тоҷику форс ба манзури баёни эътиқодот ва таҷрибаҳои ботинии хеш, аз шеваҳо ва шигардҳои ҳунарии хоссе баҳра бармегиранд, то таъсири бештаре бар руҳу равон ва зеҳни мухотабони хеш бар ҷой гузоранд.

Дар девони «Ғазалиёти Шамс» 3-маротиба вожаи «тоҷик» ва 3-маротибаи дигар вожаи «тоҷикӣ» корбурд шудааст. Барои ин ки он гуфтаҳо бепоя набошад, онҳоро шоҳид меоварем.

Гар турк асту тоҷик аст, бад-ӯ ин банда наздик аст,

Чу ҷон бо тан, валекин тан набинад ҳеҷ мар ҷонро *(Ғазали шумораи 58)*.

Албатта, набояд ба фикри маънои зоҳирии шеър буд, зеро шеър ҷазаба ва илҳоми даруние аст, ки аз дил бар забони ӯ ҷорӣ мешавад ва ҳақиқате низ дар жарфои ҷонаш нуҳуфта, ки ӯро ба шеър гуфтан водор мекунад:

Ман куҷо шеър аз куҷо лекин ба ман дар медамад,

Он яке туркӣ, ки ояд гӯядам, ҳей ким сан.

Турк кӣ, тоҷик кӣ, зангӣ кӣ, румӣ кӣ,

Моликулмулке, ки донад мӯ ба мӯ сирру алан *(Ғазали шумораи 1949)*.

Бо зикри байти аввали газал кашфи маъно ва муҳтавои он ба шиддат душвор аст ва бо як содагӣ наметавон онро дарк намуд. Ҷойгузинии вожаҳо ва сиришти вожаҳову таркиботи тоза ва дигаргунӣ дар лугатҳо ва эҷоди падидаҳои нав, дар натиҷа ба тамасхуру ришханди шигифтоваре пайванд мешавад:

Як ҳамлаву як ҳамла, к-омад шабу торикӣ,
Чустӣ куну туркӣ кун, не нармию тоҷикӣ.
Тифлист сухан гуфтан, мардист хамаш кардан,
Ту Рустами чолокӣ, не кӯдакӣ чоликӣ *(Ғазали шумораи 2568)*

Яке аз хусусиёти барҷастаи шеъри Мавлоно густохию бебокӣ ва ҷасорат аст, ки ин густохӣ гоҳе ба сурати ошкор ва замоне ба сурати мубҳаму пушида изҳор мешавад. Ғустохӣ на ба маънои тундхуйӣ ва гузаштан аз ҷодаи адабу ахлоқ, балки ба маъноӣ бебокӣ дар баёни шоистагиҳову дурустиҳо аст.Ин бебокиро мо дар шеъри Мавлоно ба таври ошкоро мебинем:

Туркӣ ҳама туркӣ кунад, тоҷик тоҷикӣ кунад,
Ман соате туркӣ шавам як лаҳза тоҷикӣ шавам *(Ғазали шумораи 1385)*

Офариниши вожаҳо дар ашъори Мавлоно ба гунаеаст, ки шоирони дигар камтар тавонистанд аз онҳо тақлид кунанд ё таъсирпазиранд ва мо дар шеъри камтар шоире ҳаморостагӣ ва шабоҳате аз онҳо мебинем.

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР АШЪОРИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Исмонов К. – н.и.ф., муаллими калони
кафедраи филологияи араби ДМТ

Забоншиносии араб дар баробари забоншиносии ҳиндиву юнонӣ, аз нахустин забоншиносиҳое ба шумор меравад, ки дар ташкил ва ташаккули забоншиносии умумӣ ва рушди истилоҳофаринии сарфию наҳвӣ нақши бориз дорад. Решаи забоншиносии араб ҳанӯз ба асрҳои нахусти мелодӣ расад ҳам, нахустин мактабҳои забоншиносии араб дар Басраву Куфа дар огози асри VIII-и мелодӣ ба майдон омада, дар ду садаи баъдӣ дар Шарқу Ғарб, бавижа дар сарзаминҳои мусулмоннишин доман мегустарад. Аз ҷумла, дар нимаи дувуми асри VIII-и мелодӣ забоншиносии араб дар Хуросону Мовароуннаҳр доман густурда, донишмандони он дар робита ба он китобҳо таълифу тасниф намудаанд.

Ҷойгоҳи забоншиносии араб, бавижа бахши сарфу наҳви он дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр ба гунае буд, ки донишмандон ба сарфу наҳви забони модарии худ таваҷҷуҳе наменамуданд ва агар нуктаеро аз сохтори ибораву ҷумлаи забони модарӣ шарҳ додан мехостанд, ҳатман, онро бо равиши арабӣ ва истилоҳоти наҳвию сарфии арабӣ шарҳу тавзеҳ медоданд.

Вокеан, забоншиносии араб дар ташкил ва ташаккули забоншиносии форсии тоҷикӣ, бавижа бахши истилоҳии он нақши боризе дорад. Истилоҳоти забоншиносии араб дар забони форсии тоҷикӣ чунон суфтаву мустаъмал гаштаанд, ки ҳатто шоирон дар таъбироти худ аз он ба таври чашмгире истифода кардаанд. Чунончи истилоҳоти наҳв, сарф, эъроб, ҳарф, фатҳ, зам, каср, марфуъ, маҷрур ва даҳҳо истилоҳоти дигар дар зимни осори назмии бузургони гузаштаи мо оварда шудааст. Масалан, Мавлои Рум дар Дафтари сеюми «Маснавии маънавӣ» мегӯяд:

Мота Зайдун Зайд агар фоъил бувад,
Лек фоъил нест, к-ӯ отил бувад.
Ӯ зи рӯйи лафзи наҳвӣ фоъил аст,
В-арна ӯ мафъулу мавташ қотил аст.

Саноӣ дар «Тариқ-ут-таҳқиқ» мегӯяд:
Ҳар чи дар кулли кавн куҳнаву нав аст,
Ҳаст мафъулу фоъил ҳама ӯст.
Ҷойи дигар гуфта:
Ғофил аз феълу фоъилу мафъул,
Ҳифз карда ба ҷойи фазл фузул.
Саъдии Шерозӣ фармуда:
Гар муқтазо нахв набудӣ, нагуфтаме,
Бо баҳри кафи ӯ хабари кону исми кон.
Ҷойи дигар гуфта:
Қавӣ дар балогату дар наҳв чуст,
Вале ҳарфи абҷад нагуфтӣ дуруст.

Хулоса, омӯзиш ва баррасии корбурди истилоҳоти забоншиносии араб дар ашъори шоирони форсу тоҷик мусоидат менамояд, то аз як ҷониб аз бархӯрди донишмандони гузаштаи худ бо забоншиносии араб пай бурда, аз ҷониби дигар метавон аз таъсирпазирию таъсирнамоии онҳо дар робита ба мактабхои забоншиносии араб хулосагирӣ намуд.

Адабиёт

1. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё татаввури насри форсӣ. –Теҳрон, 1378. дар се ҷилд.

ҚУРРАТУЛЪАЙН ҲАЙДАР-РОМАННАВИС

Амиршоева М.П. – ассистенти кафедраи филологияи ҳинди ДМТ

20 январи соли 1927 дар шаҳри Алигарҳи штати Уттар Прадеш дар оилаи адиби намоён Саҷҷод Ҳайдар Элдерам духтаре ба дунё омад бо номи Нилуфар, ки баъдтар дар адабиёти урду бо тахаллуси Қурратулъайн машҳур гашт.Нилуфар таълими ибтидои ва олиро дар Алигарх ва дар колеҷи Изобелла Тобурни Донишгохи Лакхнав гирифтааст.

Баъди тақсимоти Ҳинд соли 1947 ҳамроҳи оила Қурратулъайн ба Покистон меравад. Дар ин хангом ӯ нахустромани худ «Санамхонаи ман»-ро менависад. Роман соли 1949 дар Покистон ба табъ мерасад. Ӯ дар Покистон дар Вазорати иттилоу интишор кор мекард, ки дар тайёр намудани филмхои мустанад сахм мегирифт. Пас аз чанд муддат, дар ширкати ҳавоии Покистон хизмат гузидааст. Романи «Сафинаи гами дил» маҳсули ҳамин давра мебошад.

Адиба, баъдан муддате дар Британиё умр ба сар бурда, дар сафоратхонаи Лондонии Покистон адои вазифа намудааст ва пас аз чанде ба Ҳиндустон бармегардад.

Эҷодиёти адиба аз ҷониби хукуматдорон қадрдонӣ гардидаанд ва сазовори ҷоизаҳои Саҳитя Академияи (Академияи адабиёт) соли1968, ҷоизаи Нехру соли 1969, Ғолиб соли 1985, Ҷнанпит соли 1989, Баҳодуршоҳи Зафар соли 2000, Падамширӣ соли 2003 ва Падма Бхушан соли 2005 гаштааст.

Ӯ аз худ 12 роман ва чор маҷмӯаи хикояҳоро ба мерос гузоштааст. Теъдоди зиёди асарҳои адабиёти классикиро тарҷума намудааст. Навиштаҳояш ба забони англисӣ ва дигар забонхо тарҷума карда шудааст. Ҳикояҳои аввалини ӯ «Мушбачахо», ки дар маҷаллаи «Пхул» ба нашр расиданд ва романи аввалинаш «Санамхонаи манн» ҳам дар синни нуздаҳсолагиаш таълиф ёфтааст. Навиштаҳои дигари ӯ «Дарёи оташ» (1959), «Овози хазонрез» (1965), «Боги ҷой» (1965), «Сафинаи гами дил», «Ҳикояҳо аз Ҳиндустон» (1974) ва асарҳои тарҷумаҳолии «Кори ҷаҳон дароз аст»(1979), «Ҳамсафари охири шаб» (1979), «Суръати рӯшноӣ» (1982),

«Гардиши ранги чаман» (1987), «Қаландар» (1989), «Чандин Бегим» (1990) ва гайраҳо мебошанд. Амитав Гош доир ба мавқеи Қурратулъайн Ҳайдар чунин менависад: «Овози ӯ аз муҳимтарин овозҳои садаи бистуми Ҳиндустон мебошад».

Соли 1959 «Дарёи оташ» яке аз беҳтарин асарҳои Қурратулъайн Ҳайдар ба дасти хонандагони хушсалика пеши рӯ гашт. Дар ин роман адиба таърихи дувунимҳазорсолаи сарзамини Ҳиндустонро, аз асри чори милодӣ то даврai тақсимоти Ҳинду Покистон инъикос намудааст.

«Ӯ ҷараёни ҳодисотро бо мурури гузаштаи вақт силсилабандӣ намуда, кушидааст, ки дарёро дар кӯзае ҷой диҳад. Албатта, романи мазкур дар адабиёти урду мақоми хосе дорад».

Дар адабиёти урду бо гирифтани номи Қурратулъайн Ҳайдар санъати услуби нави ромманнависи пеши назари хонанда меояд. Романҳои «Саманхонаи дили ман», «Сафинаи гами дил», «Дарёи оташ» аслан дар як мавзӯъ, вале назардошти муаллиф хеле васеъ аст. Ин ақида, хусусан пас аз мутолиаи «Дарёи оташ» рӯшантар мегардад. Лекин қисмати асосии он қисмати охирини роман аст ва тасвири таърихи қадимаи Ҳинд танҳо пардаест барои пироҳани мазбут пӯшонидани асар. Бештар адибон миёни қаҳрамон ва қаҳрамонзан тафриқа мегузоштанд. Аммо, дар таълифоти Қурратулъайн ин дида намешавад. Тафовут танҳо он аст, ки яке марду дигаре зан, зеро ҳарду ҷинс таълиму тарбияёфта, хушсухану нотиқ, доно, дар ҷабҳаҳои сиёсӣ низ муштарак амал мекунанд. Дар ҳама марҳилаи зиндагӣ ба назар чунин рафику дӯст мерасанд, мисли он ки имрӯз марду зан баробар дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ паҳлу ба паҳлуи ҳамдигаранд.

МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ЖАНРИ РИВОЯТ ДАР АДАБИЁТИ АРАБ

Шукроева С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Эҷодиёти бадеии замони гузаштаро бидуни омӯзиши ҳақиқати таърихӣ ва иҷтимоӣ фаҳмидан ва тадқиқ кардан мумкин нест. Аз ин рӯ, ривоятҳои халқӣ ва бадеии арабро надониста, таърихи ҳақиқии мардуми арабро донистан аз имкон берун мебошад.

Ривоят аз ҷумлаи осори қадимтарин ва муҳимтарини халқҳои араб ба шумор рафта, ҷузъи ҷудонашаванда ва ҳамқадами таърих ҳисоб меёбад. Омӯхтани ривоят аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки он дар бобати амиқ ва пурра фаҳмидани раванди инкишофи бадеӣ ва хусусияти эҷодиёти шоирону олимон, донишмандон ва мутафаккирон кӯмак мерасонад.

Ривоят бо ҳаёт ва таърихи халқ алоқаи зич дошта, мавзӯъ ва мазмуни ривоятҳо, пеш аз ҳама, диққати оммаи халқро ба худ кашида, аҳамияти умумиинсонӣ пайдо мекунад ва намудҳои он ҳам ба ин мақсади умумӣ тобеъ мешавад. Омӯзиши марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи ривоят яке аз масъалаҳои муҳимтарини ривоятшиносӣ ба шумор меравад.

Худи калимаи ривоят низ мафҳуми хеле қадима дошта, маънои нақл карданро дорад.

Асарҳои эҷодгардидаи тоисломӣ, ба василаи навиштаҷотҳои солҳои баъдина дастраси мо гардидаанд. Дар муддати асрҳои зиёд ин осор аз даҳон ба даҳон, аз авлод ба авлод бо ёрии ровиёни касбӣ, ки дар хотираи худ ҳазорҳо мисраҳои шеъриро нигох медоштанд, то замони мо омада расидааст.

Масъалаи таҳқиқи ривоят ва ровиёни араб, марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи он баъд аз солҳои 50-уми асри XX огоз ёфтааст.

Муҳаққиқон дар асоси таҳқиқи назарияҳои илмӣ ва таълифи асарҳо доир ба таърихи адабиёти араб, рисолаҳои пурбаҳое ба табъ расонидаанд, ки онҳо барои амиқтар ва харҷониба хал намудани вазъият ва раванди инкишофи афкори бадеию ривоятӣ заминаи муносиб фарохам овардаанд.

Ровиёни назму насри ҷоҳилӣ, ровиёни насабҳои қабилаҳо, ровиёни донишманди забону нахву луғат дар адабиёт ва таърихи халқи араб хизмати босазое кардаанд, зеро ба василаи онҳо маълумотҳои таърихӣ, забонӣ ва адабӣ то даврои мо омада расидааст.

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ ЧАНД ҲИКОЯИ МАҲИП СИНҲ

Ашурова М. – аспиранти кафедраи филологияи ҳинди ДМТ

Ҳар асари нави нависанда дар адабиёт бояд сухани тоза бошад. Ҳар як муаллиф, пеш аз он ки ин ё он офаридаи худро ба хукми хонанда пешкаш мекунад, ба худ савол диҳад, ки аз ин навиштаҳояш ба мардум фоидае мерасад, ё не.

Аз ин дидгоҳ ба ҳикояҳои яке аз адибони маъруфи Ҳинд Маҳип Синҳ назар афканем, аён мегардад, ки муаллиф мавзӯъ ва масъалаҳоеро ба хонанда пешниҳод кардааст, ки дар онхо сухани наву ҷолибе аз хаёти воқеии ҷомеаи Ҳинд гуфта мешавад.

Махип Синх яке аз хикоянависони шинохтаи адабиёти муосири Ҳинд мебошад. Ӯ 15 -августи соли 1930 дар деҳаи Дишт воқеъ дар музофоти Уттар Прадеш ба дунё омадааст. Маълумоти олиро дар шаҳри Канпур мегирад. Ҳангоми тахсил дар коллеҷ ӯ, аллакай, ба хикоянависӣ машғул шуда буд. Ҳикояи аввалини ӯ «Гирех» («Uljhan») ном дошта, дар соли 1956 сазовори ҷоизаи адабӣ гардид. Ҳикояҳои «Андух» («Dukh), «Хоб» («Nind») ва «Сухани баъдина» («Badkibat») «Як шоми хасташуда» («Ekthakihuisam») аз маҷмӯаи ҳикояҳои «Лаҳзаҳои туфонӣ» буда, («Kshanokisankat») мавзӯъҳои мухталифро дар бар доранд ва муҳимтар аз ҳама дар офаридаҳои Маҳип Синҳ мавқеъ, моҳият ва тарзу усули тасвири ӯ ба назар мерасанд. Гузориши масъалаҳо дар ҳикояҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ҳикояҳои мазкур мавзӯъҳои нобаробарихои иҷтимоӣ, муносибати инсондӯстиву инсонпарварӣ, мавзӯъҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, инчунин масъалаи ҷойгоҳу мақоми занҳо дар ҷомеа низ, мавриди баҳс қарор ёфтаанд. Персонажҳои ҳикояҳои мазкур дорои касбу кори гуногун: тоҷир, сохибмансаб, сарватманд, духтур ва ғайра буда, ба табақахои мухталифи ҷомеа тааллуқ доранд. Бештари онҳо аз нокомӣ, беадолатии ҷомеа рӯҳафтода гаштаанд. Вале ба ин ҳам нигоҳ накарда, онҳо ба зиндагии хубу осоишта умед мекунанд.

Ҳамин тариқ, эҳсоси ҷавобгарии маънавӣ ба ҳар рӯйдоди ҷомеа, аз муҳимтарин хусусияти персонажҳои ҳикояву қиссаҳои нависанда Маҳип Синҳ ба шумор меравад.

Адабиёт

1. Маҳип Синҳ. «Kshanokisankat».- Деҳлӣ, 2000.

САҲМИ МИР АМОН ДАР ИНКИШОФИ НАСРИ УРДУ

Қурбонов Ҳ. – муаллими калони кафедраи филологияи ҳинди ДМТ

Дар адабиёти урду насрнигорӣ аз аввалҳои асри XIX шаклу мазмуни тоза гирифта, ба даврои нави инкишоф ворид шудааст. Дар ин ҷода осори як қатор

нависандагони он давра ҷолиби диққат аст, ки шохасари Мир Амони Дехлавӣ бо номи «باغ و بہار» («Богу баҳор») аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Мир Амон то замони мо маълумот кам расидааст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки гузаштагони Мир Амон ҳанӯз дар асри XVI дар дарбори Мугулҳои Бузург хизмат карда, ба табақаи болоии ҷамъияти он давра мансуб будаанд. Лекин, пас аз барҳам хӯрдани салтанати мугулҳо сатҳи зиндагии хонаводаи Мир Амон кохиш ёфтааст.

Аз тохтутозҳои афгонҳо ба Шимоли Ҳинд ва шӯришҳои пай дар пайи қабилаҳои ҳинду, Мир Амон аз молу амвол ва замини меросии худ маҳрум мешавад ва ноилоҷ барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ ба шаҳри Патна меравад. Пас аз як муддат ӯ ба тарафи Шарқи мамлакат, ба шаҳри Калкатта рафта, дар хонаи як шахси мусулмон ба ҳайси муаллим кор мекунад.

Соли 1801 дар Калкатта аз ҷониби ҳукумати англисҳо коллеҷи Форт Вилям таъсис меёбад ва барои пешбурди таълим ба забонҳои муосири Ҳиндустон, ки аз забони гуфтугӯйи мардум бояд на он қадар тафовут медошт, маводи таълимӣ лозим буд. Бинобар он, раёсати коллеҷ барои омода намудани маводи нави замонавӣ як қатор адабиётшиносони хиндизабон ва урдузабонро ба кор даъват менамояд, ки ба ин гурӯҳ Мир Амон хам шомил мегардад. Дар назди Мир Амон вазифа гузошта мешавад, ки ба лаҳҷаи тозаи хиндустонӣ, ки забони «бозорӣ» буд ва бо он забон ҳам ҳиндувону ҳам мусулмонон, ҳам сарватмандону ҳам камбизоатон муошират мекарданд, асари адабие эҷод намояд. Мир Амон ба захираи бойи забони мардумӣ рӯ оварда, ба тахияи «Чор дарвеш» ном асаре шуруъ мекунад ва пас аз як сол китобе бо номи «باغ و بہار» («Богу баҳор»), ки бо забони соддаву оммафаҳм эҷод шуда буд, аз чоп мебарояд ва аз ҳамон вақт то ба имрӯз дар Ҳиндустон, Покистони тозабунёд ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон ниҳоят машҳур мебошад.

Мир Амон, инчунин дар эҷоди шеърҳо низ бо тахаллуси «Лутф» қувваозмоӣ намудааст, аммо шуҳрати вай танҳо дар насрнависӣ пас аз «باغ و بہار» («Богу баҳор») намоён гардидааст.

Адабиёт:

باغ و بہار- میر امّن دہلوی،مرتّب رشید حسن خان، انجمن ترقّی اردو[ہند] نئی دلّی 1999

ҶУРҶИ ЗАЙДОН – АСОСГУЗОРИ РОМАНИ ТАЪРИХӢ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ АРАБ

Мирзозода М. – аспиранти кафедраи филологияи араби ДМТ

Ҷурҷӣ Зайдонмуаррих, забоншинос, адабиётшинос ва рӯзноманигори охири асри 19 ва ибтидои асри XX араб буда, бо фановарии худ дар адабиёти муосири араб сахми побарҷоеро ноил гаштааст ва инак чанд нуктаеро перомуни муваффақиятхои эҷодиаш дарҷ хоҳем кард. Зайдон яке аз олимони машҳур ва пурмаҳсули ҷаҳони араб ба шумор рафта, бо наҳзати фикрии худ тавонист дар пешбурди тамаддуну фарханги араб нақши босазо гузорад. Ӯ дар тӯли фаъолиятхои илмии хеш ба воситаи китобу мақолахояш фикру андешахои наву тозагароёнаи худро ба мардум ироа намуд ва то ҷое муваффақ ҳам шуд. Китобҳои таълифнамудаи ӯ, ки дар соҳаҳои забону адабиётшиносӣ ва таърихнигории навини араб бахшида шудааст, арзиши баланди илмиро доро мебошанд. Дар кишварҳои арабӣ нахустин китоби таърихи адабиёт бо номи «Тоърих адоби-л-луғати-л-арабия» ба қалами Ҷурҷӣ Зайдон тааллуқ дорад ва сипас дар ин мавзӯъ китобхои дигаре чун «Таъриху-л-адаби-л-арабӣ»-и Ахмад Ҳасан аз-Зайёт, «Таъриху-л-адаби-л-арабӣ»-и Тоҳо Ҳусейн, «Таъриху-л-адаби-л-арабӣ»-и Ҳаннал Фохурӣ ва амсоли онҳо таълиф гардидаанд». Ҳарчанд, ки

қабл аз Зайдон олим ва мутафаккири англис Броклмен китобе бо ин мазмун иншо намуда буд, лек Зайдон бо услуб ва сабки хосси нигориши худ таърихи адабиёти арабро баррасӣ намудааст.

Пайдоиши романи таърихӣ дар адабиёти араб бо саъю талошҳои Зайдон рӯйи кор омада, минбаъд тарафдорони зиёдеро пайдо намуд. Агар мо назар ба адабиёти достонии араб намоем, пас мебинем, ки Зайдон дар шукуфоии он сахми арзанда гузоштааст. Бузургтарин хизмате, ки Зайдон ба ҷомеаи адабии араб кард, ин нигориши таърих ба услуби нави илмӣ мебошад. Ӯ романро дар хизмати таърих қарор дод ва аз тариқи он таърихро ба мардум таълим дод. Инчунин Зайдон аз қолаби забони классикӣ, ки тавассути саноеъи адабӣ сохта мешуд ва барои мардуми одӣ номафҳум буд, баромад ва тарзи баёни содаву оммафаҳмро пеш гирифт. «Зайдон дар нигориши достонхо ё худ романхояш аз услуби рӯзноманигорӣ истифода намудааст»[8:29]. Ҷурҷӣ Зайдон бо мушоҳидаи шароити фикрӣ ва фарҳангии асри хеш ва алоқаи мардумонаш бо мутолиа, ба нигориши романҳои таърихӣ пардохт ва мақсадаш, ки таълими таърих ба тамоми мардум буд, дар осори ҷовидонаи худ аз забони сода ва беолоиш истифода кард, ки ин амр боиси истиқболи рӯзафзуни мардум аз романхои ӯ шуд. «Тамоми нависандагони қабл аз Зайдон дар осорашон бо услуби душворбаён ва ҷумлаоти печида сухан мегуфтанд ва гоҳ дар ин умур муболига мекарданд ва ин амр имтиёзи мутолиаи ин осорро тавассути хонандагони гайри адиб салб мекард ваҶурҷӣ Зайдон забони достонро оммафаҳм гардонид». Нависандагоне, ки баъд аз ӯ по ба арсаи романнависӣ ё достоннигорӣ гузоштанд, аз сабки содаи ӯ дар осорашон илҳом гирифтанд ва достонҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва ошиқонаву динӣ ва гайраро ба забони сода ба мардум арза карданд. Шояд истифодаи услуби оммафаҳм ва содабаёни Зайдон буд, ки осори ӯ дар як муддати кӯтоҳ ба забонҳои гуногуни дунё, аз ҷумла форсӣ, тарҷума шуданд. Муҳаммадҷон Шакурӣ низ қайд мекунад, ки «Романхои таърихии нависандаи машхур Ҷурҷӣ Зайдон, ки яке аз бунёдгузорони адабиёти нави араб буда, аз адабиёти Аврупо,чунончи аз эҷодиёти В. Скотт ва Ҳуго бахра бурдааст, дар ибтидои асри 20 дар Осиёи Миёна шуҳрати тамом дошт. Романҳои ӯ «Армонусатул-Мисрия», «Узрои қурайш», «17-и рамазон», «Сӯхтори Карбало» ва инчунин «Абӯмуслими Хуросонӣ» ва дигарҳо дар тарҷумаи форсӣ ва туркӣ-озарӣ дар Самарқанду Бухоро, дар байни китобхонони навпараст, даст ба даст мегаштанд. Бисёри зиёиён ба воситаи хондани ин романҳо ба китобу романхонӣ ишқу ҳавас пайдо карда буданд». Дар ҳақиқат, Зайдон на танҳо мардуми арабзабонро ба осори таълифнамудаи худ мутаваҷҷеҳ сохт, балки мардуми гайри арабро низ ба худ моил намуд. Абдуллоҳи Қодири нависандаи узбек гуфтааст: «Касе, ки манро ба романнависӣ ҳавасманд кард, аз фузалои Миср устод Ҷурҷӣ Зайдон аст». Ҷалол Икромӣ низ Ҷурҷӣ Зайдонро дар қатори он нависандагоне, ки аз ҷавонӣ диққати ӯро ба сӯйи худ кашида буданд, қайд мекунад.

«НИРМОЛА» –БЕҲТАРИН РОМАНИ ПРЕМЧАНД ОИД БА МАСОИЛИ ЗАН

Ёрова Сабоҳат – ассистенти кафедраи филологияи ҳинди ДМТ

Премчанд (1880-1936) дар таърихи адабиёти ҳиндӣ ва урду ҳамчун асосгузори реализми танқидӣ шинохта шудааст. Ӯ дар адабиёти ҷаҳонӣ дар паҳлуи ҳамон адибони маъруф ҷой дорад, ки тамоми хаёт ва эҷодиёти худро ба ахли захмат бахшида, дар мубориза бар зидди истисморгарони дохилию хориҷӣ ва барои ба даст овардани озодии мардуми Ҳиндустон талошхои зиёд кардаанд. Премчанд хеле барвақт ба зиндагии талх, ранҷу гам ва мушкилиҳои аҳли заҳмат ва хусусан бо беҳуқуқию тирарӯзии занон аз ҳар паҳлу ошно шудааст. Аз ин ҷост, ки дар эҷодиёти ӯ бештар тасвири ҳаводису рӯйдодҳо аз ҳаёти мардуми бенавои деҳот ва

алалхусус,бадбахтии занон ба назар мерасад. Мавзӯи зан дар эҷодиёти Премчанд мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Нависанда зебоии мафтункунанда, далерӣ, меҳнатдӯстӣ ва дигар хислатҳои занонро бо меҳри бузург ситоиш кардааст. Аз нигоҳи адиб занони ҳинду ҳамеша дар ишқу муҳаббат вафодор буда, барои нигаҳдории оила доимо талош мекунанд. Яке аз асарҳои машҳури Премчанд, ки дар он тақдири талхи зани ҳинду акси воқеии худро ёфтааст, романи «Нирмола» мебошад. Ин роман бори аввал соли 1923 аз чоп баромада, аз ҳамон сол то ба имрӯз дар таърихи адабиёти муосири ҳиндӣ сазовори мақоми хос гардидааст. Мавзӯи марказии роман тақдири фоҷианоки занест бо номи Нирмола, ки аз зиндагӣ як лаҳза ҳам хушӣ надида, қурбони урфу одатҳои куҳнаю зараровари ҷамъият гардидааст. Бо вуҷуди шахси бомаърифату босавод будани падари Нирмола, дар хонаводаи ӯ урфу одатҳои куҳна сахт риоя мешуданд ва зери чунин қонуну қоидаҳо тарбия гирифтани Нирмола дар ин хонавода, боиси бадбахтии ӯ гардидааст. Нирмола дар умри кӯтоҳи худ рӯзҳои сахт ва муносибати бераҳмонаро нисбати худ, аз сар гузаронида, дар изҳори хислатҳои хубаш, аз ҷумла, инсондӯстиаш имконият пайдо накардааст. Образи Нирмола – ин ифодакунандаи дараҷаи олии инкишофи реализми танқидӣ дар эҷодиёти Премчанд мебошад. Тақдири занони ҳинду нависандаро ҳамеша сахт ба ташвиш меовард. Ӯ пайваста дар ҷустуҷӯи сабабҳои беҳуқуқӣ ва муфлисиву бенавоии халқи худ аз ҷумла занҳо буд. Адиб беҳуқуқӣ ва ба корҳои ҷамъиятии мамлакат иштирок накардани занонро бо сӯзу гудоз тасвир менамояд. Дили пурмеҳри ӯ ба инсон алалхусус, ба занҳо ҳамеша дар сӯзиш буд ва ӯ бетаваққуф бо қаҳру газаб ва нафрати зиёд ба муқобили поймолкунандагони ҳуқуқи занон баромад мекард.

Адабиёт

1. Балин В.А. Премчанд - новелист. -Изд. ЛГУ,1973

САРНАВИШТИ ТАБИАТ ДАР РОМАНИ«БОЗГАШТ»-ИАБРОРИ ЗОҲИР ВА РОМАНИ «ГУЗАШТАИ НОГУЗАШТА» («АНБИТА ВЯТИТ»)-И КАМЛЕШВАР

Нурова М. А. – дотсенти кафедраи филологияи ҳинди ДМТ

Табиат барои тамоми инсоният моли умумист. Ҳама аз сарвату дороӣ, неъмати он ба гунаҳои мухталиф баҳра мебаранд. Бо он бархӯрди гуногун доранд, вале дар ниҳоят, гӯшаҳое ҳаст, ки дар иртибот бо он ҳамаи инсонҳо назари мушобеҳ, эҳсоси умумӣ дошта, дар нуқоти мухталифи ҷаҳон нависандагон дар атрофи сарнавишти пурхатари табиат меандешанд, хоставу нохоста, афкорашонро ба афкори ҳамтоёни хеш дар гӯшаи зинда аз дунё шабеҳ медоранд.

Баҳри бозтоби масъалаи мазкур ба романи «Гузаштаи ногузашта» («Анбита вятит»)-и нависандаи муосири ҳиндӣ Камлешвар ва «Бозгашт»-и романнависи муосири тоҷик Аброри Зоҳир аз нигоҳи муқоисавӣ назар мекунем.

Мавзӯи табиату ҳамзистӣ ба он, нақши ҳалокатбори дасти инсонӣ нисбати он ва дар ниҳоят ҳифозаташ яке аз мавзӯъҳои мубрами романи муосири ҳиндӣ ва тоҷик мебошад.

Шерзод, қаҳрамони марказии романи Зоҳири Аброр «Бозгашт», ки мӯйсафеди рӯзгордида ҳам ҳаст, атрофи муносиботи инсону табиат андеша мекунад, ба саҳнаҳои мудҳише менигарад, ки зуҳурашон дар синаи табиат вобастаи инсонанд. Ӯ мебинад, ки чӣ гуна инсон бо мақсади таҳаввулу дигаргунӣ, пешрафту камол даст ба харобаву вайронии табиат мезанад, зебоиро маҳв месозад. Тааммул перомуни ин масъала, рухдоду саҳнаҳои дидааш як ҳолати бимноку тарсолуди равониро дар вуҷудаш эҷод менамоянд. Вале инсонҳо дар ҷомеае, ки ба ду қутб ҷудо шуда ва ҳадафи аслиаш нуфузи бештар бар дороии он аст, аз рӯйи қонунҳои хеш амал мекунанд.

Бобои Шерзод, қаҳрамони ёдшуда, ҳарчанд аз ҷузъиёти ҳастисӯзи масъалаи мавҷуд, хатари экологӣ, бехабар аст, вале бо ҳамон камхабарӣ то умқи ҷон эҳсос

менамояд, ки бояд имрӯз дар хифзу нигахдошти неъмати худовандӣ, табиати сарсабз, ҷангалу бешазорон гом бардошт:

«-Ноҳияи моро макони саёҳату истироҳат эълон доштаанд. Ин чиз ба деҳаи мо хам дахл дорад.

-Барои кадом хусусиятҳояш?

-Хусусияташ кам нест. Якумаш Ҷангалак, дуюмаш барфшуха, сеюмаш олами набототу ҳайвонот, чорумаш муҳити ором ва гайриоддии деҳа.

Панҷум зиндагии мардумонаш, ки аз дигарон фарқ мекунад» [1,75].

Масъалаи ҳифзи паррандагон, рӯзгори пуртаззоди инсонро нависандаи ҳиндӣ Камлешвар (1932-2007) дар романи «Гузаштаи ногузашта»-и худ ба риштаи тасвир мекашад. Нили чҳил ё толиби кабуд, маконест, ки паррандагон барои иқомату буду бош интихоб намудаанд. Вале, зиндагӣ барои онҳо ҳамеша орому ошно нест. Гоҳо онхоро ба хотири даромад, беамон сайд намуда, ба манбаи тиҷорат табдил медиханд. Садои дахшатноки як тири аз камон ҷаста, макони зебоманзари Нили чҳил, иқоматгоҳи паррандагонро комилан ноорому музтариб месозад.

Самира қахрамони романи «Гузаштаи ногузашта», ки намояндаи табақаи болоӣ хам мебошад, ба паррандагон муносибати хайрхохона дорад. Ӯ ба паррандагон дилбастагӣ ва пайвандии хос дорад. Дар фазои қасре, ки онҳо умр ба сар мебаранд, паррандагон озодона бидуни тарсу ваҳм парвоз менамоянд.

Нахустин ҳадафе, ки нависанда дар масири тасвири мавзӯи роман пешорӯйи хеш мегузорад, исботи ин андеша аст, ки паррандагон низ мисли дигар мавҷудоте, ки дар табиат дӯшодӯши инсон зиндагӣ мекунанд, ҳаққи комили зист доранд.

Пажӯхишу арзёбии осори нависандагони мавриди назар, моро ба чунин натиҷа расонид, ки ҷомеаҳои инсонӣ аз нигоҳи муҳити ҳоким бар онҳо, муштаракоти зиёде доранд, ки хузурашон дараҷаи нуфузу таъсирашон ба зиндагии фардии башар хангоми инъикосу бозтоби бадеӣ равшан мегардад.

АБУЛҚОСИМ ҲАКИМИ САМАРҚАНДӢ ВА «АС-САВОДУ-Л-АЪЗАМ»-И Ӯ

Рамазонов М. – ассистенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Абулқосим дар Самарқанд таваллуд ёфт (таърихи таваллуди Абулқосими Ҳаким дар сарчашмахо зикр нашудааст) ва даврони кӯдакиву тахсили ибтидоияш низ дар ҳамин шаҳр ҷараён гирифт. Бино ба ишороти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва Лакҳнавӣ, муддате аз ҷавонии Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ дар Балх гузашта, ӯ ба ҳалқаи дарсии орифи барҷастаи даврон Абӯбакри Варроқи Тирмизӣ пайваста будааст. Дар ин шаҳр ӯ на танҳо таълимоти тариқатро фаро гирифт, балки дар улуми калом, фиқх ва тафсир низ табаххури комил пайдо намуд.

Санаи даргузашти ӯро Самъонӣ дақиқан дахуми моҳи мухаррами соли 342 ҳ. (953 м) дар Самарқанд таъйин кардааст. Фузун бар ин, Самъонӣ дар қабристони Ҷокардиза мадфун шудани Абулқосими Ҳаким ва чанд бор ба зиёрати қабри ӯ рафтанашро таъкид кардааст.

Фаъолияти Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ ва китоби «ас-Саводу-л-аъзам» - и ӯ бино ба ҳадафҳое, ки дар таълифоти он пайгирӣ шудааст, дар ташаккули густариши ақоид ва таълимоти ҳанафиён дар Хуросону Мовароуннаҳри замони Сомониён нақши муҳим бар уҳда доштанд. Бо вуҷуди ин, аз ҷараёни зиндагии ин фақехи номвар иттилооти кофӣ дар даст намондааст.

Бештари умри Абулқосим Ҳаким дар давраи фармонравоии Сомониён гузашта ва ӯ аз лутфу иноятии амирони фархангпарвари ин хонадон бархурдор будааст. Мувофиқи иттилои Самъонӣ Абулқосим солхои дароз вазифаи қозии Самарқандро бар уҳда дошт ва мардуми шаҳр аз адли ин қозии одил пайваста изҳори ризоят мекарданд.

Мақому манзалати шоистаи Абулқосимро дар назди амир Исмоили Сомонӣ, таълифи китобе ба хотири ҷилавгирӣ намудан аз бидъатҳои мухталиф ва равияҳои номатлуби мазҳабӣ ба субут мерасонад, ки амири сомонӣ таълифи чунин як китобро маҳз ба ӯ фармуд ва ба ин васила китоби «ас-Саводу-л-аъзам» арзи вуҷуд намуд. Ин амр, бидуни тардид, нишони эътирофи комили дарбори сомонӣ аз донишу хиради Абулқосим Ҳаким ва арҷгузорӣ ба мақому манзалати ӯ дар фазои маънавию мафкуравии Хуросону Мовароуннаҳри он даврон маҳсуб мешавад.

Китоби «ас-Саводу-л-аъзам» дар сурати тарҷумаи форсӣ – тоҷикии он, ки то замони мо расидаат, шомили 61 масъалаи каломию фиқҳӣ аст, вале Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашфу-з-зунун» теъдоди масоилро дар он 62 масъала зикр кардааст.

Арзиши «ас-Саводу-л-аъзам»

Якум, арзиши адабии он, ки яке аз куҳантарин насрҳои форсии тоҷикӣ аст. Ва агар аз он аср (бештар аз ҳазор сол) сатре ҳам ба даст ояд нигаҳдоштанӣ аст, то чи расад ба китобе, ки чандсад сахифа дорад ва намояндаи сабки кухани тарҷума ва насрнависи забон бошад.

Дуюм, арзиши фикрӣ ва таърихии китоб аст, ки муҳаққиқон ва пажӯҳандагонро ба кор ояд. Ва касоне, ки таърихи фикр, ақоид, авзои ақлӣ ва руҳиро дар ин сарзамин пажӯҳиш кунанд, метавонанд аз он суд баранд, ки мардуми он аср ва пайравони мазҳаби ҳанафӣ дар масоили ақида ва имон ва ривоёти исломӣ чӣ гуна андеша доштанд ва маҷрои фикрӣ аз кадом манобеъ сарчашма мегирифт.

Матни аслии «ас-Саводу-л-аъзам» (чопи сангӣ) 36 саҳифа буда, 61 масъала (ба ақидаи баъзе донишмандон 62 масъала) – ро дар бар мегирад. Тарҷумаи форсии он дар ҳаҷми 251 саҳифа бо эҳтимоми Абдулҳай Ҳабибӣ ба нашр расидааст, Ҳамчунин, дар соли 2009, бахшида ба соли бузургдошти Имоми Аъзам, аз рӯйи нашри Абдулҳай Ҳабибӣ аз ҷониби донишмандони тоҷик Носирҷон Салимов ва Низомиддин Зохидов бо таълиқоту хавошӣ «ас-Саводу-л-аъзам» ба хаттӣ кирилӣ чоп гардид.

Адабиёт

1. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. «ас-Саводу-л-аъзам». Тарҷумаи куҳан ба порсӣ. Ба кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон, 1348 ш.
2. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. «ас-Саводу-л-аъзам». Таҳия бо таълиқоту хавошӣ. Носирҷон Салимов ва Низомиддин Зоҳидов. – Хуҷанд, 2009.

РОҶЕЪ БА МУҲТАВОИ ҲИКОЯҲОИ МАҶМУАИ «ПАРАНДАҲО»-И Н. ВАРМА

Раҳматуллоева З.А. – н.и.ф., мудири кафедраи филологияи ҳинди ДМТ

Нависанда, тарҷумон ва рӯзноманигори боистеъдод ва шинохта Нирмал Варма бо эҷодиёт ва усули нигориши хос аз дигар нависандагони адабиёти муосири ҳиндӣ тафовут дорад. Дар насри ӯ бештар услуби воқеанигорӣ роиҷ буд ва дар баробари ин, Нирмал Варма дар офаридаҳояш ба дунёи мураккаби инсон даст зада, ба воситаи фикру андешаҳояш аз ботини ӯ хабар медиҳад.

Силсилаи очерку мақолаҳо, романҳову маҷмӯаи ҳикояҳои «Парандаҳо», «Дар миёни баҳс», «Ҳикояҳои дӯстдоштаи ман», «Ҳикояҳои интихобӣ», «Бум ва оби сиёҳ», ва монанди ин намунаи маҳсули эҷодиёти Нирмал Варма аст.

Нависанда, инчунин офаридаи нависандагони машҳури ҷаҳонро, ба монанди «Ҳикояҳои куприн» (1955) «Ромео ва Ҷулетта» ва «Торикӣ» (1964), «Бачагӣ» (1970) ва гайраро, аз забони англисӣ ба забони ҳиндӣ тарҷума кардааст.

Дар маҷмӯаи «Парандаҳо» ҳикояҳои «Бозии хотираҳо», «Ҳадафи фиреб», «Шохиди сеюм», « Дар торикӣ», «Чиптаи кино», «Як шоми сентябр», «Парандаҳо» гирд омадаанд. Ҳар яке аз ин ҳикояҳо ба масъалаҳою мавзӯъҳои ҳаёт, сарнавишти

одамон бахшида шудаанд. Нирмал Варма баъзан дар эҷоди ҳикояҳо ба мушоҳидаҳои ҳаётии худ («Парандаҳо») такя кардааст. Дар ҳикояҳои адиб байни муаллиф ва қаҳрамон як навъ наздикии маънавӣ эҳсос мешавад. Қаҳрамонҳои ҳикояҳои маҷмуаи «Парандаҳо» на хислати манфӣ доранд на мусбӣ. Онҳо дорои касбу корҳои одӣ: ҳамшира, корманд, донишҷӯ, хонанишин, мусофиру муҳоҷир мебошанд. Бо вуҷуди дар ҷомеа дар миёни омма зиндагӣ карданашон, ҳамаи онҳо (қаҳрамонҳои ҳикоя) танҳоянд, танҳо дар «дунёи худ», бо фикру андешаҳояшон... Бо сабаби нобаробарии иҷтимоӣ, надоштани пулу мансаб ва ё ногувории вазъияти сиёсӣ-иқтисодӣ персонажҳои ҳикояҳои Нирмал Варма – Бито (ҳикояи «Бозии хотираҳо»), Нирҷа (ҳикояи «Шоҳиди сеюм»), Бано (ҳикояи «Дар торикӣ») ҷавони бекор (ҳикояи «Як шоми сентябр»), Латика, доктур Мукарҷӣ, хонум Ҳюбарт ва дигарон маъюсу нотавон ва дар назди мушкилиҳои зиндагӣ заиф ҳастанд.

МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ВА ИСТИЛОҲИИ НАҲВ АЗ ДИДГОҲИ ЗАБОНШИНОСОНИ АРАБ ВА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ОН

Саломов А.А. – н.и.ф., дотсент ва мудири кафедраи филологияи араби ДМТ

Илми наҳв аз ҷумлаи илмҳое мебошад, ки донишмандони араб ҳанӯз аз асрҳои аввали исломӣ ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Бо интишор ёфтани Ислом арабҳо бо миллатҳои дигари соҳибтамаддун, аз қабили форсҳо, юнониҳо, қибтиҳо ва гайра бархӯрд намуданд, ки дар натиҷаи ин омезиш лахну хатогуфторӣ дар каломи араб роҳ ёфта, ҳатто баъзе аз оятҳои Қуръони карим низ ба таври хато талаффуз ва эъробгузорӣ гардид. Ба таъкиди таърихнигорону забоншиносон маҳз роҳ ёфтани ҳамин лаҳну хато дар оёти қуръонӣ, заминаи асосие барои пайдо шудани илми наҳв мебошад.

Назари донишмандони араб ва шарқшиносон дар бораи асосгузори илми наҳв ва таърихи пайдоиши он гуногун аст. Мусаллам аст, ки таъсиси наҳв дар нисфи аввали садаи якуми ҳичрӣ анҷом пазируфтааст. Бархе аз донишмандони араб, аз қабили Суютӣ ва Ибни Халикон бар ин ақидаанд, ки асосгузори илми наҳв Алӣ ибни Абӯтолиб мебошад, ки маҳз бо дастур ва пайравӣ аз ӯ Абуласвад ад-Дуалӣ ин илмро тадвин намудааст. Ибни Салом ва Ибни Қутайба бошанд, Абуласвад ад-Дуалиро бевосита асосгузори илми наҳв мепиндоранд.

Шарқшиносон Карл Брокелман, Рекендорф ва Юҳан Фук бошанд, гуфтаҳои болоро рад намуда, таъсиси онро ба гайри арабҳое нисбат медиҳанд, ки ба Ислом гаравида буданд ва аз забонҳои суриёнӣ ва юнонӣ наҳвро иқтибос намуданд. Ба ин маъно, ки тадвини илми наҳв дар натиҷаи таъсирпазирӣ аз дастурҳои суриёниву юнонӣ ва иқтибоснамоӣ аз онҳо ба майдон омадааст. Месазад наҳви арабиро тибқи сохтор ва тақсимбандии мавзӯъҳояш, аз ҷумлаи ибтикороти донишмандони араб ҳисобид. Нуктаи мазкурро тамоми истилоҳоти наҳвӣ ва сарфии араб таъйид менамоянд, зеро ҳама истилоҳоти грамматикаи араб маншаъ аз худи забони арабӣ гирифта, ба таври таҳтуллафзӣ ва ё маъноӣ аз забони дигар тарҷума нагардидаанд. Гузашта аз ин, равиши тадқиқот ва масъалагузорӣ дар нахви арабӣ аз равиш ва услуби тадқиқи дастурҳои суриёнию юнонӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки дар баробари ихтилофи назарҳо дар мавриди заминаҳои ташкил ва ташаккули илми наҳв боз дар атрофи худи вожаи наҳв ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аз нигоҳи лугавӣ вожаи наҳв масдари феъли نحا ينحو (наҳо янҳу) буда, дар фарҳангномаҳо беш аз даҳ маънои он аз қабили: ҷиҳат,роҳ,

равиш, монанд, дастур, гуна, тақрибан ва ғ. зикр шудааст. Вале дар умум, забоншиносон маънои умдаи онро дар ифода намудани самту ҷиҳат шуморидаанд.

Аз нигоҳи истилоҳӣ наҳв ба илме гуфта мешавад, ки меҳвари онро сохтори ҷумла ва иртиботи калимаҳо бо ҳамдигар ва тагйироти эъробии исму феълҳо ташкил мекунад. Чунин таърифи наҳв ба пажӯҳанда имкон медиҳад, ки наҳвро муодили синтаксис унвон намояд, вале таҳқиқ ва баррасии ин илм маонии онро фаротар намуда, муодил ба грамматика ва дастури забон мегардонад. Ба ибораи дигар, нахви араб танҳо ба баёни сохтори ибораву ҷумла ва алоқаи байни калимаҳо маҳдуд нагашта, балки дар худ савтиёту морфологияро низ дар бар мегирад, аз ин рӯ, метавон нахви арабиро грамматикаи араб номид.

Адабиёт

1.Сайид Аҳмад Ҳошимӣ. ал-Қавоиду-л-асосия ли-л-луғати-л-арабия. -Қоҳира,1354.

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ФАРҲАНГНИГОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

Солиҳов Н. –ассистенти кафедраи филологияи араби факултети ДМТ

Забони арабӣ, ки аксари сарчашмаҳо ишора менамоянд, дар миёни қабилаҳои мухталифи араб, ки ҳанӯз дорои расмулхат набуданд ва асосан, забонашон забони шеъру суруд буд, ба вуҷуд омадааст. Вале замони ба шакли хаттӣ сурат гирифтани он низ, дақиқ маълум нест. Танҳо баъди пайдоиш ва густариши Ислом, махсусан, дар асрҳои VII-X мероси шифоҳӣ ва адабии ин забон ба шакли хаттӣ сурат гирифт[1].

Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи омезиш бо халқҳои ғайриараб, як зумра донишмандони ҷаҳонӣ ба вуҷуд омаданд, ки онҳо адабиёти «*арабизабон*»-ро ба майдон оварда, сабабгори бештар густариш пайдо кардани забони арабӣ гардиданд.

Забони арабӣ, яке аз забонҳои қадими Шарқ буда, дорои анъанаҳои бойи фарҳангнигорӣ мебошад. Як хусусияти фарқкунандаи забоншиносии араб ва махсусан, фарҳангнигории он дар қиёс бо халқҳои дигар ин аст, ки илми лексикография ё худ «фарҳангнигорӣ»,хамзамон бо падид омадани илми нахв (грамматика) густариш ёфт[2].

Чунонки аз илми фарҳангнигорӣ пайдост, вазифаи асосии фарҳангномаҳои хар як забон – ин тасвири захираи луғавии забони адабӣ, шарх ва тафсири маънои калимахо дар асоси истинод аз сарчашмахои мухталифи забон, муайян кардани ҳадду ҳудуди истеъмоли ин ё он вожа ва тафсири бархе аз паҳлуҳои шаклҳои грамматикӣ мебошад.

Фарҳангнигорӣ дар забони арабӣ замоне пайдо ва пешрафт намуд, ки ин соҳаи илм дар Аврупо ҳанӯз маълум набуд [3]. Яке аз ангезаҳои пайдоиш ва густариши ин соҳаи илмро, дар муҳити ба истилоҳ «*арабизабон*», метавон чунин шарҳ дод: густариши забони арабӣ дар қаламрави паҳншавии дини Ислом; пешрафти бемайлон ва пурҷӯшу хурӯши адабиёти арабизабон; истифодаи забони арабӣ чун забони илми қавму нажодҳои ғайриараб; ба вуҷуд омадани ду шохаи забон – забони адабии хаттӣ ва забони лаҳҷа сабабгори пайдоиш ва шукуфоии фарҳангнигории забони арабӣ дар тӯли қарнҳо гардид.

Дар таърихи лексикографияи араб фарҳангҳоро аз рӯйи мавзӯъ ба бахшҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: 1) луғатҳои тафсирии мукаммал; 2) луғатҳои мавзӯӣ ё худ соҳавӣ; 3) лугатномаҳои муродифӣ; 4) фарҳангҳои вожаҳои нодир; 5) луғатномахои иқтибосӣ; 6) луғатномахои тарҷумавӣ.

Аввалин луғатномаи арабӣ ба қалами забоншиноси машҳури араб, асосгузори илми арӯз Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ (тав. 786 м.) бо номи «*Китоб-ул-айн*» тааллуқ дорад. Калимаҳои забон дар фарҳанги Халил ибни Аҳмад аз рӯйи услуби овоӣ (фонетикӣ) мураттаб гардидаанд.

Ба сурати умум, фарҳангҳои зерин аз оғози пайдоиши худ ва то замони мо, дар пешрафти илми фарҳангнигории араб нақши арзанда бозидаанд ва то ҳанӯз дар ин ё он шакл равиши кори онҳо дар фарҳангҳои муосири тафсирӣ, дузабона ва тарҷумавӣ корбаст мегардад, ки намунаи онҳо аз ин қарор аст: «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ; «*Таҳзиб-ул-луға*»-и ал-Азҳарӣ (895-981); «*ал-Ҷамҳара фил луға*»-и Ибни Дурайд (834-934); «*Тоҷ-ул-луға ё Сиҳоҳ-ул-арабийа*»-и ал-Ҷавҳарӣ (ваф. 1007); «*Лисон-ул-араб*»-и Ибни Манзур (1232-1311); «*ал-Қомус ал-муҳит*»-и Фирӯзободӣ (1326-1414); «*Тоҷ-ул-арӯс*»-и Муртазо аз-Забидӣ (1732/33-1791) ва ғайра.

Адабиёт

1. Халидов А.Б. Арабские рукописи и арабская рукописная традиция. -М., 1987.
2. Средневековая персидская лексикография. -Л., 1991.
3. Белкин В.М. Арабская лексикология. -М., 1975.

ИФОДАҲОИ МАҶОЗИИ КИНОӢ ДАР АШЪОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙН

Аброров С.С. – ассистенти кафедраи филологияи Эрон ДМТ

Яке аз шигифтиҳои забон ифодаи вожа ё сухане аст, ки аз он метавон ҳам маънои ҳақиқӣ ва ҳам аз маънои маҷозии онро пай бурд. Ба ин гуна ифодаҳо истилоҳан «киноя» гуфта мешавад, ки дар мавриди он баҳсҳо ба дарозои қарнҳо идома дорад. Чунончи, баъзе аз балоғиюн кинояро шомили маҷоз ва маҷозро шомили киноя донистаанд. Зеро, киноя хусусияти духӯрагӣ дорад, яъне «... на ҳақиқати сирф аст, на маҷози сирф. Балки барзахест, миёни ҳақиқат ва маҷоз». ҲоҷӢҲусайн аз ин навъи ифодаҳо ниҳоят зиёд ба кор бурдааст. Мисол:

Ёди шанбе айши моро ***ҷоми заҳролуд*** *дод,*

Шуғли абҷадхонии мо ҳам дар дабистон кард манъ (211).

Дар ин байт ибораи ***ҷоми заҳролуд*** ба касе додан, ифодаи маҷозӣ аз барҳам задани хушиву сурур буда, калимаи ***ҷом*** метонимияи (маҷоз бо зикри зарфу иродаи мазруф) ***шароб*** аст. Аммо, чун сохтори ҷумла хароб шавад, берун аз матн ин ибора хусусияти маҷозии худро аз даст дода, ба ибораи озоди наҳвӣ мубаддал мешавад. Яъне метавонад ба маънии таҳтуллафзӣ – «ҷом ё зарфе, ки заҳролуду масмум аст», фаҳмида шавад. Ё дар ин байт: *Ҳоҷиро дӣ ба дари* ***хонаи ринди*** *дидам,*

Хирқа*ро дар гарави ҷуръаи* ***саҳбо*** *мекард (136).*

агар маънои маҷозии он дар назар гирифта нашавад, сахнае пеши рӯчилвагар мешавад, ки ба вуқӯъ пайвастани он имкон дорад. Дар мисраи аввал «***хонаи ринди***» таркиби изофии исмӣ буда, дар асл ба маънии ҷойи фисқу фуҷур ва одамони майхораву бедин - ҳамон ***харобот*** муқобили ***масҷид*** аст. Аммо, дар мафҳуми фалсафӣ ва орифона ҷойи ашхоси поку баргузидаи Худо, авлиёву сӯфихо аст, ки дар ашъори шуарои пешин аз қабили Санойӣ, Аттор, Ҳофиз, Мавлавии Балхӣ ва дигарон то Ҳоҷӣ дар ҳамин маънӣ ба кор рафтааст.

Дар мисраи дуюм калимаи «***хирқа***», либоси дарвешон; ҷомаи хосси сӯфиён ва як навъ рамзи соҳиби мақоми тариқат будан аст, шахси толиб бояд, марҳилаҳоеро тай кунад, то «***хирқапӯш***» гардад. Ҳоҷӣ дар байти мазкур, маънои маҷозии «***хирқа***»,

яъне мақому манзалати дар ин ҷода касб кардаашро ба як ҷуръа шароб дар гарав гузоштааст, ки «***саҳбо***» низ дар истилоҳи орифона ба маънии ***сухани гуворо*** низ омадааст.

Ин гуна ифодаҳои духӯра дар ашъори ҲоҷӣҲусайни Хатлонӣ бисёр ба назар мерасад. Чунончи, **шамъ** (киноя аз дилбар), **парвона** (киноя аз ошиқ), **мева** (маҷозан ҳосил, лаззат):*Шабе **шамъе** ба хилватхонае буд,*

*Ба тавфаш паркашон **парвонае** буд (454).*

Ваҳшати имкон на танҳо чашми мо пӯшида кард,

***Меваи** ин боғро пиру ҷавон нодида рафт (76).*

Хулоса, саноеъи бадеӣ ба манзалаи санги иёр, барои таъйини арзиши сухани ҳар суханофаре аст. Аз ин рӯ, ба ҳунару истеъдоди ҳар суханваре маҳз аз ҳамин зовия менигаранду баҳо медиҳанд. Ҳамон гунна, ки аз ин баҳс маълум мегардад, ҲоҷӣҲусайн дорои маҳорату истеъдоди баланди шоирӣ буда, саросари забони осорашро бо аносири адабию лафзӣ музайян кардааст.

АРЗИШҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ «МАФОТИҲ-УЛ-УЛУМ»-И ХОРАЗМӢ

Шайкарамова Н.М. – унвонҷӯйи кафедраи филологияи араби ДМТ

Дар асри IV ҳ. Муҳаммад Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ зери унвони «Мафотиҳ-ул-улум» асаре таълиф намуд, ки он ба Абулҳасани Атбӣ – вазири шоҳ Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ бахшида мешуд. Ин китоб аз зумраи асарҳои энсиклопедӣ буда, шарҳи мафҳум ва истилоҳоти илмии соҳаҳои гуногунро дар бар гирифта, барои дарки мавзӯву муҳтавои китобҳои соҳаи илми ноошно ба хонанда кӯмак мерасонад.

«Мифтоҳ-ул-улум»-и Хоразмӣ ду мақоларо дар бар мегирад, ки мақолаи якум аз шаш боб ва мақолаи дуюм аз нуҳ боб иборат аст. Муаллиф боби саввуми мақолаи аввалро махсусан, ба илмҳои забоншиносӣ бахшидааст, ки ин боб аз дувоздаҳ фасл иборат аст.

Муаллиф дар фасли аввали боби мазкур зикр менамояд, ки илми наҳв бо забони юнонӣ «грамматика» ва бо забони арабӣ «наҳв» номида мешавад. Пас, ӯ тақсимоти ҳиссаҳои нуткро дар забони арабӣ зикр намуда, воҳидҳои асосии грамматикӣ ва хусусиятҳои онҳоро аз нигоҳи мактабҳои грамматикӣ шарҳ додааст. Дар фасли дувум хусусиятҳои эъробии наҳви арабиро аз нигоҳи Халил ибни Аҳмад ва дар фасли савум хусусиятҳои эъробии забони юнониро зикр намудааст, ки аз ин фаслҳо метавон дараҷаи таъсири грамматикаи юнониро ба наҳви арабӣ таҳқиқ намуд. Фасли чорум ба шарҳи исмҳо бахшида шуда, муаллиф навъҳои гуногуни исмҳоро номбар карда, мисолҳо меорад. Масалан: سماء، ولقاء الاسم الممدود، نحو: (Исми мамдуд, мисли: само’, лиқо’). Дар фаслҳои панҷум, шашум ва ҳафтум муаллиф хусусият ва сабабҳои эъроби рафъ, насб ва ҷарро шарҳ додааст ва дар фасли ҳаштум атф, бадал ва сифат ба таври осон шарҳ ёфтаанд. Дар фасли нуҳум Хоразмӣ феълро ба чор навъ чудо намудааст: гузашта, оянда, ҳозира ва амр. Дар фасли даҳум ҳиссачаҳои насбкунандаи феъли замони музореъ оварда шуда, инчунин ҳиссачаҳое зикру шарҳ ёфтаанд, ки дар баъзе ҳолатҳо метавонанд феълро насб гардонанд ва дар баъзе ҳолат ба эъроби он таъсир намерасонанд. Дар фасли ёздаҳум ҳиссачаҳои ҷазмкунандаи феъли музореъ номбар ва шарҳу тафсил ёфтаанд. Фасли дувоздаҳуми

боби наҳв «ан-Наводир» ном дошта, игроъ (водоркунӣ), таъкид, зарф, узр, азо, асос (ъимод), ҷамъи солим ва ихтисор дар нидо мавриди шарх қарор гирифтаанд.

Бояд зикр намуд, ки услуби баён дар ин китоб содаву фахмо буда, муаллиф баъди шарҳи ҳар истилоҳ мисолҳо овардааст ва инчунин кӯшиш намудааст, ҳарчи муъҷаз сухан ронад ва барои хам мухтасару хам фахмо баён намудани мавзӯъ истеъдоди хосси худро истифода кардааст. Инчунин бояд қайд намуд, ки дар ин китоб маълумоти мухимму ҷолибе вуҷуд доранд, ки чи дар сохаи таърихи забоншиносӣ, чӣ дар соҳаи таъсирпазирӣ ва чи грамматикаи забони арабӣ, истилохоти забоншиносӣ метавонад, хамчун сарчашмаи илмӣ истифода шавад.

Адабиёт

1) Муҳаммад Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ. «Мафотиҳ-ул-улум». Дор-ул-китоб ал-арабӣ. –Бейрут, 1989.

НАМУНАИ РУБОИЁТИ АРАБИИ Ҷ.РУМӢ ВА МУҲТАВОИ ОН

Нуриддинова Ш.И. –н.и.ф., муаллими калони кафедраи филологияи араби ДМТ

Паҳншудатарин жанри адабиёти хаттиву даҳонии халқи тоҷик рубоӣ мебошад. Рубоӣ аз ду байт иборат буда, дар масъалахои гуногуни зиндагӣ, бо рухияи некбинонаи фалсафӣ эҷод мешавад. Рубоӣ ба мисли дубайтӣ аз чахор мисраъ иборат аст. Аз нуқтаи назари қофия ҳам рубоӣ ба дубайтӣ шабоҳат дорад. Аз ин рӯ, рубоиро бо дубайтӣ гохо омехта мекунанд. Дар асл рубоӣ ва дубайтӣ ду жанри мустақил ва қадимаи халқии лирикаи тоҷик мебошад. Аз нуқтаи назари вазн рубоӣ ва дубайтӣ дар як баҳр – ҳазаҷ гуфта мешаванд, аммо дар шохаҳои тамоман мухолифи ҳамдигар. Мисраъҳои дубайтӣ ҳамеша бо мафоӣлун огоз меёбад ва ҳеҷ гоҳ бо ҳиҷои дароз сар намешавад ва вазни ягона дорад- ҳазаҷи мусаддаси мақсур ё маҳзуф. Рубоӣ бошад, баръакс, асло бо ҳиҷои кӯтоҳ огоз намеёбад –рукнҳои аввали мисраъҳои он дар шакли ахрам ё ахраби баҳри ҳазаҷ сурат мегирад. Гоҳе ду ҳиҷои аввали мисраъҳо дароз мешавад, ки он ахраб (мафӯлу) ва гохо се хиҷои дароз мешавад, ки он ахрам (мафъӯлун) мебошад. Бо хиҷохои дароз оғоз ёфтани вохидхои сухан, боиси мутантану мухташам садо додани он мешавад. Рубоӣ аз ҷумлаи он жанрхои нодири лирикӣ ба шумор меравад, ки лавозимоти шаклии вай бо мундариҷаи ғоявиаш мутобиқат намудааст. Шарти асосии рубоӣ ин аст, ки дар он ягон масъала, ҳолат, қонуният тарзе баён мешавад, ки аз он натиҷаи ибратангез ҳосил шуда бошад. Агар барои дубайтӣ бештар ҷанбаи ҳиссӣ хос бошад, рубоӣ аксаран, хусусияти ҷанбаи ақлӣ (ратсионалӣ) дорад. Бешубҳа, дар рубоӣ ҳиссиёту ҳаяҷон ҳам баён мешаванд, аммо мавқеи онҳо нисбат ба андешаю мулоҳиза ва муҳокимаю хулоса маҳдуд мебошад. Қаҳрамони лирикии рубоӣ ҷанбаи куллӣ дорад – дар дубайтӣ ҷанбаи ҷузъӣ. Ҳар рубоие, ки фоили вай «ман» аст, аксаран, барои шакл буда, моҳияти куллиро ифода менамояд. Ҳама он ҷабхахои мавзӯӣ, вазну қофия ва санъатҳои бадеии рубоиро, ки дар боло зикр намудем, мекӯшем дар намунаҳои рубоиёти арабӣ ва форсии Ҷ. Румӣ дида бароем.

Мавлавии Балхӣ дар рубоиёти арабии худ масъалаҳои гуногуни ирфонро аз қабили фақру фано, ишқу вафо, ваҷду шавқ, авфу раҳмат, узру тавба, ваҳдати вуҷуд, бақои руху фанои тан, сафои дил, фалсафаи зиндагӣ ва амсоли онҳоро мавзӯи шеър қарор дода, аз диди орифонаи худ ҳаллу тавзеҳ медиҳад. Аз рӯйи мазмуну муҳтаво рубоиёти арабӣ ва форсии шоирро метавон ба ба ду гурӯхи асосӣ ҷудо намуд:

1. Рубоиҳое, ки ба тавзеҳи масъалаҳои назарии тасаввуф, чун фақр, араз,ҷавҳар тавҳид ва г. бахшида шудаанд.
2. Рубоиёти ишқии шоир, ки ҳадафи аслӣ аз ишқ - изҳори сидқу сафои солики роҳи Ҳақ ба маъшуқи яктои азалӣ мебошад.

Дар байни рубоиёти арабӣ ва форсии Мавлавӣ дар мазмуну мундариҷа, вазну қофия ва воситаҳои тасвири бадеӣ умумият дида мешавад. Шоир алфозу таъбироти хосси шеъри форсиро дар рубоиёти арабии хеш низ истифода намуда, ба онҳо руҳу равони форсӣ бахшидааст, ки шарҳи пурраи онро бо намунаҳо дар маърӯза ва мақола хохем овард.

Адабиёт

1. Куллиёти Шамс ё Девони кабир. Ҷузъи 8. Бо тасҳеҳи Бадеъуззамон Фурӯзонфар. –Теҳрон, 1341ҳ.
4. Шамси Қайси Розӣ. Алмӯъҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-Аҷам. Бо эҳтимоми Мударрис Разавӣ. –Теҳрон, 1338ҳ.

ТАСВИРИ НАВРӮЗ ДАР АШЪОРИ БУҲТУРӢ

Шодиев М. – дотсенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон аз қадимтарин ҷашнҳои мардуми эроннажод маҳсуб мешаванд ва онҳо то ба имрӯз бо як шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил мегарданд, Хосатан ҷашни Наврӯз, ки имрӯз ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтааст,дар тӯли ҳазорсолаҳо наврӯз чун иди фарорасии баҳор ва кишту кор ҷашн гирифта мешуд. Дар аҳди Сосониён ин ид аз чорчӯбаи як қавму мардум берун рафт ва барои аксари мардуми Шарқи Наздик ва Миёна ба ҳукми анъана даромад. Пайвандҳои фарҳангии миллатҳои мухталифи ҷаҳон, яке аз омилҳои муҳимми пешравии дониш ва тамаддуни башарӣ аст, зеро дар ин робита ҳар миллате ғайр аз он чи худ ба вуҷуд овардааст, аз самараи афкору тамаддуни дигар миллатҳо низ бархӯрдор ва баҳравар мегардад. Мисли он ки Эрони бостон аз Юнону Ҳинд ва арабҳо аз Эрон дар даврaҳои мухталифи таърихи худ, аз фарҳанг ва тамаддуни ҳамдигар таъсирпазир буданд. Ҷашни Наврӯз ва Меҳргон низ, аз суннатҳои эронӣ буданд, ки ибтидо аз аҳди Сосониён онҳоро арабҳо ҳам таҷлил мекардад. Дар садри ислом ҷашни ин аъёд коста шуд, вале бо ба сари ҳокимият омадани аббосиён, ки дар он хизмати мардуми эронӣ бузург аст ва девони хилофатро аҳли Хуросон пеш мебурданд, ҷашни Наврӯз ва Меҳргон дубора эҳё шуд, ҳатто дар сатҳи дарбориён. Ин ҷашнҳо ба унвони як суннат дар ашъори аксари шоирони аҳди аббосӣ, мисли Абу Нувос, Буҳтурӣ, Ибни Румӣ, Ибни Тамом, Ибни Муътаз, Шарифи Разӣ, Маҳёри Дайламӣ ва дигарон, дар робита ба ин ё он муносибат мунъакис гардидаанд. Ин мавзӯъ дар ашъори шоири хушсалиқаи араб Буҳтурӣ (206-285ҳ.)- Абу Ибода Валид ибни Убайд ибни Яҳё, ки маддоҳи халифа Мутаваккил буд, аз ҳама бештар мушоҳида мешавад. Буҳтурӣ умуман ба фарҳангу тамаддуни эронӣ таваҷҷуҳи хосса дошт ва аз он дар ашъораш зиёд сухан рондааст. Чунончи дар қасидаи синнияи худ ӯ кохи Хусрав (Кисро), меъмории бузурги аз подшоҳони сосонӣ барҷомондаро суруда, подшоҳони гузаштаи эронӣ ва тамаддуни волои онҳоро сано гуфтааст (ниг. Девони Буҳтурӣ,ҷ.2, с.985). Ҳамчунин, зикри азамати подшоҳон, ҷашнҳои бостонии форсӣ, маконҳо, хонадонҳои эронӣ ва ғайра дар ашъори вай ба чашм мерасанд. Дар қасидае, ки ба мадхи Ҳасан ибни Сахл сурудааст, дар зимни васфи Мехргон аз шоҳону гузаштагони эронӣ ёдовар шуда мегӯяд:

Иду обоика - л - мулуки зави-т-тиҷонӣ, Аҳли-н-нуҳа ва аҳли-л-хайри.

Мин Қубозӣ ва Яздиҷирди ва Файрӯз, Ва Кисро ва қаблаҳум Ардашир… (Девон ҷ.2,с. 886)

(*Ин ид, иди падарони бузургвори туст, ки тоҷи подшоҳӣ бар сар доштанд ва афроди оқил ва хайрхоҳ буданд. Ин ҷашн суннатест, ки дар замони Қуббоду Яздигурд, Фирӯзу Хусрав ва қабл аз ҳамаи инҳо, Ардашер барпо мегашт.*)

Ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон дар ашъори Бухтурӣ мавқеи чудогона дорад. Дар девони шоир мавзӯи Наврӯз нух маротиба ва Меҳргон дах маротиба омадааст. Дар яке аз қасидаҳояш, ки халифа Мутаваккилро мадҳ кардааст, баъд аз он ки Шом ва ободонии онро васф мекунад, аз Наврӯз зикр мебарад ва онро паёмрасони ин ободонӣ ва расидани соли хушу хуррам медонад:

Ва фи саннатин қад толаъатка суъудухо, Ва қобалака ан-нийрузу ва хува башируҳо (Девони Бухтурӣ,ҷ.2, с.944).

(*Билоди Шом имсол соли хушу хурраме дорад,*

Ва Наврӯз хабаррасони ин ободонӣ ва саодат аст.)

Бухтурӣ Наврӯзро оғози бедорӣ, ҷунбиш, оромиш ва зебоии табиат, расидан ба саодату хушӣ медонад ва ин ҷашнвораро ҳамешагӣ ва мондагор меҳисобад.

Чуноне ки мебинем, шоирони аҳди аббосӣ ва махсусан Бухтурӣ бештар таҳти таъсири тамаддуни шукуфои эронӣ буданд ва мазҳарҳои гуногуни ин тамаддунро дар ашъорашон инъикос кардаанд. Бухтурӣ гарчи эронинажод набуд, вале ҷашнҳои бостонии эрониёнро, ки намунае аз фарҳанг ва тамаддуни мардуми эроннажод мебошанд, бо ҷузъиёташон дар қолаби шеъри зебо дар ихтиёри хонанда қарор додааст.

Адабиёт

1. Девон ал- Бухтурӣ, Дор ал-Маъориф.-Миср, 1964.
2. Херш Муҳаммад Амин. Наврӯз фи –ш-шиър ал-аббосӣ, ҷомиат Куйя.
С.Сулаймонӣ. Муъҷам Сулаймонӣ аш-шомил арабӣ-тоҷикӣ. -Душанбе, ЭР-граф, 2010.

ИСТИЛОҲОТИИҚТИБОСИИМАРБУТБАОЙИНИ АЗОДОРӢВАМОТАМДАРЗАБОНИЯЗҒУЛОМӢ

Алиёров М.Р. – асситенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Таҳқиқутахлилвабаррасиипахлухоимухталифизабоншиносиитоҷикайнихолтал аботумеъёрхоибахудхосродорад.
Азинлихоз,омӯхтанубаррасӣнамуданиистилохотииқтибосӣвавижагиҳоионхоякеазҷан бахоимухимтаринизабоншиносӣмебошад. Зеро, истилохотииқтибосӣваворидшавиионҳобочандинвоқеаховуходисахоитаърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣробитаикавӣдошта, инунсурхобоисиинкишофугустаришизахираи (фонди) луғавиизабонимодарӣгардидаанд. Масъалахоиасосие, киинҷомавридибаррасӣқарормегирад, ин дараҷаитаъсиризабониарабӣбазабониточикӣваязғуломӣбуда, вазъиятииқтибосотиарабӣ, хусусиятҳоилуғавиюграмматикиионҳородарбармегирад.

Истилохотииқтибосотиарабие, кибазабониязғуломӣворидгардидааст, тавассутилуғатуфарҳангхоибо забони форсӣ ва точикӣ таълифшуда, аз қабили«Луғатифурс»-иАсадиТусӣ, «Фарҳангиҷахонгирӣ»-иҲусейниИнчу, «ФарҳангиРашидӣ»-иАбдуррашидиТаттавӣ, «Ғиёс-ул-луғот»-иМуҳаммадҒиёсуддинвагайратаҳқиқшудаанд.

Дар инҷо доир ба чанд вожаи азодорӣ ва мотам, ки дар забони язгуломӣ вучуд доранд, ишора менамоем.

Азо: мусибат, мотам. Азодор: мусибатдорӣ, мотамдорӣ, нудбат, маросими таъзия. Азонома: мотамнома, хати сиёҳ, таъзиятнома. Азопурсӣ: таслиятгӯчӣ, таъзиябаёнкардан, изҳориҳамдардӣ.

Ин калимаҳо чи гунае ки дар забони тоҷикӣ ба кор бурда мешаванд, дар забони язғуломӣнизҳамонмаъноҳороифодаменамоянд.

Дар забони язғуломӣ лафзи маркад ба маънои қабр зиёд истифода бурда мешавад. Масалан : timarqaduwanda (Қабри ту дар ин ҷо аст).

Баъзе ибораҳои фразеологиро дар забони язгуломӣ, ки оид ба азодорист, баён хоҳем кард: Nijenaybadaj(ман мемирам). Nijendaayest(чони маро мебарад) Nijenraayviga(ба ҷонам овардааст). Merthadakavfan – irohknawaskftatanaazobigrubehkabar (Мурда дар орзӯи кафани сафедаст, вале аз азоби гӯр бехабар).

Адабиёт

1. А. М. Алиев Язгуламские образнье вырожение.–Москва,институт языкознания 1997. 100с.
2.А.М. Алиев. Язгулямская фразелогия структурная и семантическая характерика .- Мос, 2001.128с
3.Т.Бередивая Назаряи иқтибос Душанбе, 1991.
4.Ҳофиз Убайдӣ. Туҳфат-ул-аҳбоб. Душанбе, Ирфон. 1992.
5.Мухаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-лугот. Иборат аз се ҷилд.-Душанбе: Адиб.1997.

«АСОС-УЛ-ИҚТИБОС»-И НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ ЯКЕ АЗ САРЧАШМАҲОИ МУҲИММИ ЗАБОНШИНОСИИ ФОРСУ ТОҶИК

Илёсов Ф.– ассистенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Насируддини Тӯсӣ (1201-1272) яке аз файласуфони бузурги форсу тоҷик буда, аксар илмҳои замонаашро аз худ карда, дар бахшҳои мухталифи улум асарҳои пуразише таълиф кардааст. Аз ҷумлаи асарҳои машҳури ӯ «*Асос-ул-иқтибос*» мебошад, ки ба зумраи асарҳои мантиқӣ - энсиклопедӣ мансуб буда, дар он баробари масоили асосии марбут ба мантиқ ба бисёре аз масъалаҳои забоншиносӣ таваҷҷуҳ карда, андешаҳои арзишманд баён кардааст, ки имрӯз ҳам арзиши хешро гум накардаанд.

«*Асос-ул-иқтибос*»-и Насируддини Тӯсӣ асари илмиест, ки бо забони тоҷикӣ (форсӣ) навишта шудааст. Яке аз мақолаҳои он, ки «Дар нисбати алфоз бо маонӣ» ном дорад, аз нигохи забоншиносӣ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Шарху маънидодхои муаллиф бештар ба илми лексиология наздикӣ дорад.

Ғайр аз масаъалаҳои лексикология дар «*Асос-ул-иқтибос*»- и Насируддини Тӯсӣ доир ба воҳидҳои наҳвӣ аз қабили, ибораю ҷумла низ,қайду ишораҳои муфид иброз доштааст.

Афкори забоншиносии Абӯалӣ Сино дар асриXIII дар асари Насируддни Тӯсӣ «Асос- ул - иқтибос» идомаю инкишоф дода мешавад. Муҳокимаю хулосаҳои ин донишманд дар мавриди вожашиносӣ аз диди мантиқӣ хеле қавӣ буда, барои инкишофу таҳаввули илми лексикология ва семасиологияи форсу тоҷик дар асрҳои миёна такони муҳим ба шумор мерафт, зеро муҳаққиқ моҳияти калимаро аз рӯйи он маъное муайян мекунад, ки дар муносибат ба ҳақиқати воқеӣ фаро гирифта шудааст.

Дар афкори мантиқии худ Насируддини Тӯсӣ калимаро аз диди семантикӣ ва саҳми наҳвиаш баррасӣ намудааст. Калима дар назари Насируддини Тӯсӣ сода ё таркибӣ мешавад. Калимаи сода калимаҳоеро медонад, ки яке аз ҷузъҳо мафҳумро ифода карда, ҳиссаи дигар ягон мафҳум, яъне маъноро мустақиман намефаҳмонад. Мисоли ин навъи калима «одам» (мардум) шуда метавонад. Аммо, ифодаҳои типи

«ин одам», ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ, калимаи таркибӣ аст. Вокеан, дар ифодаи навъи «ин одам» ҷонишини ишоратии «ин» вазифаи муайянкунандаи беизофаи ишоратиро адо карда, исми «одам» муайяншаванда аст, ки ба шахсе далолат мекунад. Аз назари Насируддини Тӯсӣ на фақат ибораҳои навъи «ин одам», «чунин одамон» калимаи таркибианд, балки ҷумла низ дар фахмиши ӯ калимаи таркибӣ мебошад. Насируддини Тӯсӣ - таъкид мекунад, ки калимаҳое ҳастанд, ки дар як мавриди калимаи сода бошанд, дар мавриди дигар таркибианд. Барои шарҳи ин ҳодиса калимаи «Абдуллоҳ»-ро меорад, ки ҳамчун исми хосси шахс сода буда, аммо ба маънии алоҳидаи «абд» (гулом) ва Аллоҳ чун калимаи таркибӣ шинохта мешавад.

Омӯзиши дидгоҳи забоншиносии Насируддини Тӯсӣ имкон медиҳад, ки ба таърихи афкори забоншиносии тоҷик ошно гардида, таърихи оғози ин илми асосии филологияро муайян сохта, пешрафт ва тағйиротҳои онро дар тӯли қарнҳои зиёд дар зери омилҳои объективӣ ва субъективӣ муайян созем.

Адабиёт

1. Насируддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос. – Теҳрон, 1323 ҳ.
2. Давлатбек Хоҷаев. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X–XVI - Душанбе, 2013.

ШИНОХТИ МАВЛОНО ВА ЭҶОДИЁТИ Ӯ ДАР ҶАҲОНИ АРАБУ АҶАМ

Каримова Д.Б. – ассистенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад ибни Баҳоуддин Валади Румии Балхӣ (1207-1273) аз бузургтарин чеҳраҳо ва аз беҳтарин газалсароёни беҳамтои адабиёти форсу тоҷик ва аз ахтарони пурҷилои олами маърифату ирфон ва аз муаддабони адабсарои ҷаҳонӣ ва аз ошиқони маъшуқи ло язолӣ эътироф гардидааст, ки дар олами ҳастӣ номи ҷовидона касб кардааст. Осори гаронбаҳои ин нобигаи қарнҳо бо тасаввуфу ирфон робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳарчанд намояндагони барҷастаи ин ҷараёни илмиву адабӣ ба мисли, Мансури Ҳаллоҷ, Абӯсаиди Абулхайр, Абдулмаҷди Саноӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ ва чанде дигарон пазируфта шудаанд, аммо мақоми Мавлоно Ҷалолиддин дар ин равия ногузир аст. Эҷодиёти насриву назмии оламшумулаш аз қабили, «Фихи мо фихӣ», «Мактубот», «Маҷолиси сабъа», «Маснавии маънавӣ» ва «Куллиёти девони Шамс» маҳсуб меёбанд, ки шухрати ҷаҳонӣ доранд. Таълифоти ин шахсияти барҷаста паҳлуҳои мухталифи рӯзгори аҳли башарро фаро гирифта, бо забонҳои мухталифи дунё дар саросари кишварҳои Шарқу Ғарб маҳбубияти беандоза пайдо кардааст ва таълимоти ин таълифотҳо маънавияти рӯхиву фитрии пайванди инсонхоро тақозо мекунад ва тамоми дину ойину мазҳабҳоро ба ҳамраъйӣ ва ҳамдилӣ мехонад. Ҳамин боис шуда, ки имрӯз низ дар ҷаҳони Арабу Аҷам шинохти Мавлоно ва асарҳои бебаҳои ӯ мақоми баланд доранд. Ва дар ин замина заҳмату талошҳои муҳаққиқони барҷаста, ки худ намояндагони фарҳангу адаби форсу тоҷик ва арабу аҷам ҳастанд ва Мавлоноро барои оламиён муаррифӣ кардаанд, назаррас аст. Он мавлавипажӯҳон ва донишмандон ба монанди, Бадеъуззамон Фурӯзонфар (Эрон), Абдулбоқии Ғулпинорлӣ (Туркия), Абдулҳусайни Зарринкӯб (Эрон), Абдулваҳҳоб Изом (Миср), Абдусалом Кафофӣ (Миср), Иброҳим Дасуқӣ (Қоҳира), Окуб Алӣ(Димишқ), Нидо Алӣ Ҳасун (Лубнон), Сайид Муҳаммад Ҷамоли Ҳошимӣ (Бейрут), Риналд Николсон (Англия), Радий Фиш, Э.М.Шиммел (Фаронса), Ҷеймс Редҳавс (Амрико), Винфулд, Ф.Луис ва чандин тани дигарон буданд, ки бо таҳқиқиқотҳои густурдаи хеш сохиби ҷоизахо гаштаанд. Дар ин миён таҳқиқоти донишмандони тоҷик, «Ҷаҳонбинии Ҷалолиддини Румӣ»-и Н.Одилов (1964), «Мавлавия ва таърихи таҳаввули он»-и Х.Зиёев (2004), «Ҷалолиддини Румӣ»-и Р.Ҳодизода (2007),«Сабки сухани Мавлоно»-и Ҷ.Сайидзода (2007),«Гулчини Маснавии Мавлавӣ»-и Т.К. Озарахш(2007), «Вожаномаи Маснавии маънавӣ»-и С.Назарзода, «Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ»-и А.Рахмонфар (2007), «Султони мулки сухан»-и Х.Кабиров

(2011) ва чандин китобҳову рисолаҳои илмиву докторӣ ва теъдоди зиёди маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба 800-солагии Мавлоно рӯйи чоп омадаанд, ки Мавлоноро барои хонандагони тоҷик беш аз пеш ошно сохтанд. Ҳамин тариқ, ҳамаи он касоне, ки ба таҳқиқи осори Мавлоно пардохтаанд, аз ҷумлаи адибону донишмандоне ҳастанд, ки бо забон ва фарҳангу адабиёти форсу тоҷик ошноӣ дошта, шахсияти беназири Мавлоноро инъикос кардаанд ва ё худ шефтаву мафтуни Мавлоно будаанд.

Адабиёт

1.Алӣ Ҳасун Нидо. «Ҷалолуддин Румӣ». Маҷаллаи «ал-Одоб-ул-аҷнабия»,- №78 Димишқ, – 1994.
2.Ассибоъӣ Муҳаммад. «Ҷалолуддин Румӣ байна Ибн Арабӣ ва Муҳаммад Иқбол ва тарҷумотиҳи ва диросотиҳи фил луғати-л-арабӣ».- Бейрут, - 2003.

ДИДГОҲҲОИ ФУРӮГ БА ВОЖАГОНИ ШЕЪР

Мансурова Р. – аспиранти кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Равоншод Фурӯги Фаррухзод дурдонае дар дили дарёи шеъри форсӣ дар қарин бистум ба шумор мерафт ва аз замони зухур дар арсаи шеъри муосир то кунун дар қалби ҳар як хонанда маскан гирифтааст. Фурӯги Фаррухзод дар даврони ҳаёти худаш чаҳор дафтари шеър эҷод намуд: «Асир», «Девор», «Исён» ва «Таваллуди дигар». Дафтари панҷуми ӯ пас аз маргаш нашр ёфт бо номи «Имон биёварем ба оғози фасли сард».

Дар ин панҷ дафтари хеш Фурӯғи Фаррухзод тавонистааст, ки дидгоҳҳои иҷтимоиву хиссӣ ва зохириву қалбии хешро бо шеър баён кунад. Аввалин асари ӯ «Асир» нишонгари ҳолу ҳавои зиндагӣ дар Эрон буда, ки Фурӯг худро дар чаҳорчӯбаи ин зиндон гирифтор мебинад ва мехоҳад бо ишқ худро аз ин зиндон бирахонад. «Девор» дувумин асари ӯ мебошад, ки дар он Фурӯғ ишқро ҷустуҷӯ мекунад ва дар такя ба вожагони ишқӣ дар шеъри худ ба худ оромӣ мебахшад. Фурӯғи Фаррухзод дар «Исён» бар масъалаи гунох назар меафканад. Асораи ашъори вай дар ин дафтар, озодиро ироа ва тасмим мекунад. Дар «Таваллуди дигар» воқеан мушохида мекунем, ки Фурӯғ ба таваллуди дигар даст ёфтааст. Дар ин маҷмӯа ӯ нишон медихад, ки то ба кадом андоза аз хуввияту амнияти иҷтимоӣ ва бехудагии зиндагӣ огоҳ аст.

Фурӯг дар зиндагӣ танҳо ба «ишқи зебо» машгул набуд, балки ончиро ки дар хиёбонҳову кӯчаҳо ва хонаҳову дилҳо мегузарад, васф мекард ба назм медароварда ва воқеиятҳоро дар тасвирҳо ироа мекард. Сароянда зане аст, ки дӯстдори содагиву самимияту ишқ. Шеъри Фурӯг дар ҳадди таҳаввули хеш намудоре аст аз орзуи робитаи бевосита дар кулли зиндагӣ. Ӯ ҷӯяндаву озмоишкунандаи ноорому тугёнӣ аст, ки саропо шӯру шавқ ва талабу орзумандӣ ва тамоми эхсосоти хешро бо вожагони шеър тасвир намуд.

Зимнан бояд гуфт, ки дидгоҳҳои назарии иҷтимоиву ҳиссӣ ва зиндагии Фурӯғи Фаррухзод бо вожагони шеър пайванду тасвир ёфта, дар ашъори муосири Эрон ҷойгоҳи махсуси хешро ишгол намудааст ва дар ашъори он масъалаҳои гуногун баррасӣ шудааст, ки осори он тадқиқу баррасиҳои нав ба навро талаб мекунад ва дар ҳар тадқиқ розҳову тасвирҳои тоза ба тоза падидор мегардад.

Адабиёт

1. آژند ، ی ، ادبیات نوین ایران ، تهران ، انتشارات امیر کبیر،1363. 35صه.
2.اسماعلی، امیر؛ فروغ فرخزاد.تهران: بهنود، 1380. 15-24 صه.
3. ادای دین به فروغ فرخزاد (قصهٔ فروغ)؛ خسروشاهی جلال. تهران: مؤسسهٔ انتشارات نگاه،1379. 54 صه.
4. اخوان ثالث، م. ،حریم سایه های سبز، ، به کوشش مرتضی کامی،تهران،انتشارات زمستان ، 1373 .14صه.

5. دیوان فروغ فرخزاد به کوشش بهمن بناروانی، انتشارات طلایه، 1381. 24،30 صه
6. شمیسا،سیروس،نگاهی به فروغ،انتشارت مروارید، تهران ،.1376
7. فرخ زاد، فروغ، دیوان اشعار فروغ فرخزاد، چاپ دوم، انتشارا ت شقایق،1380. 76صه.

ФАЪОЛИЯТИ АДАБӢ ВА ОСОРИ МАҲМУД ТЕМУР (1894-1973)

Додихудоев Р. – аспиранти кафедраи филологияи араби ДМТ

Дар адабиёти араб касоне, ки алоқаманди роман ҳастанд, номи яке аз хонаводаҳои машҳури курднасли мисрӣ, хонаводаи Темуриҳоро шунидаанд.

Махмуд Темур дар адабиёти муосири араб ва бавижа адабиёти муосири Миср, бо вуҷуди густурдагии соҳаи фаъолияти худ бештарин муваффақият ва шуҳратро аз ҳикояи кӯтоҳ ё новеллаҳои баландмазмун ва роман ёфта, ба қавли Тоҳо Ҳусайн ӯ дар рушду пешрафти соҳаи ҳикоянависии араб, саҳми босазое дорад. Вақте, ки Маҳмуд Темур фаъолияти эҷодии худро сар кард, жанри новеллаи арабӣ аввалин қадамҳои ноустувори худро мегузошт. Махмуд он навелларо мисли кӯдак навозиш мекард ва онро солиму устувор сохт.

Маҳмуд Темур рӯзноманигори машҳур буда, мақолаҳои бисёре низ дар мавзӯъҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ дар рӯзнома ва маҷаллаҳо менавишт. Осори Маҳмуд Темур бо забонҳои фаронсавӣ, англисӣ, олмонӣ, итолиёӣ, ибрӣ, қафқозӣ, хитоӣ ва рӯсӣ низ тарҷума гардидаанд.

ГУЛЕРӢ ВА ҲИКОЯИ Ӯ «ВАЙ ГУФТА БУД»

Раҷабов Ҳ. –д.и.ф., профессори кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Чандрадҳар Шарма Гулерӣ дар таърихи адабиёти ҳиндӣ на бо романҳои бузургҳаҷм, на бо шумораи зиёди ҳикояҳо, балки бо иншои ҳамагӣ якчанд ҳикоя, аз ҷумла бо ҳикояи овозадори худ - «Вай гуфта буд» ниҳоят машҳур шудааст. Гулерӣ инчунин дар жанри очерк, ки дар адабиётшиносии ҳиндӣ «нибҳанд» мегӯянд, қувваозмоӣ карда, муваффақ ҳам шудааст, вале очеркҳо ҳарчанд қимате дошта бошанд ҳам, ҳарчанд адибро дар қатори очеркнависони маъруфи ҳиндӣ шомил карда бошанд ҳам, ӯро то он дараҷае, ки ҳикояҳо бо қадр кардаанд, бурда натавонистаанд. Ҳикояи «Вай гуфта буд» чигуна ҳикоя аст, ки номи муаллифро машҳур ва дар адабиёти асри XX назаррас сабт кардааст? Ба ин савол пас аз он, ки роҷеъ ба зиндагии адиб камтар маълумот медиҳем, бармегардем. Бо вуҷуди ҳамин қадар машҳур шудан, (сухан бештар дар атрофи ҳикояи «Вай гуфта буд» меравад) роҷеъ ба ҷараёни зиндагии ин адиб маълумот ниҳоят кам мебошад. Адабиётшиноси маъруфи Ҳинд Шивадансинҳ Чауҳан (тав. 1918) дар китоби «Очерки таърихи адабиёти ҳиндӣ» дар мавридҳои гуногун Гулериро борҳо ба ёд овардааст, вале бояд зикр кард, ки оид ба ҷараёни зиндагии адиб ҳеҷ чиз нагуфтааст. Бештар мақоми ӯро дар адабиёти ҳиндӣ ва ҳунари асарофарии ӯро ба инобат гирифта, баҳо додаст. Роҷеъ ба баъзе нуктаҳои фаъолияти Гулерӣ зарур аст таваққуф намоем. Шивадансинҳ Чауҳан ҳамин қадар ёдовар шудааст, ки Гулерӣ дар солҳои 1883-1922 умр ба сар бурдааст. Соли 1984 дар Деҳлӣ маҷмӯаи ҳикояҳои Пандит Чандрадҳар Шарма Гулерӣ чоп шуд, ки «Ҳикояҳои ҷовидонаи Гулерӣ » («Gulerikiamarkahaniyan») ном дорад ва се ҳикояро дар бар мегирад. Ҳамин се ҳикоя ба адиб умри ҷовидона бахшидаанд. Адабиётшиносони ҳиндӣ ҳамин се ҳикояро дар назар дошта, Гулериро бузургтарин ҳикоянавис номидаанд ва ӯро дар паҳлуи намоёнтарин ҳикоянависони асри XX номбар мекунанд. Бояд зикр кард, ки китоби номбурда бо вуҷуди ҳаҷми хурд

доштан, бо дар бар гирифтани баъзе маълумотҳои дақиқ ва чанд андешаи судманди адабиётшиносони варзидаи Ҳиндустон фарқ мекунад.

Мо ба як ҳикояи ҳамин мачмӯа, ки «Вай гуфта буд» ном дорад, назари андеша хоҳем кард. Ҳикояи «Вай гуфта буд» мавзӯи чангро дар бар гирифтааст ва чанге, ки хазорхо фарсанг аз Ҳиндустон дур дар қаламрави Аврупо чараён дорад.

Адабиёт

1.Пандит Чандрадҳар Шарма Гулерӣ. Gulerikiamarkahaniyan. Деҳлӣ , 1984

ИСТИЛОҲОТИСИТОРАШИНОСӢДАР «АҶОИБ-УЛ-МАХЛУҚОТВАҒАРОИБ-УЛ-МАВҶУДОТ»-ИЗАКАРИЁИҚАЗВИНӢ

Саидов С.– ассистенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Истилоҳоти ҳар илме ҳамчун калиди он муаррифӣ мегардад, ҳамин аст, ки осори гузаштагони мо саршор аз истилоҳот буда, ҳатто дар робита ба истилоҳу истилоҳофаринӣ китобҳои чудогона тадвин намудаанд. Яке аз чунин китобҳое, ки нахустин истилоҳоти форсии тоҷикиро дар робита ба илмҳои асримиёнагӣ дар худ фаро гирифтааст, китоби Абӯ Абдулло Закариё ибни Муҳаммади Қазвинӣ, таҳти унвони «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот» мебошад. Асари мазкур, ки умдатарин мавзӯоташ ба сохаи кайхоншиносӣ тааллуқ дорад, мухимтарин истилоҳоти кайҳонишиносиро фаро гирифтааст. Закариёи Қазвинӣ дар ин асари худ оид ба кайҳон ва чирмҳои осмонӣ, ҳаракати сайёраву ситораҳо маълумот додааст. Инчунин, дар асари мазкур дар мавриди фаслҳои сол, замин, кӯҳҳо дарёву баҳрҳо, боду борон, набототу хайвонот ва гайра маълумот дода шуда, китобро бо назардошти алифбо мураттаб намудааст.

Китоби «Аҷоиб-ул-махлуқот ва гароиб-ул-мавҷудот»-и Закариёи Қазвинӣ бо ду забон: арабӣ ва форсӣ таълиф шуда, дар рушди истилоҳоти соҳаҳои гуногун, аз чумла кайхоншиносӣ, дар забони форсии тоҷикӣ ва дар забони арабӣ нақши бузург дорад ва то ҳол миқдори зиёди истилоҳоти кайҳоншиносие, ки дар асари мазкур чой дорад, дар забони тоҷикӣ мавриди корбурд қарор мегирад. Аз чумлаи истилохоте, ки дар «Аҷоибулмахлуқот ва гароиб-ул-мавҷудот» вуҷуд дорад ва дар забони тоҷикӣ ба таври назаррас ба кор бурда мешаванд, инхоянд: «кахкашон» «бурҷи хамал», «бурҷи савр», «бурҷи саратон», «бурҷи асад», «бурҷи сунбула», «бурҷи мизон», «бурҷи хут», «бурҷи далв» ва монанди инҳо.

Муаллиф тавонистааст, ки ҳатто калимаҳое, ки муодили форсии тоҷикӣ надоранд, онҳоро як навъ тобиши форсии тоҷикӣ бахшад. Ба монанди, калимаҳои «фарас-ул-аъзам», «кавкаб-уд-делфин», «кавкаби пари Сиёвуш», «кавкаб-ул-уқоб», «бурҷи исноъашра» ва гайра.

Аммо, як қисмате аз ин истилоҳот, ки бештар калимаҳои иқтибосии арабӣ мебошанд, камистеъмоланд ва ё аз доираи истеъмол дар забони тоҷикӣ баромадаанд. Масалан, калимаҳои «хусуф» (гирифтани моҳ) , «кусуф» (гирифтани офтоб), «қавсу қузаҳ» (тиру камон), «кавкаб-ул-гуроб» (сайёраи зог), «кавкабу-т-тиннин» (сайёраи аждахо) «кавкаб-ул-мичмара» (сайёраи лахча), «бурҷи тавоим» (бурҷи дугоникхо) ва гайра.

Хулоса, бояд гуфт, ки асари «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот» фарогири истилоҳоти зиёди кайҳоншиносӣ буда, омӯзишу баррасии он метавонад дар тоҷикӣ кардани истилоҳоти ситорашиносии муосир мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Закариёи Қазвинӣ. Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот.- Теҳрон, 2003

ЁДДОШТНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ АРАБ

Саҷҷодӣ М. – аспиранти кафедраи филологияи араби ДМТ

Ёддоштҳо яке аз анвои жанри адабӣ буда, марбут ба шарҳи зиндагии як ё якчанд шахсият мебошад. Ва мумкин аст, ки муфассалу кӯтоҳ ва аниқу сатҳӣ бошад, ки бастагӣ ба аср дорад. Ёддошт ё шарҳи ҳол бозофари симоҳои барҷастаи зиндагии воқеӣ бо ёрии сарчашма, хотира ё ҳар гуна шахс имконпазир аст.

Дар воқеъ арабҳо ва мардуми мусулмон ба нигориши жанри ёддоштҳо, ёддоштҳои бузургон ва ёддоштҳои донишмандон таваҷҷуҳи бисёр дошта, барои пешрафт, табақабандӣ ва тартиби он кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Ёддоштнависӣ дар адабиёти араб собиқаи дерина дошта, то имрӯз бисёр китобҳо дар ин замина навишта шудааст. Ин шоха дар адабиёт ва ислом чандон риштае дорад, ки бархе аз сураҳои Қуръони карим монанди, сураҳои «Юсуф», «Нӯҳ», «Каҳф» ва «Ҳуд»-ро метавон сурахои ёддоштӣ номид.

Сирраи пайгомбори ислом нахустин ва қадимтарин ёддоштхои исломӣ ва васеътарини онхо ба шумор меравад.

Асри ҳозир дар баробари ин жанр, ки дар адабиёти араб қадимтарин маконро дорад, бидуни вокӯниш намонд ва ёддоштнависони муосир таҳти таъсири равишҳои гарбӣ аз назари таҷзия, таҳлили шахсиятҳо, баёни таъсири омилҳои руҳӣ ва иҷтимоӣ дар онҳо ба ин жанр ранг ва ҷилваҳои дигар бахшиданд. Ёддоштнависон вобаста ба шароити замонӣ ва иҷтимоӣ ба мутолиаи ёддоштҳои худнавишт аз назари мизон, татбиқи онҳо ба муҳити худ, ҳамчунин ба муқобили ривоятҳо барои равшан шудани ҳақиқат бо дар назар гирифтани сабки нигориш ва шеваи баёни фикр, тасвири воқеии ҳақиқат ироа дода, ба таълифи ёддоштҳо пардохтанд. Бархе аз адибони муосир ба нигориши сирраи гузаштагон аз миёни бузургони араб ва мусулмонон пардохта, онро ба равиши тозае баргардонданд.

Дар ёддоштҳои худнавишт нависанда шарҳи ҳоли худро ба риштаи таҳрир дароварда, ба нақли ҳодисаҳои зиндагиву осори худ мепардозад. Аз рӯзҳои кудакӣ, ҷавонӣ, пирӣ ва он чӣ бо ӯ рӯйдодаст, нақл мекунад.

Дар фосила миёни нависандаи табақот ва ёддоштнависони нахустин, сирра ва ёддоштхои асри хозир таърихи пурбору дурахшон ва тӯлонӣ ҷараён доштааст. Таърихи ин жанри адабӣ даҳҳо асрро дар бар мегирад.

Адабиёт

1). Ёддоштҳо. Муҳаммад АбдулганӣҲасан. Тарҷумаи Амир Замирӣ. -Теҳрон1342.
2). Фарҳанги зиндагиномаҳо.-Теҳрон 1347.

НАВПАРДОЗӢ (НЕОЛОГИЗМ)-ҲО ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АРАБӢ ДАР АСОСИ «АЛ-МУЪҶАМ АЛ-АРАБӢ АЛ-АСОСӢ»

Тураев А. – ассистенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Неологизм калимаи юнонӣ буда, аз «neo»-нав ва «logos»-калима гирифта шуда, дар забоншиносии муосир калима ва ибораҳоеро мегӯянд, ки дар асоси захираи луғавии худи забон, ба бархе аз калима ва иборахои он бо тақозои равандхои ҷомеаи башарӣ маънои нав дода мешавад, ки пештар дар забон вуҷуд надошт.

Навпардозихо ё худ неологизмхо, чуноне гуфта шуд, дар алоқамандӣ бо тағйирот ва пешрафти ҷомеаи башарӣ падид омада, яке аз роххои бой гардонидани забони адабӣ тавассути захираи луғавии худи забон мебошад.

Ҳарчанд навпардозихо дар тӯли таърихи вуҷуди хар як забон аз қадим вуҷуд доштанд, вале дар асрҳои баъдина ин падидаи забонӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии донишмандон қарор гирифта, яке аз сарчашмахои боэътимоди ғанӣ сохтани забони адабӣ ба хисоб меравад.

Дар забоншиносии араб ин масъала дар солҳои охир мавриди таҳқиқи забоншиносон ва махсусан, лугатнигорон қарор гирифта, дар асарҳои онҳо ин мавзӯъ ба сурати мушаххас ишора мегардад.

Ин истилох дар забоншиносии араб бо номхои «мухдас»-навсохташуда, «муваллад»-сохташуда, «истиъмол ҷадид»-тарзи нави истифода баён гардида, дар фарҳангҳои нав махсус ишора мегардад.

Ҷойи тазаккур аст, ки ин истилоҳи тозабунёдро бо истилоҳҳои «муарраб»-арабишуда ва «дахил»-бегона, ки мақсади асосӣ аз онҳо калимаҳои бегонаи ба забони арабӣ дохилгардида ва ба қоида ва қонунҳои вай тобеъшуда, ҷудо кардан лозим аст.

Мо таҳқиқи худро дар асоси яке аз фарҳангҳои муосири тафсирии забони арабӣ «Ал-Муъҷам ал- арабӣ ал-асосӣ» анҷом додаем.

Аз он чо, ки навпардозиҳо дар забони арабӣ дар асоси калимасозии забони арабӣ сохта мешаванд, мо навъҳои мухталифи навпардозиҳоро, ки аз навъҳои мухталифи феъли забони арабӣ ба вуҷуд омада, дар калимасозии забони арабӣ фаъолона ширкат меварзанд, ихтиёр кардаем ва намунаи чунин навпардозихо аз ин қарор аст:1) «имтиҳонун»-санҷиш, имтиҳон; 2) «аҷҳаза»-сақт кард, бача партофт; 3) «букойиа»-марсия; 4) «байдавӣ»-тухмшакл, гирд ва гайра, ки чун калимаҳои нав дар забони арабӣ дохил гардиданд.

Дар мақола роххои мухталифи пайдоиш ва густариши навпардозихо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси маводи таҳқиқшуда хулосаҳои мушаххас бароварда шудааст.

Хулоса, навпардозӣ дар забони арабӣ як падидаи забонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буда, яке аз роххои боэътимод ва самараноки бой гардонидани забони муосири арабӣ аст.

СОХТ ВА МУҲТАВОИ ФАРҲАНГИ «АНҶУМАНОРОИ НОСИРӢ»

Одинаева Ш. – аспиранти кафедраи филологияи араби ДМТ

Зимнан бояд гуфт, ки сохту муҳтавои фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» бо сохту муҳтавои фарҳангҳои пешин, алалхусус, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ» қариб як буда, дигаргунӣ танҳо зимни шарҳи баъзе масъалаҳои лугавӣ ва грамматикӣ дида мешавад.Чун ин фарҳанг дар пайравӣ ба «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ» навишта шудааст, муқаддимаи фарханг бо муқаддимаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ» шабоҳатдошта, муаллиф кӯшиш кардааст, ки ба хатохоиинлуғатхоислохдарорад. Дарфарханг 16 хазоркалимаюиборабариояитартибихарфхоиалифбочойдодашудааст.
Муаллифхарфаслифарҳангробономи«анҷуман»вабобхоидохилашробономи«намоиш »мавсумдонистааст. Ӯшакликалимаҳороазрӯйикалимаҳоиҳамвазннишондода, бомуродифутазодхояшоншархутавзехдодааст.
Хотимаифарҳангазибораюкиноётваистиоротиборатбуда,
киазрӯйитартибиалифбобафаслхобономи«пероиш»тақсимшуда,
азосориадибонифорсуточикмисолҳооварда шудааст. Муаллиф дар муқаддимаифарҳангякқаторсарчашмахоро, чун«Шарафнома»-иМунярӣ, «Маҷмаъ-ул-фурс»-иСурурӣ, «МеъёриҶамолӣ»-иМирҶамолиддин, «ФарҳангиЧаҳонгирӣ»-иҲусайниИнҷу, «ФарҳангиРашидӣ»-иАбдуррашидиТаттавӣ», «Бурҳоникотеъ»-иМухаммад ҲусайниХалафиТабрезӣ, «Бурхоничомеъ», «ФарҳангиДасотир», луғати«Шохнома», кионроМухаммадТусииАлавӣ 300 солпешаз«Анҷуманоро»дарИсфахонгирдовардабуд, «Махзан-ул-адвия»-иШохидиСодиқ, «Муъҷам-ул-булдон»-иЁкутиҲамавӣ, «Тухфа»-иҲакимиМуъмин, таърихи «Ҳафтиқлим», луғоти«Вассоф», луғоти«Бароҳин-ул-аҷам»валуғоти«Дабистон»овардааст.
Сабабиасосиитаълифиинфарҳангдарташхисутасхехилуғотипорсӣваислохибархеазкал

имаҳоилуғавие, кисоҳибони«ФарҳангиҶаҳонгирӣ»ва«БурҳониҚотеъ» дар луғаташондастдодаанд, дидамешавад.

Зимни омӯзиши фарҳанги«АнҷуманороиНосирӣ»баррасииякқатормасъалахоимухиммифонетикивуле ксикӣвагрaмматикиизабониточикӣбаназармерасад, киинбароиташаккулупешрафтизабоншиносиимуосириточикахамияти бештар дошта, сарчашмаи муътамади таърихӣ низ ба хисобмеравад.

Бояд қайд кард, ки қайдҳои лексикию грамматикии ин фарҳанг маводи асосии илмӣ ба ҳисоб рафта, барои лугатнигории асрҳои баъдина замима гузошта аст.

Адабиёт

1.Муҳаммад Ғиёсуддин.Ғиёс-ул-лугот.-Душанбе, 1987.Ҷ.1.-480с.
2.Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон.Бурҳони қотеъ.-Душанбе,1993.Ҷ.1-416с.
3.Рауфов Ҳ.Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи форсу тоҷик.-Душанбе.
4.Ризоқулихони Ҳидоят. Фарҳанги «Анҷуманороі Носирӣ».-Теҳрон, 1870.-756с.

«КИТОБ АЛ-ҶУМАЛ» АВВАЛИН САРЧАШМАИ АСОСИИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Яқубов Т. – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Таърихи ҳар илм ва пешрафту дастовардҳояш аз осору таълифоти соҳаи он вобастагии калон дорад. Ба илми забоншиносии араб низ, миёни дигар илмҳо олимони соҳаи мазкур ва осори таълифнамудаи онҳо шуҳрати беандоза бахшид. Агар ба таърихи ин илм назар андозем, мебинем, ки ҳанӯз аз замони пайдоиши худ (асрҳои 7-и мелодӣ) то имрӯз забоншиносон садҳо ва ҳазорҳо таълифоти грамматикӣ навиштаанд, ки зери пажӯҳишу омӯзиши олимони минбаъда қарор доранд. Яке аз машҳуртарин осори наҳвиин соҳа «ал-Китоб»-и Сибавайҳ, «Китоб ал-айн»-и Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ, «ал-Муқтазаб»-и ал-Мубаррид ва дигарон маҳсуб меёбанд. Мутахассисон бар он назаранд, ки «ал-Китоб»-и Сибавайҳ аввалин ва барҷастатарин сарчашмаи грамматикии забони арабӣ ба шумор меравад, ки асоси ташкилёбии грамматикаи забони арабӣ ба он вобастагӣ дорад. Ҳамин асар буд, ки забони арабиро ба системаи муайян даровард ва қисматҳои забони мазкурро муайян намуд.

Сибавайҳ яке аз шогирдони Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ ба шумор меравад ва аз афкори забоншиносии ӯ хеле васеъ истифода бурдааст. Аммо, иллати асосии китоби грамматикӣ маҳсуб нагардидани «Китоб ал-айн»-и ӯ дар он аст, ки он фарҳанги забони арабиро мемонад. Аз ҳамин сабаб, сарчашмаи асосӣ ва аввалӣ «ал-Китоб» дониста шуд. Дар ин қисмат ихтилофи назар вуҷуд надорад. Аммо ихтилофи асосӣ дар он аст, ки Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ ба гайр аз «Китоб ал-айн» асари дигаре бахшида ба грамматикаи забони арабӣ таълиф намудааст, ки бо номи «Китоб ал-ҷумал» маъруф аст. Перомуни номи асар суханҳо гуногун мебошад. Бархе онро бо номи «ал-Ҷумал», бархеи дигар бо номҳои «Вуҷуҳу-л-эъроб», «Вуҷуҳу-н-насб», «Ҷумлату олоти-л-эъроб»ва гайра номгузорӣ намудаанд. Ибни Масъар ал-Муфаззал ибни Муҳаммад ал-Маарриӣ (соли вафоташ 442 ҳ.) вақте ки аз Абӯбакр ибн Шуқайр (соли вафоташ 317 ҳ.) ёдовар мешавад, мефармояд: асаре бо номи «ал-Ҷумал» дорад, ки ба ал-Фароҳидӣ низ мансуб дониста мешавад. Ин матлабро Ёқути Ҳамавӣ низ, вақте аз таълифоти ал-Фароҳидӣ ёдовар мешавад, қайд менамояд, ки ӯ асаре бо номи «Китоб ал-ҷумал» дорад ва Ибни Масъар онро моли Ибни Шуқайр медонад.

Умуман, дар таърихи илми забоншиносии араб то охири асри 4-и ҳиҷрӣ чор асаре бо номи «ал-Ҷумал фи-н-наҳв» маъруф аст, ки яке аз ал-Фароҳидӣ, дигар аз Муҳаммад ибн ас-Сарий ибн ас-Сироҷ (с. ваф. 316 ҳ.), савумин аз Абдурраҳмон ибни Исҳоқ аз-Заҷҷочӣ (с. ваф. 337 ҳ.) ва чорумин аз Ибни Холвейҳ (с. ваф. 370 ҳ.)

Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ дар асари худ «Китоб ал-ҷумал» масъалаҳои забониро ба инобат гирифта, онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ӯ аз эъроби забони арабӣ огоз намуда, ҳар яки онро дар фаслҳои алоҳида мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад. Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ ҳангоми таҳлили эъробҳо аз эъроби

насби забони арабӣ шурӯъ менамояд. Муаллиф 50 ҳолати насбшавии калима (мафъул, масдар, ҳол, зарф ва гайра), 20 ҳолати рафъшавии калима (фоилу ноиби фоил,мубтадову хабар, исми «кона», рафъшавӣ бо «аллазӣ, мо ва ло», рафъ бо ҳиссачаи «ҳатто», «ҳал ва ахавотуҳо») 8 ҳолати ҷаршавии калима (баъди пешоянди «ан ва ахавотуҳо», маҷруршавӣ бо изофа) ва 10 ҳолати ҷазмшавии калимот (ҷазмшавӣ бо амру нахӣ ва хиссачаҳои шартӣ, ҷазмшавӣ бо хиссачаи «лам ва ахавотуҳо» ва дар ҳолати вақф)-ро дар забони арабӣ баён месозад.

Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ баъди баёни эъроби забони арабӣ ба шарҳи хиссачаҳои алохида мепардозад, ки дар маколамуфассалдарҷёфтааст.

Адабиёт

1. Умар Ризо Каҳҳола. Муъҷам ал-муаллифин. -1993.
2. Халил ибн Аҳмадал-Фароҳидӣ. Ал-Ҷумалфи-н-наҳв. -1985.

САБК ВА ҲУНАРИ НАВИСАНДАГИИСАЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ
(дар мисоли "ДОҒҲОИ ОФТОБ")

Мусулмонова Ш. – унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрон

Сабку ҳунари нависандагии С.Р. Афардиро мебояд дар асарҳои офаридаи ӯ «Падруду пайгом», «Дурӯги сафед», «Васвасаҳои зикривайҳ», «Догҳои офтоб», «Чашми сахар» ва ғ. ҷустуҷӯ кард.

Қудрати нависандагии С.Р. Афардӣ дар эҷоди қиссаҳояш масъалае аст, ки бояд мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор бигирад. Ӯ барои офаридани як қисса, заҳмати зиёд мекашад ва саъй мекунад, ки аз ибтидо, то интиҳо қиссаро хуб ба поён бибарад. Ӯ бо ин вижагӣ тавонист бархе аз дилпазиртарин достонҳои кӯтоҳи тоҷикиро ба вуҷуд оварад, ба монанди «Догҳои офтоб», ки насраш бисёр равону зиндааст ва саршор аз киноятҳо, таъбироту мардумгуфтаҳои омиёна ва ҷумлаҳои кӯтоҳ, ки зебоии табиии хоссе дорад.

Осори С. Р. Афардӣ ҳамагӣ ба наср навишта шуда, вале гоҳо насраш шеъргуна гуфта шудааст. Чунончи:

«...Ва бобоям турнаҳо дар багал ба замин сар фурӯ меоварад, болои ҷойнамози бибиям, дар домани бибиям саҷда мекунад...

Ва ҳар ду...

...Ва ҳарду дар ҷойнамози бибиям аз сидқ саҷда мекунанд.

...Ва ҳар ду дар як ҷойнамоз ниёиш мекунанд.

...Ва ҳар ду дар рӯйи як ҷойнамоз нолиш мекунанд.

...Ва турнаҳо муаллақ мемонанд...

...Ва ман аз миёни турнаҳо мегузарам...» [1, 33].

С. Р. Афардӣ дар осори худ аз истилоҳоти омиёна, аз забон ва гуфтори тӯдаҳои мардуми тоҷик истифода кардааст.

Агар гӯем, ки сабк ва ҳунари нависандагии С. Р. Афардӣ дар ҳақиқат шиносандаи холи ӯст, иштибох накардаем. Ӯ бо ин хунари нависандагиаш ва азамату андешаи саршор аз хақиқатёбӣ хеле зуд бо хонандагони осораш самимият ва робитаи наздикеро эҷод мекунад, зеро ӯ аз дарду ранҷ ва сарсониву номуродии мардумони замонаш хуб огоҳ аст:

«Ду ҷойи муқаддас дорем. Пахтазор ва мазор. Ҳарду хамканоранд. Гов ба пахтазор бидарояд мекушемаш.

Подаро дар пахтазор роҳ нест. Онон, ки пушташон дар офтоб, аз субҳ, то шаб дар пахтазор чаҳорпо мегарданд, кистанд?! Не, подаро дар пахтазор роҳ нест! Онро дар мазор мечаронем-хоки падарон ширамон медиҳад! Як каф замин бепахта нест. Говамон ва гӯсфандонамон дар мазорхо устухони падаронамонро мехоянд, чун алаф нест ва пахта муқаддас, хӯрданаш бар гов мамнӯъ. Шом нонамонро бо говамон бо ҳам мебинем: хуб пеш рафтаем!» [1, 74].

Сабки С. Р. Афардӣ ба назар бисёр сода менамояд, аммо пайравӣ аз он сахт ва кори бисёр мураккаб аст. Ӯ як равиши тозаро ба адабиёти муосири тоҷикӣ оварда, ба

насри муосир, то андозае тобу тавони дигар додааст. Аз ин рӯ, метавон ӯро яке аз барҷастатарин нависандагони навпардозу навгарои насри муосири тоҷик шумурд.

Адабиёт

1. Сайф Раҳимзоди Афардӣ. Доғҳои офтоб. –Душанбе, 2003. - 296 с.

САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ МАОРИФПАРВАРӢ ДАР МИСР

Икромӣ Х. – аспиранти кафедраи филологияи араби ДМТ

Адабиёти муосир ва навини араб аз ибтидои асри XIX баъди рукуди фарҳангие, ки дар асари салтанати туркҳо ба вуҷуд омада буд, ба майдон омад. Зулму тааддии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ нисбат ба мардум сабабгори пурзӯршавӣ ва боло гирифтани мубориза ба муқобили зулму истибдоди бисёрасраи туркҳо, як рағбату майли хосеро нисбат ба фарҳангу тамаддуни миллии хеш дар дилашон бедор намуд ва онҳоро водор кард, ки анъанаҳои асили илмӣ ва фарҳангии худро нигоҳ дошта, ҳамқадами замон бошанд.

Дар ин марҳалаи ҳассоси таърихӣ зиёиёни Шарқ бо фарҳанги Аврупо шиносоӣ пайдо намуда, намунаҳои бехтарини онҳоро аз забонҳои фаронсавию англисӣ ба забони арабӣ тарҷума карданд. Чунончи аз даврањои баъдтари тараққии адабиёти араб мушохида менамоем, таъсири адабиёти Аврупо ба сарнавишти ояндаи адабиёти араб ва жанрҳои он дар бисёре аз кишварҳои араб таъсири пурборе гузошт.

Ҳар кӣ адабиёти муосири арабро мутолиа намояд, дармеёбад, ки дар асри навин дар ҷодаи шеъру шоирӣ ва пешбурди хама жанрҳои адабӣ дар сарзаминҳои араб Лубнону Сурия ва Миср ҷойгоҳи хоссаеро касб менамоянд.

Омилҳои наҳзат дар мамолики араб хеле зиёд мебошанд ва ҳар як омил сабаби пешрафти маорифпарварӣ дар ин кишварҳо мегардид. Мисол, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Миср дигар шуд. Дар Лубнон замони ҳукмронии амир Башир Шаҳобӣ (1789-1845) бошад, ҳамчун асри “гул-гулшукуфӣ” ном гирифтааст. Амир дар дарбори худ як қатор нависандагон ва шоиронро ҷамъ овард. Авомили зиёде барои пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ дар Миср сабаб шудаанд. Натиҷа ин аст, ки авомили асосии пайдоиши ҷараёни мавриди назар мадраса, матбаа, рӯзнома, маҷалла, китобхона ва ҷамъиятҳои илмию адабӣ буда, сарчашмаашон ба маорифпарварии Аврупо рабт пайдо мекунад.

Аз ҷониби дигар, адибони равшанфикр дар инъикоси тахаввулоти ҷомеа фаъол буданд. Равобити фарҳангӣ, адабӣ ва илмӣ дар ин замон густариш ёфт, ки ин гуна равобитро ҳам дар фаъолияти рӯзнома ва ҳам нашрияҳо ба хубӣ метавон дид.

Адабиёт

1. Ал-Фохурӣ Ҳ.Таърихи адабиёт ва забони арабӣ.- Теҳрон, 1995.-680 с.
2. Кирпиченко В.Н.Новая и современная литература Египта (IX-XXвв.). - М.,2003.-87с.

ЧАНД МУЛОҲИЗА ДАР БАЁНИ ИФОДАИ ДАВОМДОРИИ АМАЛ ДАР «كتاب الأصنام»-И АЛ- КАЛБӢ

Худойдова С. – муаллими калони кафедраи филологияи араби ДМТ

Зарфияти маънавии замонӣ дар феълҳои алоҳида ва муносибатҳои гуногуни онҳо дар ҷумла барои ифодаи замони амал, тӯлонияти саранҷомгардӣ ё идомаёбии амалу ҳаракат дар зарфи тӯлонии замонӣ, ҳамеша ба синтаксиси байниякдигарии афъол дар ҷумла мазмунан ва услубан иртиботи ногусастанӣ дорад.

Табиист, ки атрофи мавзӯи давомдории амал ва баррасии ин мавзӯъ олимони забоншинос мавқеъ ва ақидаҳои аниқу равшан ва асоснок пешниҳод кардаанд.

Дар мавриди ифодаи зарфияти маънавии амали давомдор, сифати он амале, ки феъл дар худ нигоҳ доштааст, забоншиносон бо назардошти танҳо мутлақияти амал мавқеи мустахкаме доранд.

Агар мо ба ин масъала ва аз ин паҳлӯи афъол бо ин иддао наздик шавем, он гоҳ бараъло равшан мегардад,ки ҳар амале, ки огоз гирифтаасту анҷом нагирифтааст, амали давомдорро ифодагар аст.Ин ҷо, албатта, протсесс-ҷараёнгирии амал, бардавомииамалу ҳаракат, ба анҷомнарасидани амали огозёфта дар маркази диққати хонанда қарор дошта бошад, зеро сухангӯ бо мақсади нишон додани тӯлонияту бардавомии амал чанд мақсадро анҷом доданӣ аст.

«Китоб-ул-асном» ва муаллифи он Абулмунзир Ҳишом бин Мухаммад бин Ассоиб ал-Калбӣ (ваф.соли 204ҳ-819, 820) яке аз бузургтарин намояндагони мактаби илмии Куфаю Багдод, таърихдону таърихшинос, донандаи ансоби арабҳо, ҳадис ва тафсири Қуръон аст.Ӯ зиёда аз 140 асар доир ба ҳамаи улуми мавҷудаи асримиёнагии араб таълиф кардааст.

Ал-Калбӣ ба таърихи тоисломии арабҳо ҳусни таваҷҷуҳи хоссае дошт. Таълифи китоби мустақиле оид ба сарчашмаву заминаҳои эътиқодҳои арабҳои пешазислом маҳсули арзишнокест ва хизмати шоистаест дар баёни таърихи арабҳо ва эътиқоду предметҳои парастиши арабҳо .

Ва он мардуме, ки мавриди тасвири ал-Калбӣ қарор гирифта, дусад сол ва беш аз он дар сарзамини Ҷазиратулараб - Арабистони Саудӣ маскан доштанд.

Табиист, ки муаллиф вақту замони воқеа ва замони таълифро бо услуби хосси илми замони худ ва вожаву ифодаи маъмулии муҳити илмӣ ва мактабии илмии ватани худ ба қалам додааст. Воқеан хам ин услуби баёни ал-Калбӣ ба мо имконият медиҳад, ки дар бораи давомдориву замони амалу ҳаракот бардоште анҷом диҳем ва ин манзараи забонӣ бо амсоли мутаддида аз ин асари таърихӣ мавриди назар қарор гирифтааст.

Афъоли дар ифодаи амали давомдор корбаст намудаи ал-Калбӣ феълҳое ҳастанд, ки яке дигареро тақвият дода, тасдиқ менамояд ва дар айни замони ҷараёндор ва бардавом амалеро бо навъҳои феълӣ, замони гузаштаи давомдор ва замони музореи давомдор мусалсал оварда мешавад.Ин усули тасниф дар тавсиф услуби хос ва мураотшавандаи илми асримиёнагии Арабу Аҷам ба ҳисоб мерафт.

Адабиёт

1).Ал-Калбӣ.Китобуласном. -Қоҳира, 1965.
2).Дубинина Н.В.Глаголы арабского языка. –М. 2005.
3).Эмомов А.Афъоли забони арабӣ. -Душанбе, 2011.

ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАРҶУМАИ ШЕЪРИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Диёров Ш. – ассистент кафедраи забони англисии ДМТ

Умуман баромад ва ё пайдоиши тарҷумаро дар таърихи тарҷума ба мисриҳо нисбат додаанд, инчунин баъзеҳо дар он назаранд, ки тарҷума дар давраи романҳо ба вуҷуд омадааст. Худи калимаи “*тарҷума*” бошад, дар фарҳангҳои гуногуни хориҷӣ ба маъноҳои гуногун шаҳр дода шудааст.Масалан, дар фарҳанги электронии забони англисӣ “*Lingvo*-5” чунин шарҳ дода шудааст. ***“A translation is a piece of writing or speech that has been translated from a different language”.***

Баъзе назарётчиёни илмии тарҷума дар он назаранд, ки аввалин тарҷумаҳо аз тарҷумаи китоби муқаддаси “*Библия (Bible)*” сарчашма гирифта, он аз забони лотинӣ ба забони англисӣ баргардон шудааст. Агар тарҷумаи осори бадеии форсу тоҷик ба забонҳои хориҷӣ, махсусан англисӣ аз қарнҳои XVII-XIX рушду нумӯъ ёфта бошад, пайдоиш ва инкишофи тарҷумаи осори назмии адабиёти форсу тоҷик ба садаи XX-ум рост меояд.

Тарҷумаи осори назмии хориҷӣ, махсусан забони русӣ, ба охирҳои асри XX рост меояд. Дар соҳаи тарҷума корҳои шоири шинохтаи тоҷик-Лоиқ Шералӣ хеле ва хеле барҷастааст, ки ӯ мероси назмии шоири машҳури рус Сергей Есенинро ба забони тоҷикӣ баргардонидааст.Қасидаҳои “Шикоят аз пирӣ”, “Модари май”-и устод Рӯдакӣ бахшида ба 1150-солагии эшон аз форсии тоҷикӣ ба забони англисӣ

баргардон шудааст.Инчунин, осори назмии шоирону нависандагони тоҷику форс Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолуддини Румӣ, аз ҳуруфи арабиасоси забони форсӣ баргардон шудаанд.

There is no happiness in this world,Ҳеҷ шоди нест андар ин ҷаҳон,
Better than meeting a friends, Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
There is no bitterness bitterer to the heart,Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,
Than separation from a close friends. Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТОЛКОВЫХ СЛОВАРЕЙ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

Мамадназаров А. – профессор кафедры английского языка ТНУ

